З У Л Ф И Я  А Т О Ӣ

# ДЕВОНИ ЗУЛФ

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 Тоҷик 7-4
А-92

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

А-92 **Зулфия Атоӣ. Девони зулф**.
– Душанбе, «Адиб», 2009. – 532 саҳ.

Зулфия Атоӣ беш аз чаҳор даҳсола аст, ки бо олами пурназокати шеър сару кор дорад ва чаҳор даҳсола аст, ки шеър мегӯяд. Аз китоби «Девони зулф» бармеояд, ки шоира дар эҷоди осори манзум ҳадаф, равиш, услуб ва сабки хоси худро бо заҳамоти зиёде барои эҷоди осораш коргар намудааст. Ва пайроҳаи эҷодиашро аз оғози шеъргӯӣ ҷуставу пайдо намуда, барои расидан ба мақсаду ниятҳо аз ҳамон пайроҳа ба шоҳроҳ омадааст.

ISBN 978-99947-64-01-3

© Зулфия Атоӣ, 2009

## ЗИНДАГӢ ДАР ШЕЪР

Зулфия Атоӣ. Шоира. Беш аз чаҳор даҳсола аст, ки бо олами пурназокати шеър сару кор дорад ва чаҳор даҳсола аст, ки шеър мегӯяд. Шеър мегӯяд барои худ ва баъди он ки писандаш ояд, пешкаш менамояд барои дигарон, барои ниёзмандон ва Худо кунад, ки ворисону оянадагон низ шеъри ӯро мавриди истифода қарор бидиҳанд. Яъне, Зулфия Атоӣ аз ҷавонии ҷавонӣ, аз овони дар мактаби ҳамагонӣ таҳсил доштан ба олами шеър ворид гаштаву шеър мегӯяд ва хушбахтона банда эшонро дар баробари нашри аввалин шеърҳояш мешиносаму офаридаҳои қаламашро мутолаа кардаам.

Ба ёд меорам соли 1970-и қарни сипаришудаaро. Иттифоқи нависандагони онвақтаи кишвар бо сарварии Қаҳрамони Тоҷикистон, шоири шаҳири тоҷик устод Мирзо Турсунзода нахустин ҳамойиши адибони ҷавони ҷумҳуриро даъват карда буд, ки дар қатори чанд тан аз ҷавонони эҷодкори навқалам банда ва Зулфия Атоӣ низ дар он бо аввалин офаридаҳои шогирдонаи худ ширкат доштем. Он вақт аввалин шеъре, ки аз забони Зулфияи имрӯз дар сухангустарӣ баркамол шунидам, ин буд:

*Аз гуляхи фасли дай*
*Тирезаҳо гул бубаст.*
*Оё зимистони сард*
*Ошиқ ба рӯям шуда-ст?*

Он вақт устодон ба офаридаҳои навқаламонаи мо, ба қадамҳои аввалини ба ҷодаи эҷод ниҳодаи мо баҳо

доданд, камбудиву норасоиҳои қалами моро гӯшзад намуданд ва таъкид карданд, ки омӯзем, аз осори адабии ноби беш аз ҳазорсолаи адабиёти форс-тоҷик баҳраҳои судманд бардорем ва дар эҷоди асарҳои бадеӣ, бахусус шеър, ҳамеша нисбат ба худ бераҳму сахтгир бошем. Вагарна ба майдони ин адабиёти шӯҳратёфта ва бою ғанӣ роҳ ёфтан саҳлу осон нест.

Зулфия Атоӣ донишҷӯйии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (он вақт Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ном дошт – А.М.Х.) шуд ва аз рӯзҳои аввал бо донишу биниш, ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ ва дарки масоили мубрами рӯз нисбат ба шарикдарсони худ иқдоме ҷасуртар дошт. Шеърҳояш дар қатори офаридаҳои адибони шинохта дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ интишор меёфтанд.

Омӯзиши хастанопазиронаи пайваста, машғулияти шабонарӯзии эҷодӣ мавсуфро ба Донишгоҳи адабии ба номи Максим Горкийи шаҳри Маскав бурд. Ин мактаби бузурги адабӣ ҷаҳони эҷодии Зулфияро вусъат бахшид, донишу бинишашро комилтар ва ӯро ба дарки адабиёти ҷаҳонӣ ҳидоят намуд. Аз он вақт то ба имрӯз беш аз чиҳил сол аст, ки Зулфия Атоӣ бастаю бандаи эҷоди осори бадеист ва табиист, ки бурдборона пеш меравад, маҳсули ақлу идроки худро бар манофеъи ҷомеъа равона месозад. Мавсуф аз нахустин китоби шеърҳояш «Ҷиҳоз» (1977) то китобҳои минбаъдаи ашъораш «Дидор» (1982), «Духтари дарё» (1986), «Меваи сабр» (1988), «Ишқи як зан» (1992), «Ситораи муштарӣ» (1998), «Зан агар ошиқ шавад» (2001) ва «Зулфи парешон» (2002), «Сояи зулф» (2005) шебу фарози роҳи шеърро бо ҳама ранҷу риёзати шоққа тай намуда, ҳамакнун мунтахаби ашъорашро таҳияву тадвин кардааст. Ва

«он ҷиҳозе, ки дар даврони тозаҷавонӣ шоира аз нахустин дастовардҳои тафаккури худ мураттаб намуда буд»[1], дар китобҳои баъдина аз ҳама ҷиҳатҳо ғанитар гардонидааст. Инак китоби нави шеърҳои шоира «Девони зулф». Он аз силсила ё фаслҳои «Чакомаи бедорӣ», «Чеҳрасозон», «Рӯзҳо – сӯзҳо», «Ҳафт ситора» (силсилаҳои шеър), «Сиришки зан», «Фарзанди ширин» (шеърҳо барои кӯдакон), «Хатти озодӣ» (манзума) ва «Баҳоронро чаро духтар нагӯянд?» (дубайтиҳо) иборат буда, ифодакунандаи розу ниёз, сӯзу гудоз, шодиву ғам, бешу кам, муҳаббату ҳиҷрон ва баёнгари олами ботинии шоираанду эҳсоси равонии ӯро дар маҷмӯъ таҷассум кардаанд.

Аз мунтахаби нави ашъори Зулфия Атоӣ бармеояд, ки шоира дар эҷоди осори манзум ҳадаф, равиш, услуб ва сабки хоси худро бо заҳамоти зиёде барои эҷоди осораш коргар намудааст. Ва пайроҳаи эҷодиашро аз оғози шеъргӯӣ ҷуставу пайдо намуда, барои расидан ба мақсаду ниятҳо аз ҳамон пайроҳа ба шоҳроҳ омадааст. Дигар ин ки таҳсил дар мактаби бузурги адабии шаҳри Маскав ва азбар намудану таъсири осори адибони ҷаҳонӣ ба зеҳни дарроку фарогири Зулфия Атоӣ ӯро водор намуда, ки баробари донистану суд бардоштан аз адабиёти миллӣ ба адабиёти ҷаҳонӣ огоҳона муносибат намояд ва дарёфтҳо аз ҳар дуро дар эҷодиёти худ самаранок махлут созад.

Яъне, Зулфия Атоӣ имрӯз бо боварӣ шеър мегӯяд барои ҳама, барои давру замони ҳол ва умеди он дорад, ки писанди фардоиён низ шавад:

---

[1] Матлубаи Мирзоюнус, Розҳои лолаи худруста// «Ҳақиқати Ленинобод», 15 майи соли 2004, № 39 (16061).

*Аз зиндагӣ мақсуд чист, з-ин сӯзи дилҳо суд чист?*
*– Шеъре, китобе, мисрае шояд зи мо монад нишон!*

Ӯ шеър мегӯяд бо муҳаббат, ошиқона, содаву шево, дур аз печидагиҳову муғлақбаёнӣ, муболиғаву иғроқҳои ноҷову нораво. Намуна:

*Дил бенаво шуд, бенаво,*
*мизроб ку, мизроб ку?*
*Шаб бесафо шуд, бесафо,*
*маҳтоб ку, маҳтоб ку?*
*Лайлотар аз Лайло манам,*
*як лолаи саҳро манам,*
*Дар панҷаи маҷро манам,*
*он соҳили шодоб ку?...*

Шоира пеш аз он, ки шеър мегӯяд, худ омодаи ҳамон ҳолат аст, ҳолатро бо забони шеър дар воқеият дарк менамояд. Вай баробари навиштани шеър, тавре ки мулоҳиза рафт, худро ба ҷойи хонанда мегузорад. Гӯё шеъре, ки рӯйи коғаз омада аслан офаридаи ӯ нест, балки ӯ танҳои танҳо хонандаи шеъри рӯ ба рӯяш аст. Ин равиши суханварест, ки вуҷуди худро барои каломи ноб, сухани мавзуни дархурде истиқбол мебахшад. Агар ба шеърҳои «Барои шеър месӯзам», «Нони шоир чун гиреҳ андар гулӯ», «Дар оромгоҳи Аллома Иқбол», «Шеъри нав» ва ғайраи шоира, ки теъдодашон зиёд аст, нигоҳи амиқ равона шавад, пайдо мегардад, ки мавсуф аз нахустин сатрҳои каломаш то ба имрӯз барои шеър ва эҷоди он ҳастии худ, умеду орзуҳои худро сарф кардааст.

Ин ҷо пеш аз он ки роҷеъ ба дарунмоя ва мӯҳтавои мунтахаби ашъори Зулфия Атоӣ чанд андешаи

муқаддамотиву мушаххасро иброз дошта бошем, мебояд доир ба вижагии тарзи баёни ӯ ду-се ҳарф гуфт. Тарзи баён ва услуби нигорандагии ин эҷодкор дар бепардаву рӯшан, содаву равон тасвир кардани аҳдоф аст, ки хосаи ӯст. Дар шеъри Зулфия Атоӣ равишу маҷрои шеъри Аврупо, умуман ҷаҳонӣ, дар омезиш бо шеъри суннатии мо, баръало намоён аст. Дарзу дӯхти шеъри ин шоира бо ҳамин фарқ мекунад ва вақте ашъори шоираро мехонем ва ё нақди адабӣ онро мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқ қарор медиҳад, бояд ба сурудаҳои эшон, аз ҳамин зовияи дар назари аввал то ҷойе хираву норавшан, назар андохт. Вагарна бештари шеърҳои ин мунтахаб бароямон сода менамоянду аз маънияшон камтар лаззатёб мегардем. Барои дарки андеша ва боварӣ метавон ба шеърҳои «Душанберо шудам пазмон», «Чеҳрасозон», «Тавлид», «Даъват», «Ҳафт пайкар», «Шевани рӯҳи Тоҷикистон», «Изҳори ишқ», «Роҳи ман», «Меъроҷи шоир», «Хоҳарон», «Фарзандталаб», «Муму», «Сад калоғро як санг», «Гаҳвораи шеър», «Ғори девона», «Талош» ва даҳҳои дигар таваҷҷӯҳ кард. Ва ё биёед шеъри «Себи сурх»-и шоираро ботаҳаммул хонем:

*Яке ман себ будам, себи пурнур,*
*Бубин, боди вазон бо ман чиҳо кард.*
*Биёварду даруни рӯд андохт,*
*Ба шӯру шевани мавҷ ошно кард.*

*Равон ҳастам кунун бо рӯди пуршӯр,*
*Раҳоӣ нест аз мавҷи сабуксор.*
*Агарчи пеши раҳ пасту баландист,*
*Надорам шиква аз амвоҷ зинҳор.*

*Равонам, лек ҳар як санги соҳил*
*Нигоҳи хастае дорад ба сӯям.*
*Зи пешаш бигзарам хомӯш, хомӯш,*
*Ба санги монда дар соҳил чӣ гӯям?*

*Равонам, сурхии рӯ кам нагашта-ст,*
*Дилам озурдаю пурғам нагашта-ст.*
*Ҳаётам гарчи пур аз доругир аст,*
*Рухам аз оби дида нам нагашта-ст.*

*Равонам, дар қатори мавҷу ошӯб,*
*Надорам шиквае аз буду нобуд.*
*Маро бо суръату туғёну мастӣ*
*Куҷоҳо мебарӣ, эй рӯд, эй рӯд?!*

Зулфия Атоӣ дар дарёфт ва интихоби мавзӯъ низ равиши худро дорад. Вай тақлидро намеписандад. Мавзӯъу муҳтавои ашъори шоира умуман ва мунтахаби ҳазо махсусан, таври умумӣ аз зиндагии ҳаррӯза ва ҳаводисе, ки дар он рух медиҳад, чун дигар эҷодкорон, гирифта шуда бошад ҳам, вай ба онҳо бо диди шоиронаи худ менигарад.

Муҳтавои бештари шеърҳои мунтахаб аз муҳаббати саршор ба ватан, тавсифи инсон, ишқи пок, шукӯҳи диёр, тасвири нотакрори табиати кишвар, ёди баччагӣ, оғӯши гарму нарми модар, сафову саодати хонаи падар, воқиаҳои нохуши дар солҳои гузариши истиқлол ба сари мардумамон омада, ҷаҳони орзуву ниёзҳои шоира, олами маънавӣ ва садрангии эҳсосу идроки ӯ, ҳасрати гумкардаҳо ва монанди инҳо иборат буда, аз ҳамон сарчашмаҳои пурпечу тоб, саркаш ва шӯхи зиндагӣ маншаъ гирифтаву шодоб гардидааст. Шоира дар шеърҳои худ огоҳона

лоф аз ишқи пок мезанад, садоқату ҷасорати зани тақдирҷунбону созандаро рӯйи дафтар мекашад ва ошиқонро ҳушдор медиҳад, ки:

*Маро гуфтӣ: – Чаро зебо нагаштӣ?*
*Чаро чун Зуҳраву Узро нагаштӣ?*
*Ало кӯри худу бинои дигар,*
*Чу Маҷнун ту чаро шайдо нагаштӣ?!*

Шеърҳои «Ишқи занона», «Баҳори ишқ омад», «Дарди ишқ», «Марди сазовор», «Чун ёри ман астӣ», «Изҳори ишқ», «Агар ман мард мебудам», «Баъд аз ин», «Ошиқ бишав», «Ишқи ман», «Ишқро бедор кун», «Овози нигоҳ», «Рӯҳи Зулайхо» ва амсоли инҳо ошиқона, бо кӯшишу ҷӯшиши дили гирифтор офарида шуда, аз барору нобарориҳои ишқи тавонои зан ҳикоят мекунанд. Ишқи занона дар ашъори Зулфия Атоӣ мавқеи алоҳида ва таҳдоби қавӣ дошта, номбурда ин мавзӯъро дар адабиёти муосир такони назаррасе додааст. Натоиҷи ковишҳои бадеии шоира дар ин самт симоҳои нав ба нави хоси килку тафаккури бонувони сухангустарро ба бар овард ва ба ин роҳу васила як баста тимсолҳои тозаи ифодакунандаи ҷаҳони андешаҳои нисвон дар шеъри имрӯзи адабиёти мо мавқеъ пайдо кард. Дар ин маврид дар шеъри шоира маъшуқа ба ошиқ бештар мурочиат намуда, ӯро дар беаҳдиву бевафоӣ мазаммат (Дар ин дунёи дунпарвар сафи номардҳо афзун...), дар вафову сидқ ситоиш (Мард агар ошиқ шавад, дунё ҳамегардад биҳишт...) менамояд. Қаҳрамони лирикии Зулфия Атоӣ дар симои зан на камтар аз мардон аст. Ишқи зан, аҳди зан, зӯру ҷасорати зан дар ишқбозӣ (Ёри туам, ёри туам – Зулфи парешони туам...) ва гоҳе ғолиб

омаданҳо дар ҷодаи зиндагӣ бар ошиқи сустпаймон муҳтавои шеъри шоираро бою ғанитар, ҷолибтар ва хотирмонтар сохтааст, ки бо овози баланд мегӯяд:

*Дили ман ташнаи ишқат, биёву дӯстдорӣ кун,*
*Шукуфад то гули рӯям, диламро ғамгусорӣ кун.*
*Ҳамегӯянд: – Мардонро сухан мисли Худо яктост,*
*Агар марди сухан бошӣ, ба қавлат пойдорӣ кун!*

Боре Зулфия Атоӣ дар боби ҳунараш оид ба офаридани симои зан дар шеър навишта буд: «Аз шиносоӣ бо таърихи ашъори занон ва умуман ҳаёти зани тоҷик дарк намудам, ки олами зан як олами пур аз розу афсуну муаммоҳо бо ҳама печидагиҳояш ниҳон аз назарҳо монда. Олами зани тоҷик як ҷазираи асрорангез ва ё ситораи дастнорасеро монад, ки интизори кашшоф аст. Дунёи зан бинои чилҳуҷраеро монад, ки танҳо ду-се ҳуҷраи он боз шудаасту халос. Ку калиди ҳуҷраҳои дигар? Ба он мекӯшам, ки шеърҳоям таҷассумгари дунёи зан гардад. Ҳар қадар занро амиқтар омӯхтам, мураккабии олами ӯро бештар дарк кардам?»[1]

Маъшуқае, ки Зулфия Атоӣ ба риштаи тасвир мекашад, дар баробари нозу истиғно, карашма ва қадру қимати худро дар назди ошиқ донистан меҳрбону ҳалим, дилсӯзу ғамгусор ва дар зарурат дастгиру мададгори ошиқ аст, ки мегӯяд:

*Эй ёри ман, раҳпӯйи ман,*
*эй ишқи ту нерӯи ман,*
*Аз гармсӯзи ғусса шав*
*дар сояи гесӯи ман.*

[1] Рӯзномаи «Садои мардум». Аз таърихи 8 октябри моли 1994.

Зулфия Атоӣ аз қаламкашонест, ки буди худро, рӯзгори худро, кору бор ва эҷоди худро ҳамроҳ бо масъулияти ҷамъиятиаш ба зодгоҳ, ба ватани маҳбуб, ба Тоҷикистони азиз тасаввурнопазир медонад. Вай дар ҳама ҳолатҳо ҳамдаму ҳамнафаси аҳли диёр аст. Шоира дар ғами меҳану ҳамдиёрон ошуфтаҳолу ғамгину бетоб ва дар шодиашон шоду болидаву бардам буданашро тавассути лафзи шоирона гаштаву баргашта таъкид месозад, ҳамватанон – тоҷикистониёнро барои осудагии ҳамдигар ва ободии кишвар бо самимияти хоса даъват менамояд. Шоира бо муҳаббати бепоён нисбат ба диёр дар дил ин орзуро мепарварад:

*Дар баҳорон хамчу мурғони баҳор*
*Кош гардам кишварамро сар ба сар,*
*То бубинам ҳар ваҷаб хоки варо,*
*То шавам ман аз ҷамолаш бахравар.*

Шоира бо меҳри саршор Тоҷикистонро **«манзили биҳиштосо», «рашки ситорагон», «хоки ҷонпарвар», «ҳисори зарнисор», «ғазали рӯдбор», «маҳбубтарин диёр», «хонаи обод», «манзилгаҳи аҷдод», (Тоҷикистон, хонаи ободи ман-Маҳди ман, манзилгаҳи аҷдоди ман), «макони гулафшон», «гӯшаи зебову сарсабзи ҷаҳон»** ва монанди инҳо тасвир карда, аз он ифтихор мекунад, ки чунин ватан дорад.

Солҳои пурташвишу мудҳиши гузариш, ҳамдигарнофаҳмиҳо ва ба ҳамин баҳона чандин гапу ҳарфи дигар барои мардуми Тоҷикистон, чун дигар ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ имтиҳони ҷиддии

ватандорӣ буд. Дар он солҳо ҳар кас ба таъбире «аробаи худ» – ро мекашид. Ҳатто зиёиёну рӯшанфикроне ин бори гарони вақтро бар дӯш бардошта натавониста, зодбумро тарк мекарданд. Бар муқобили ин раванд фарзандони ҷоннисоре низ буданд, ки ҳастии худро бе ватану муттаҳидии мардуми шарифи он ғайри тасаввур дониста, ҳар нафас талоши он менамуданд, ки Тоҷикистони ободон барҷой бошаду сокинони он парешон нашаванд. Ва он рӯзҳо адабиёту адибони он низ бори гароне бар дӯш доштанд. Ба ин маънӣ, дар шеърҳои иҷтимоии онвақтаи Зулфия Атоӣ «Даъват», «Таҳқир бас», «Тифли пойбараҳна», «Халқи ман, бедор шав», «Ману дарди Тоҷикистон», «Шевани рӯҳи Тоҷикистон», «Гилае аз Ҳофиз» шеваи неки пиндору гуфтору рафтор дар ҳамоҳангӣ бо забони шево дилсӯзона таҷассум ёфтааст. Ин суханвари ватандӯсту меҳанпарвар некбинона ба ҳамдиёрон муроҷиат намуда, бо забони шеър гуфта буд:

*Маравед, эй азизон, маравед, эй азизон,*
*Ба диёри дури ҳиҷрон зи канори Тоҷикистон.*
*Ки ватан – уқоби бепар,*
*ҳама тан наҳифу лоғар,*
*Нигарони меҳри модар, нигарони лутфи Яздон…*

Зулфия Атоӣ аз лаҳзаҳои аввали давраи гузариш нисбат ба Тоҷикистони озод ва мардуми он некбин буд, ҳамеша ҳамдиёронро ба бедориву худшиносӣ ва ягонагӣ даъват менамуд. Ин мавзӯъи доғ ҷанбаи иҷтимоии ашъори номбурдаро қавӣ сохтааст. Шеърҳои иҷтимоии шоира «Оли Сомон, оли тоҷик», «Тоҷикистон», «Дар оромгоҳи Аллома Иқбол», «Тоҷик нашуд сархам», «Афсуншуда», «Соли назму соли

базм», «Иштибоҳи мо бубахш», «Шаҳри меҳр», «Шимолӣ», «Шароби маънавӣ» ва ғайри бештар рӯҳияи ҳидояткунанда ва даъватӣ дошта, намоёнгари онанд, ки вай аз дарични сохту равиши имрӯзаи ҳокимият ба диёраш ба оянда нигоҳ мекунад, фардову фардоҳои онро нурониву дурахшон мебинад ва аз ин ба ҳамдиёрони худ пайғомҳои хуш медиҳад. Бо ин ҳама ҳанӯз ҳам дили шоира бо сабабҳое хиҷолатзада аст. Парешонии ҳамдиёрон, ноҷӯриҳои рӯзгор, дарди Бухорову Самарқанди аздастрафта, касалии ҳанӯз табобатнаёфтаи маҳалгароиву нашъамандӣ, ки теша бар решаи миллати кӯчак мезананд ва ғайра ба ҳастии ӯ фишорҳои сахт доранд, тафаккури ӯро осуда намегузоранд. Мавсуф ба ин дардҳои худ аз аллома Иқболи Лоҳурӣ посух меҷӯяд, ки замоне ба сари халқи ӯ низ ин мусибатҳо омада буданд ва ҷавоб мегирад:

*Бар сухан омад лаби Донои Роз:*
*– Бохабар ҳастам аз ин шебу фароз.*
*Дарди халқат дарди ноҷои маҳал,*
*Аз маҳалбозон диёрат пурмағал.*
*Тухми кинро дасти нопоки адӯ*
*Кишт карда дар дили халқи накӯ.*
*Дарди миллат аз «туву ман» омада,*
*Ин вабо бо дасти душман омада.*
*Ҳар куҷо дарди маҳал шуд дар хуруҷ,*
*Он макон монд аз камолот, аз уруҷ.*

Ва имрӯз он рӯзҳою моҳҳою солҳои аввали гузариш барои озодию мустақилии кишвар нест. Дар диёри шоира зина ба зина беҳбудиву некӯаҳволӣ эҳсос карда мешавад. Вай дар шеъри «Қарни XXI» бо умед мегӯяд:

*Кош з-ин пас меҳр афзунтар шавад,*
*Қарни ишқу меҳрбонӣ сар шавад.*
*Офтоби бахти мо пурнуртар,*
*Абри ғамафзо парешонтар шавад.*

Дар як силсила шеърҳои ин маҷмӯа сухан аз ҷасорат ва сабру тоқати зани тоҷик дар лобалои зиндагӣ рафтааст. Дар ин боб ба силсилаи шеърҳои «Сиришки зан» агар батаҳаммул нигоҳи амиқи рамузфаҳм равад, ҳама чиз рӯшан аст. Бояд зан, ба андешаи Зулфия Атоӣ, монанди худои Ҳинд шаш даст дошта бошад, то кору бори рӯзгорро сари вақт ба сомон расонаду барои дар назди ойина нишаста худро ороиш додан фурсат ҳам пайдо кунад. Занон дар шеъри ӯ рассомонеанд, ки ҳар саҳар тарҳи чеҳраи хешро ба тарзи нав мекашанд (Мо занон рассом ҳастем...) ва бад-ин роҳ нороҳативу хастагии рӯзгорро тавассути зебу орои худ нодида мегиранд. Лекин, мутаассифона, гоҳе бехабар мемонанд, ки аз рангу бори зиёд чеҳраи аслии худро гум мекунанд.

*Ҳеҷ кас аммо намепурсад зи мо,*
*Чеҳраи асли шумо охир куҷост?*

Дар мунтахаби ашъори Зулфия Атоӣ тасвири ишқи поку беолоиш, муҳаббати саршор, васфи ватан, заҳамот ва чеҳраҳои мондагори шахсиятҳои созанда ҳам аз нигоҳи маънавиёт ва ҳам нигоҳи иҷтимоиёт, ҳамдигарфаҳмӣ, ягонагиву ваҳдат, таҳкими сулҳу бародархондагӣ, тасвири ҷузъе аз носозгориҳои рӯзгор, сифати корнамоии заҳматкаши оддӣ бо маънавиёти озодаву фалсафаи замон омезиш ёфта,

равону сода ва хушоҳангу гӯшнавоз суруда шудааст. Ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии фарох, шодиву ғами ҳамнавъонро дар пайкари занонаи худ гунҷонидан, ҷузъиёти зиндагиро бо ҳама бурду бохт ва дарду дармонҳояш дидаву дарк намуда тавонистан шоираро дар роҳи ноҳамвори адабиёт ба мурод расонидааст. Дар шеърҳои мунтахаб услуби баён дар ҳама ҳолат ҳамон равишу услубест, ки ишорат рафт ва ин услуб дар тамоми офаридаҳои эҷодии шоира ҳамоҳангу якнавохт ва бо гомҳои эътимодбахш ҳаммарому мувофиқ омада. Истифодаи калимаву таркибу иборати **хуни гарми шеър, гуляхи зимистон, лолаи саҳро, лолаи худруста, тӯтишоирон, гӯши ғазалпарвар, сафири мулки сангистон, девонаи ҳушёр, баҳори коғазӣ, ҳиндуи зулф, шаҳри офтобӣ, шаҳри бевафоҳо, дарёчаи қолабшикан, қисмати беор, силии тақдир, сурури бехазон, барфу борони дурӯғ, меҳроби баланди шеъри тар, киштии армон, лолаи пой дар гил, лолаи тилло, дарахти оташ, мазори покмардон, мардони кор** ва ғайра асосан хоси баёни Зулфия Атоӣ буда, дар ҳамбастагӣ бо санъатҳои бадеии лафзиву маънавии латиф шеъри ӯро ҷозибанок кардаанд. Ҳамин аст, ки самимияту тағйири ҳолат, табоеъи авзои равони шоира ва қаҳрамони лирикии ӯро метавон аз тобишҳои маънавии ин қабил таркибу иборати мавриди истифодаи нигоранда дарёфт, ки дар ин роҳ таҳқиқу пажӯҳишҳои доманадор дар пешанд.

Доир ба шеъри шоира гуфтаҳои фавқ далели онанд, ки Зулфияи хушзавқу соҳибистеъдоди мо имрӯз бо орзуҳои нек ва боварии том рӯйи саҳнаи адабиёт қадамҳои бардаму итминонбахш мениҳад, барои рушду нумӯи ояндаи адабиёти ғановатманди

форс-тоҷик ҳиссагузорӣ мекунад ва далел ҳамин маҷмӯаи «Девони зулф» аст.

Мехоҳам хулосаҳои ин андешаҳои кӯтоҳи банда роҷеъ ба мунтахаби «Девони зулф»-и Зулфия Атоӣ шеъри «Ҳамсафари худ»-и шоира бошад, зеро ин шеър фарогири рӯшани ҳолати рӯҳонӣ ва такондиҳандаи андеша ва тахайюли рангини ӯст:

*Вақти он аст синону сипари худ бошам,*
*Дар раҳи умр кунун ҳамсафари худ бошам.*
*Гоҳ дарё шаваму гоҳ дарахти оташ,*
*Шафақи субҳгаҳи худ, шарари худ бошам.*
*Баҳрабардор зи умри гузарон ҳар соат*
*Соҳиби ному мақому ҳунари худ бошам.*
*Соябонам – падарам аз сари ман рафт, дареғ,*
*Вақти он аст, азизон, падари худ бошам.*

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ***

# ЧАКОМАИ БЕДОРӢ

## ИМТИҲОН

*Бедил, ин дунё на имрӯз имтиҳонгоҳ асту бас,*
*То ҷаҳон боқист, зан меозмояд мардро.*

*Бедил*

Эй хилқатат гил ҳасту гил, эй ҷон, чаро дил ҷӯямат?
Дар базму маҳфил ҷӯямат, дар баҳру соҳил ҷӯямат?

Дил дода бар пероҳанак, бар зевару бар сӯзанак,
Алъон шудӣ як оҳанак, ҳар лаҳза ботил ҷӯямат.

Мирриху маҳ паймудаӣ, бисёр раҳ паймудаӣ,
Гоҳе зи авҷи Каҳкашон, гоҳе зи манзил ҷӯямат.

Эй мард, эй шоҳи замин, нопухтаӣ, айбат ҳамин,
Кай меҷаҳад аз ту шарар? Аз санг ҳосил ҷӯямат.

Ҳамчун хамир ошӯрамат, нони фатир ошӯрамат,
Гар пухтатар гардӣ, сипас бар хеш моил ҷӯямат.

Эй бодапарвар, бодхӯ, бо душманам дар гуфтугӯ,
Ту бехабар аз ҷавҳаре, ман марди комил ҷӯямат.

Рӯзе туро пайдо кунам, бар ҳусни худ шайдо кунам,
Ҳарчанд як худкомаӣ, ҳарчанд мушкил ҷӯямат.

## ДУШМАНИ ШЕЪР

Занҷир барои чист? Болу парам оташ зан!
Шеърам чу намехонӣ, бар дафтарам оташ зан!

Ман нораму ман нурам, ҳақгӯ лаби Мансурам,
Андеша барад дурам, фикри сарам оташ зан!

Ман рози ниҳонатро аз чашми ту мехонам,
Беному нишон хоҳӣ? Бому дарам оташ зан!

Оташ ба китобам зан, бар зулфу суробам зан,
Ҳар сафҳаи хунрезам, шеъри тарам оташ зан!

Бо қалби ғазалгӯям чун духти шаҳаншоҳам,
Бадбахт маро хоҳӣ? Тахти зарам оташ зан!

Гар шеъру ғазал гуфтан шарманда маро созад,
Ин қалби гунаҳафзо, хунёгарам оташ зан!

Гар аз қадаҳи лола як ҷуръа бихӯрдам май,
Ту лолаи лабҳоро бо соғарам оташ зан!

Дар байни ҳазорахтар истораи ман ҳам ҳаст,
Гар даст расад алъон, ту ахтарам оташ зан!

Ман лангари худ мондам дар пушти сухансангар,
Ҳам лангарам оташ зан, ҳам сангарам оташ зан!

Як рӯз биёӣ гар бар гӯри хамӯши ман,
Гулҳои хазонгашта, хокистарам оташ зан!

## СИПОҲИ ОДАМАКҲО

Нокасии нокасон бин, бар дилам зад,
Зарбаҳои нотавонбин бар дилам зад.

Санг омад даста-даста бар сари ман,
Баста-баста бори сангин бар дилам зад.

Аҳриман дар ҷомаи поки малак шуд,
Нағмаҳоиону ҳам ин бар дилам зад.

Саҳнаҳои зиндагонӣ моҷаропеч,
Меҳрро олудани кин бар дилам зад.

Сулҳ бастам бо шағолу гургу рӯбоҳ,
Оҳ, сулҳи ҷангойин бар дилам зад.

Одамакҳо гирди ман лашкар кашиданд,
Санги дилшон – санги нафрин бар дилам зад.

Бас фиребо ҷилва дорад духти шайтон,
Рақси урёни шаётин бар дилам зад.

Шаҳрзод аз мӯд монд, афсонагардон,
Қиссаҳои талху ширин бар дилам зад.

Сӯи душман тез кардам ман қаламро,
Бебақо ин лашкар, омин, бар дилам зад.

## ЧАКОМАИ БЕДОРӢ

Насими ишқ меояд, насими ишқ меояд,
Дигар хоби зимистон бас, дили бедор мебояд.

Чаро сад сол хобам бурд? Осори ҷамолам ку?
Куҷо машшотаи гулдаст, зулфонам биорояд?!

Чаро бар ханҷари мижгон чунин зангору беобӣ?
Ба рафъи занги мижгонам нигоҳе оташин бояд.

Замоне ҷуфти абрӯям камони шерафкан буд,
Камон бишкаст, аз ин пас куҷо бар кор меояд?

Замоне атри нозам шаҳрро мекард атрогин,
Дар ин ҷода дигар бӯе ба ҷуз ҳасрат намепояд.

Ба ғафлат рафт чанди умр, дар гӯш аст панди умр:
Гаронхобӣ гарон омад, дили бедор мебояд…

## БИҲИШТАМРО КУҶО БУРДӢ?

Ало, эй мард, эй султон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?
Ало оташ, ало тӯфон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Шароби талх овардӣ, гулоби Балх овардӣ,
Ало сармасти ҳушёрон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Сари чашма, лаби дарё, барӣ аз ғуссаи дунё,
Шаби зебои хушборон биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Биҳиштам дар дилу ҷон буд, биҳишти ҷону ҷонон буд,
Бибурдӣ ҷону дил, эй ҷон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Гули пурнури баргафшон, бувад баргаш забони ҷон,
Куҷо дил? Кардаӣ пинҳон! Биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Чи чашме? –Пораи гардун! Нигоҳе содаю маҳзун,
Балоафкан, балогардон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Мабар арзон дили нодон, диле бахшо, гуле бистон,
Куҷо шуд иззати меҳмон? Биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Ало, эй шоҳ, тоҷат ку? Харидорӣ? Хироҷат ку?
Ало, эй дудаи Сомон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Садо аз дур меояд, сафою нур меояд,
Занад бехуд дили тилфон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Ало мавло, ало султон, сафири мулки сангистон,
Ғазал бар лаб, ғазал дар ҷон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

Гули Дарвоз мехоҳам, зи нав парвоз мехоҳам,
Ало шаҳбози болафшон, биҳиштамро куҷо бурдӣ?

## ОВОЗИ НИГОҲ

Ман рози худ гирд оварам аз ҳар забон, аз ҳар макон,
Ман ишқро пинҳон кунам аз чашмҳои роздон.

Аз нози арзон алҳазар, аз ишваборон алҳазар,
Ман тифли нози хешро печонам андар парниён.

Боли фаришта боли ман, асло мапурс аз ҳоли ман,
Аз ишқи ту пар мекашам то ахтарон, то Каҳкашон.

Нохун бизан бар тори дил, мизроби ман, мизроби ман,
Фарёди беовози дил ояд бурун аз ҷони ҷон.

Эй муштарии нозҳо, дар чашми ту овозҳо,
Бо чашм даъват мекунӣ аз остон бар осмон.

Афсонаи Юсуф дигар тифлона як афсона шуд,
Боло туӣ, воло туӣ, афсунгари охирзамон.

Гӯяд лабонам бесадо: «Аз ман бирав, аз ман бирав»,
Ҷонам кунад афғон вале: «Бо ман бимон, бо ман бимон!»

## САРВИ ПОЙБАСТА

Дар раги шарёни ман хуни Зулайхо метапад,
Дил даруни синаам аз ишқу савдо метапад.

Асли зан аз оташу шабнам агар бунёд шуд,
Дар миёни обу оташ рӯҳи воло метапад.

Мисли сарви пойбаста гаштаам узлатнишин,
Навдаҳои кокулам аз боди саҳро метапад.

Ҳар дамам дил бехуд аз зарби қадамҳо мезанад,
Ҳар дамам дил бехуд аз нақши қадамҳо метапад.

Шеваи ҳурон зи бар кардам, вале ку дилшинос?
Во дареғи қалби танҳо, зору шайдо метапад.

Ояти афсунгарӣ хонам, нахонам, суд нест,
Ку дигар дарёдиле, к-ин дам чу дарё метапад?

## НОЗУ РОЗ

Гоҳ-гоҳе аз азизат ёд кун, мавлои ман,
Ин дили бишкастаро обод кун, мавлои ман.

Чун шароби мардафкан мондаам дар хум ниҳон,
Ин ниҳон бинмо аён, дил шод кун, мавлои ман.

Бар сумангаҳ, ҷони ман, мурғи вафоро вораҳон,
Ё маро аз банди рашк озод кун, мавлои ман.

Ишваҳои нимаранге ҳар гаҳат аз худ барад,
Нозҳои розпӯшам ёд кун, мавлои ман.

Бар вафои мард ман бовар надорам то абад,
Ин хаёли содаро барбод кун, мавлои ман.

Бӯи атри ғуссаро бар аз фазои қисматам,
Бӯи атри бӯсаро эҷод кун, мавлои ман.

Шохаи урёни хурмо нолад аз бебаргиаш,
Қалби урёнро умедобод кун, мавлои ман.

Лолаи худрустаам ман, пойдаргил мондаам,
Пойдаргил лоларо имдод кун, мавлои ман.

Зулфи маҷнунбедро ҳар гоҳ сархам бингарӣ,
Зулфи худро бо ҳавас фарёд кун, мавлои ман.

## АТОИ ИШҚ

Махон бар гӯши ман ҳоло ғазалҳои ҷудоиро,
Намедонӣ, намедонӣ зибас бону Атоиро.

Худои ишқи ман гаштӣ, атои ишқи ман гаштӣ,
Намехоҳам дигар аз бехудӣ ман бехудоиро.

Фитодӣ бар каманди ман, марав аз дому банди ман,
Зи тори зулфи шабрангам маҷӯ роҳи раҳоиро.

Зи ғафлат пунба андар гӯш будат то ба ин даврон,
Раҳо кун пунбаро, бишнав садои бесадоиро.

Дар ин даврони дилсардӣ замину осмон ях баст,
Кушояд то яхи фикрат, бирон фикри ҳавоиро.

Бигир аз ман дили рӯшан, дили рӯшан ба ман бахшо,
Агар хоҳӣ дар ин дунё сафою рӯшноиро.

Туӣ оғозу анҷомам, ту ҳастӣ субҳу ҳам шомам,
Ба ту бахшидаам аз ҷон ҳамин ишқи ниҳоиро…

## ГАҲ ОСМОН, ГАҲ ОСТОН

Ҷони туям, ҷони туям, зулфи парешони туям,
Наънову райҳони туям, оҳуи ҳайрони туям.

Гаҳ Шаҳрзоди қиссагӯ, гаҳ хонарӯбу дегшӯ,
Гаҳ хоки раҳ, гаҳ гарди каҳ, гаҳ ганҷи пинҳони туям.

Гар пурҷафо, пургуфтугӯ, абри сиёҳе – чини рӯ,
Гар розҷӯю розгӯ – дунёи армони туям.

Гоҳе хирадпеша манам, фарди баандеша манам,
Гоҳе вале девонахӯ, ошуфтасомони туям.

Гоҳе шаҳи афсонаам, гоҳе канизи хонаам,
Гоҳе баҳори гулфишон, гоҳе зимистони туям.

Гоҳе ба нозат ҷонфишон, гоҳе ба нозам ҷонситон,
Гаҳ бебаҳо мушки Хутан, гаҳ атри арзони туям.

Бо ин ҳама саҳву хато гаҳ бо садо, гаҳ бесадо,
Як шоири гапнодаро, ёри ғазалхони туям.

## ДАР СОЯИ ЗУЛФ

Гар меравӣ аз баҳри ҳаҷ, аз ман Худоямро бипурс,
Меҳру паёмамро расон, рӯзи ҷазоямро бипурс.

Як пора гил, як пора дил, як пора шаб, як пора рӯз,
Зулфи сиёҳамро бигӯ, рози сафоямро бипурс.

Гар сохт ӯ ошиқ маро, гар сӯхтам сар то ба по,
Сирри ҷунуни ҳастиям, сар то ба поямро бипурс.

Оғози шеърам ишқ, ишқ, сози замирам ишқ, ишқ,
Ишқам саропо ибтидост, ту интиҳоямро бипурс.

Гар худ қалам фармуда ӯ, сӯзу алам фармуда ӯ,
Ҷурму гуноҳамро бигӯ, ҳарфи хатоямро бипурс.

Дар сояи зулфи сияҳ ман аз гунаҳ бурдам панаҳ,
Аз кас суроғамро магир, аз ишқ ҷоямро бипурс!

## МАРДИ САЗОВОР

Куҷо марде, фидои зан набошад?
Фидои як адои зан набошад?
Ба ганҷу сарвату дороии хеш
Гирифтору гадои зан набошад?
Куҷо марди тавоно, қуллапаймо
Мададҷӯ аз дуои зан набошад?
Куҷо марди бузурги давру даврон
Фитода пеши пои зан набошад?
Куҷо марде, ки меҷӯяд муҳаббат,
Равони роҳу рои зан набошад?
Наполеону Искандар куҷо буд,
Агар нозу адои зан набошад?
Куҷо марде ба сӯи маҳ шитобад,
Чу моҳи пурсафои зан набошад?
Куҷо марде камону тир месохт,
Чу тири мижжаҳои зан набошад?
Садои мардҳо мемонд ноҷӯр,
Ба дунё гар садои зан набошад.
Чи мард аст он, ки рӯзу шаб дилашро
Хумори зан, ҳавои зан набошад?
Куҷо марде суханҳо гуфт ширин,
Чу шаҳди бӯсаҳои зан набошад?
Агар марде занеро носазо гуфт,
Сазовори вафои зан набошад!

## ГАНҶУРИ ФАҚИР

Эй мард, бирав, дарде маҳруми даво дорам,
Бишкаста пару болам, занҷир ба по дорам.

Дурдона набахшоям, дурдона намехоҳам,
Ман ганҷи ниҳон дорам, аз ҳарфу ҳиҷо дорам.

На маст, на ҳушёрӣ, на хоб, на бедорӣ,
Умрам ҳама аз шеър аст, аз шеър сафо дорам.

Аз тортанак гардам, тораш битанад ҳар дам,
Чун баста бишуд дастам, кай пои раҳо дорам?

Як нима само гӯяд, як нима замин ҷӯяд,
Ҳарчанд зи хокам ман, чашме ба само дорам.

Дилмурда шудам, оваҳ, пажмурда шудам, оваҳ,
Дар қалби хазондида доғе зи қазо дорам.

Ганҷури фақирам ман, Наврӯзаму пирам ман,
Бо содагии Одам панде зи Ҳаво дорам.

Занҷир ба гардан чист? –Ин дилхушии ман нест,
Эй мард, зи ман бигзар, занҷир ба по дорам.

## ШОМИ ЗУЛФ

Ба субҳи бахти ту оғоз мебахшам зи шоми зулф,
Шавад оғоз субҳи ту ҳамеша бо саломи зулф.

Ало дилдодаи хушном, асир афтодаӣ бар дом,
Хушо, ширинтарин айём, хушо, афсуну доми зулф!

Зи мӯи нуқрафоми ту гирифтам нуқраи холис,
Ту бистон симу зар чандон зи ганҷи нуқрафоми зулф.

Чу меафтад гузори ту замоне бар макони ман,
Нигаҳ пӯшон зи бешу кам, нигаҳ кун бар мақоми зулф.

Аҷаб як хат, хати гесӯ, хате не, номаи дилҷӯ,
Зи хатти зулф мехонӣ ҳама ҳарфу каломи зулф.

Зи қолаб чун бурун гаштӣ, машав овораи даштӣ,
Дари дилро бишав зулфин, ту ҳастӣ дар зимоми зулф.

Зи ишқи рӯ ба рӯи ту гирифтам мӯ ба мӯ оташ,
Шарар сӯзад вуҷудамро, ҳамесӯзад тамоми зулф.

Куҷо бошад мароми дил? Куҷо назму низоми дил?
Биёяд бар хиёми дил, нишонад пас қиёми зулф.

## РӮҲИ ЗУЛАЙХО

Аз ишқи ту ҷон меканам, ҷон меканам, ҷон меканам,
Як ҷисми беҷон худ туӣ, як рӯҳи бетан худ манам.

Дунё пур аз асрор шуд, рӯҳам зи нав бедор шуд,
Рӯҳи Зулайхо ёр шуд дар рақси рӯҳи бетанам.

Аз рози ман ту бехабар, умрат ҳамеша дар сафар,
Оё бихонӣ шеъри тар, суде бувад аз гуфтанам?

Як рӯз хандам аз сафо, даҳ рӯз нолам аз ҷафо,
Ангушт бар дар мезанам, дилро кушо, ин ҷо манам!

Як мард бозорӣ кунад, нозам харидорӣ кунад,
Ҷоми умеди ӯ вале бо санги ғафлат бишканам.

Атри вафо ояд зи ман, нуру сафо ояд зи ман,
Эй бевафо, эй бевафо, боре гузар аз гулшанам.

То кай, аё дилбохта, нозу адои сохта?
Аз домани нозам бичин ҳам ёсамин, ҳам савсанам.

Раҳгум бизад Одам агар бо гандум аз Момои мо,
Охир туро аз раҳ занам бо холи ҳамчун арзанам!

## ШОҲПАРАК

Бодапараст, ошно, бодпарак гаштаӣ,
Бо ҳама зоғу заған сар ба сарак гаштаӣ.

Роҳи равонат дигар, теғи забонат дигар,
Содаи гумроҳро роҳбарак гаштаӣ.

Ханда ба лаб омадӣ, ишқталаб омадӣ,
Мол ҳама бурдаӣ, хонабарак гаштаӣ.

Оташи дил хок шуд, пардаи рӯ чок шуд,
Роз ба афлок шуд, пардадарак гаштаӣ.

Ҳарфи ҳавоӣ чаро? Ишқгадоӣ чаро?
Шишаи зангор ту, кинаварак гаштаӣ.

Боғ ба боғе равӣ, шох ба шохе занӣ,
«Тақ-тақа-тақ» – кори ту, шонасарак гаштаӣ.

Гул ба гуле мепарӣ, гул ба гуле мебарӣ,
Булбули мастам, аҷаб, шоҳпарак гаштаӣ!

## МУНКИР

Гули худрӯ, гули хушрӯ на ман будам,
Гули қоқу сари гесӯ на ман будам.

Рабуда бӯсаҳо аз лаб ту будӣ, ту,
Зи гулшан бурда рангу бӯ на ман будам.

Парешу волаю бехуд ту будӣ, ту,
Фиребу нағмаю ҷоду на ман будам.

Ту будӣ, ту, ба тахти салтанат мағрур,
Фараҳманд аз ҷамоли ту на ман будам.

Ту будӣ, ту, виқори шер дар зоҳир,
Рамида мисли як оҳу на ман будам.

Чу Ҳавво будам, эй Одам, зи паҳлӯят,
Валекат ёри дар паҳлӯ на ман будам.

## ЭҲДО БА ШАҲРИ ХУҶАНД

Ало минунишон манзил,
Дурахшон кавкабе ҳастӣ.

Ало, эй шаҳри меҳрогин,
Ҳумоюнмазҳабе ҳастӣ.

Тирози баҳру бар гаштӣ,
Хуҷистаматлабе ҳастӣ.

Туро рою равон Сайҳун,
На беҷон қолабе ҳастӣ.

Камолатро пазируфтам,
Беҳин як мактабе ҳастӣ.

Маҳастӣ, моҳ дар гардун,
Ту дар тобу табе ҳастӣ.

Сафоовар, сафобахшо,
Сурӯш андар лабе ҳастӣ.

Хуҷанд, афсонаи ширин,
Ҳазору як шабе ҳастӣ!

## ОИНАДОРИ ОФТОБ

Бар ҷаҳони гуфтугӯҳо гуфтугӯе мерасад,
Аз баҳори ошноӣ рангу бӯе мерасад.

Мешитобад рӯд сӯи рӯди дигар нағмарез,
Муждагонӣ, эй ҷаҳон, ҷӯе ба ҷӯе мерасад.

Аз шароби маънавӣ баҳробабар дорад шуур,
Ташнагони нурро акнун сабӯе мерасад.

Мисраи Донои роз[1] андар лабонаш марди роҳ,
То ба арши ақлу ишқ аз ҷустуҷӯе мерасад.

Аз сабукмағзон ҷаҳон дар изтиробу ларза аст,
Аз сабурӣ солике бар орзӯе мерасад.

Аз муҳаббат нур борад чеҳраи соҳибдилон,
Фарри қудсӣ дар ҷабин фархундарӯе мерасад.

Рози пинҳони хамӯширо надонад тундрав,
Хоксорони адабро обрӯе мерасад.

Аз танофур, аз таҳовун пора–пора оламе,
Аз таҷаддуд, аз тамаддун гуфтугӯе мерасад.

---

[1]Муҳаммад Иқбол.

## ҶАЗИРА

Ҳамчун ҷазира мондаам андар миёни обҳо,
Ранҷам аён бар бодҳо, ганҷам барад селобҳо.

Аз ин тараф об асту об, аз он тараф об асту об,
Охир дилам шуд об аз об чун косаи гирдобҳо.

Не кас шиносад асли ман, не кас биҷӯяд васли ман,
Аз ғуссаи танҳоиям аз дил равон хунобҳо.

Рӯшан нашуд шабҳои сард, Ибни Муқаннаъ дар куҷост?
Чун моҳи Нахшаб боядо дар чоҳи ман маҳтобҳо.

Бо хештан размидаам, дар ашки худ базмидаам,
Ҳамчун сиришке меравад аз чашм гаҳ симобҳо.

Рӯзе ба ман боди мурод орад дуруд аз Синдбод,
Ҳоло бубинам чеҳрааш дар лобалои хобҳо.

## БАЪД АЗ САФАРИ АМРИКО

***Барои устод Бозор Собир***

Аё устод, бахшоям, зи ҳолат бехабар гаштам,
Ба Амрико сафар кардам, туро нодида баргаштам.

Шунидам, гаштаӣ дигар миёни ҷумла лолу кар,
Ба ёдат дарди дил афзуд, бин, ман ҳам дигар гаштам.

Ҳасуде, мурдаилҳоме зи дурият бувад розӣ,
Чу дидам сарфарозияш, зи нав афтодатар гаштам.

З-анори қалби пурхунат таровад хуни гарми шеър,
Зи ёқути дили пурхун, нигар, ман шӯълавар гаштам.

Дигар Элоки ошуфта сурудаш бе ту мехонад,
Шунидам шеванаш бе ту, ба ёдат чашми тар гаштам.

Туро эҳсоси нофармон барад ҳар сӯй чун тӯфон,
Чу хондам шеъри мармузат, зи розат бохабар гаштам,

Шабеҳи модари якто Ватанро дӯст медорӣ,
Ту вассофи Ватан ҳастӣ! Ватанҷӯ сар ба сар гаштам.

Чӣ гӯям ман, ки андар қолабе шоир намегунҷад,
Ватан то бишнавад ин нукта, сӯяш номабар гаштам.

Навиштам номаат, дар он сияҳгӯше ниҳодам ман,
Сиёҳии хаташ дидам, ба уммеди саҳар гаштам.

## МУРҒИ ОТАШХОР

Мекунам ҳар рӯзу шаб такрор шеър,
Лаб хамӯшу дар дилам бисёр шеър.

Дам ба дам сӯзад дилам аз ишқи ёр,
Чун Самандар мурғи оташхор шеър.

Шеър бошад, ҳеҷ танҳо нестам:
Мом шеъру тифл шеъру ёр шеър.

Байти навро хоб мебинам шабон,
Хоби ширин, хоби нотакрор шеър.

Дил шуда девонаи шеъру ғазал,
Чун ҳавою обу нон даркор шеър.

Лаб кушояд сад гули армони ман,
Гар зи ман розӣ шавад як бор шеър.

## СӮҲБАТИ ХУРМОӢ

***Эҳдо ба Фарзона***

Бар сӯҳбати хурмоиям ҳоло биё, шеъре бихон,
Дар сояи хурмои пир биншин сафобахшу ҷавон.
Дар дарки асрори азал сайри ҷаҳон даркор нест,
Хурмо чу пири файласуф гӯяд ба мо аз ину он.
Эй духтари исторахо, дунёи ту-дунёи роз,
Ман ҳам замоне омадам аз он ҷаҳон, аз осмон.
Сайҳун ба нармӣ меравад андар кафи шаҳри Хуҷанд,
Рӯди диёри ман вале дар бунгаҳи гил шуд ниҳон.[1]
Дарёи пайдои дилат сӯи заминҳо дар шитоб,
Дарёи пинҳони дилам бар сӯи бесӯӣ равон.
Афсонаи ишқи занон афсонаи бишниданист,
Як сӯ бимон, як сӯ бимон афсонаи рашки занон.
Андар тани маҳбуси ман нолад дили шӯридаам,
Рӯҳат бидидам дар қафас, эй хоҳари шӯридаҷон.
Дар даст шаъми равшане, дар сар хаёли гулшане,
Пай мезанам дар нисфи шаб дар шаҳр чун девонагон.
Боке надорам, дилсияҳ гӯяд маро: девона шуд,
Девонагӣ марҳам шуда дар шаҳри сарди хастаҷон.
Аз зиндагӣ мақсуд чист, з-ин сӯзи дилҳо суд чист? –
Шеъре, китобе, мисрае шояд зи мо монад нишон.
Дар лаҳзаи танҳоиям шеъри нави худ бофтам,
Бикшо гиреҳ ин розро, эй шеъргӯи ғайбдон.

---

[1] Ба андешаи донишмандон, рӯди бузурге дар зери хоки Ғончӣ, зодгоҳи банда, равон аст.

## ШИМОЛӢ

Эй пойтахт, андар барат афтодаам ман аз «шимол»,
Дар мактабат аз бар кунам то донишу фазлу камол.

Он қадр ҳам меҳрат ба дил сахту қавӣ биншаста буд,
Парвоз кардам сӯи ту бигзашта аз ҷоҳу ҷалол.

Андар канорат ёфтам ёри сазовори дилам,
Баҳри мани шайдо шудӣ шаҳри сухан, шаҳри висол.

Эй пойтахти тоҷикон, ҳастӣ Бухорои навин,
Нагзорам асло, шоират бахшад туро бар хатту хол.

Гӯяд маҳалбоз аз камин: «Бегонаӣ дар ин замин»,
Дар мулки худ бегона ман?! Хуниндилам аз ин суол.

Мо аз ҷанубу аз шимол имрӯз фарзанди туем,
Пайванди моӣ дар миён, асло набинӣ ту завол.

## ЧӢ ГУФТӢ?

Баҳорон мерасад, ёрам, чӣ гуфтӣ?
Зи пайғомат хабардорам, чӣ гуфтӣ?

Баҳорон мерасад, чун оҳуи маст,
Саропо ман шарарборам, чӣ гуфтӣ?

Ҷаҳони шеърҳоям бенаво буд,
Наво гаштӣ ба ашъорам, чӣ гуфтӣ?

Зулайховор ҷустам ишқи худро,
Туӣ ёри сазоворам, чӣ гуфтӣ?

Ало дунёи пурозор, хомӯш,
Сухан гӯяд, бимон, ёрам, чӣ гуфтӣ?

Садое мерасад аз дурии дур,
«Туро ман дӯст медорам»... Чӣ гуфтӣ?

## ЛАЙЛОТАР АЗ ЛАЙЛО

Дил бенаво шуд, бенаво, мизроб ку, мизроб ку?
Шаб бесафо шуд, бесафо, маҳтоб ку, маҳтоб ку?

Лайлотар аз Лайло манам, як лолаи саҳро манам,
Дар панҷаи маҷро манам, он соҳили шодоб ку?

Дилро супурдам бехабар бар дасти ёре раҳгузар,
Ваҳ, сӯхт ҷонамро шарар, Сурхоб ку? Хингоб ку?

Аз дарди дил тобам гурехт, аз дидаҳо хобам гурехт,
Эй шоми бехобӣ, бигӯ, он тоб ку, он хоб ку?

Чун дил китобам дар бағал, ҳастам чу як кони ғазал,
Гӯши ғазалпарвар куҷо? Аҳбоб ку, аҳбоб ку?

Хоҳам қафасро бишканам, тори муҳаббат барканам,
Худро ба дарёҳо занам, гулдарраи Варзоб ку?

Девонаи ҳушёри ман, гаҳ зор, гаҳ безори ман,
Донандаи асрори ман – он гавҳари ноёб ку?

Орӣ зи ҳирсу оз ман, дар ҳасрати парвоз ман,
Як тори беовоз ман, мизроб ку, мизроб ку?

## АШКИ ШАБНАМ

Дар ин дунёи бепарво маро болу паре бояд,
Зи ҳушёрӣ шудам хаста, шаробу соғаре бояд.

Маро ҳар лаҳза як зарба, маро дар ҳар нафас санге,
Барам то ҷумларо бо худ, бароям занбаре бояд.

Куҷо ҳамдардҳо, эй дил, куҷо он мардҳо, эй дил?
Ҷаҳон шуд занмизоҷ, оваҳ, ҷаҳони дигаре бояд.

Агар Нерони кинпарвар бизад оташ ба шаҳри Рум,
Фузун гардида Неронҳо, гунаҳро кайфаре бояд.

Яке зан ҳастам, аммо сад ҳазорон фикр андар сар,
Аз ин андешаҳо орӣ саробону саре бояд.

Тиҳипо кош мерафтам зи рӯи сабзаҳои дашт,
Бинӯшам ашки шабнамро, зи лола соғаре бояд …

## ФАСЛИ ГУЛИ КАСТОНА

Эй ҳамдами дил, боз о, мастонаю мастона,
Як бӯса ба ман бахшо дар сояи кастона.

Ҳошо, зи қафас растам, аз ҷӯши ҷунун мастам,
Ту гардану ман дастам, ман дасту ту даспона.

Чун кабки раме ин субҳ аз дом раҳо гаштам,
Имо манамо дигар ҳар лаҳза ба кошона.

Ман зулфи парешонам, ман мурғи ғазалхонам,
Хоҳам зи парешонӣ гӯям ба ту афсона.

Ҳайҳот, мани танҳо сад сол тани танҳо
Аз чашм ниҳон будам дар гӯшаи вайрона.

Аз гӯша бурун гаштам, побанди ҷунун гаштам,
Бигзор ҷаҳон гӯяд: дастонзани девона!

Дар зулф гиреҳ афтад, аз шона мадад ояд,
Дар ишқ гиреҳ афтад, ку шонаю дандона?

Имрӯз бинӯшам май боз аз қадаҳи лола,
Чун тавбашикан омад фасли гули кастона.

## ЁДИ ҒОРИ ДЕВОНА

Дилам хоҳад равам то Ғори Девона,
Бигӯям рози дил бо Ғори Девона.

Бигӯям пешаш: эй девонаи оқил,
Макун девона моро, Ғори Девона.

Бубин афсурдаю зору парешонам,
Маро осуда бинмо, Ғори Девона.

Ҳама бори ҷаҳон бар гарданам бор аст,
Мабин тавқи тилоро, Ғори Девона.

Зи каждумҳот тарсам нест, метарсам
Зи каждумҳои дупо, Ғори Девона.

Ҷаҳонро дидаму худро надидам лек,
Маро бинмой пайдо, Ғори Девона.

## ОҲУИ МАН

Эй ёри ман, раҳпӯи ман, эй ишқи ту нерӯи ман,
Аз гармсӯзи ғусса шав дар сояи гесӯи ман.

Аз бори ҳасрат ғунчасон сар дар гиребон кардаам,
Ҳамчун насими дилкушо боре гузар аз кӯи ман.

Бастам дили савдоият бо тори зулфони сияҳ,
Охир, гурезӣ то куҷо аз нозу аз ҷодуи ман?

Дар ҳам фишору ранҷ деҳ ин шонаи нозофарин,
Болини нарми ту шавад як дам сари зонуи ман.

Аз сӯҳбати дурӯяҳо якрӯя шав, якрӯя шав,
Аз шаш ҷиҳат ояд садо: ту ошиқи якрӯи ман!

Аз офтоби ишқи ту чун соя бигрезам чаро?
Саҳроии ишқи ту шуд ин қалби ман – оҳуи ман.

## ТАВБАИ ЗАН

Ошиқ машав, ошиқ машав, эй зан, ба марди раҳгузар,
Ӯ шишаи дил бишканад бо як нигаҳ, бо як назар.

Хонад ба гӯшат қиссаҳо, афсун кунад бо бӯсаҳо,
Бахшад дилатро ғуссаҳо, аз ин бало бинмо ҳазар!

Гӯяд туро: Лайлои ман, Узрои ман, дунёи ман,
Вопас равад он Дон Жуан, сармаст аз пайки зафар.

Эй зан, ба худ мағрур шав, пурнур шав, мастур шав,
Ҳаргиз пайи мардон марав, ором зӣ дур аз хатар.

Мардон фиребат медиҳанд, ҳалвою себат медиҳанд,
Меуфтӣ дар домашон чун тифли дунёбехабар.

Бовар макун бар мардҳо, эмин бимон аз дардҳо,
Розат ниҳон монад, ниҳон, чун бӯи гул дар барги тар.

Ӯ меравад чун бодҳо, ту меравӣ аз ёдҳо,
Дар дил ғаму фарёдҳо, бо чашми тар, хуни ҷигар.

Дилро мадеҳ, дилро мадеҳ, эй зан, ба марди раҳгузар,
Кохи умедат мешавад аз дасти ӯ зеру забар.

## НИЛУФАРИ ЭҲСОС

Нилуфари эҳсоси ман дар фасли дай гул кардааст,
Мислаш латифу хушҷило гулдона кай гул кардааст?

Гулғунчаи хандони дил, аз ғуссаю армони дил,
Аз қиссаи пинҳони дил, аз сози най гул кардааст.

Бебода ҳам сархуш манам, пурҷӯшу ҳам хомуш манам,
Асло магӯ, эҳсосгул аз ҷоми май гул кардааст.

Гуфто насими раҳгузар: Аз шед саҳро гулбасар,
Пас ишқгул аз бӯсаи он некпай гул кардааст.

Хонам ғизоли нозро, то худ кушоям розро:
Нилуфари эҳсоси ман аз ишқи Вай гул кардааст…

## ТИФЛИ РАҲГАРДОН

Дар баҳорон тифлакам раҳгард шуд,
Дил даруни синаам бедард шуд.

Раҳ гирифта тифлакам доманкашон,
Доманам аз дасти ӯ пургард шуд.

Ман фидои дастакони кӯчакаш,
Тифлаки ман дар хаёлам мард шуд.

Душмани ман чун бидид ин бахтро,
Аз ҳасад мисли хазон рӯзард шуд.

Пайкараш ларзид, ларзид аз ғазаб,
Чун зимистон дидаҳояш сард шуд.

Бар ҳасуди гумраҳе моро чӣ кор?
Тифлаки яксолаам раҳгард шуд!

## СУРАТ ДИГАР, СИРАТ ДИГАР…

Муште бишуд андар дилам озори безинҳори ту,
Банди дилам омад ба дард аз неши ту, аз хори ту.

Бар ҳар суоли ақли худ охир ҷавобе ёфтам,
Дар ҳайратам умре вале аз кору аз кирдори ту.

Сурат дигар, сират дигар, корат дигар, қавлат дигар,
Тобад мисоли як ниқоб абрӯи ту, рухсори ту.

Сар то ба по хашму ғазаб, сар то ба по макру фиреб,
Шайтон шавад ҳайрону лол аз тундии рафтори ту.

Ғарқат бидидам дар гунаҳ, то кай барӣ бар худ панаҳ?
Рӯ аз ту баргардондаанд ағёри туву ёри ту,

Умре зи камрӯии ту дар ҳайратам, дар ҳайратам,
Ҳуш аз сарам аммо парид аз чеҳраи бисёри ту.

## ШАРОБИ МАЪНАВӢ

***(Дар ҳошияи китоби устод Муҳаммадҷон Шакурӣ «Хуросон аст ин ҷо»)***

Қатраборони зиё борад саҳоби маънавӣ,
Рӯшноӣ мефизояд офтоби маънавӣ.

Рӯнамои худ шикастам дӯш бо санги сабур,
Ҷурми ботин менамояд бас китоби маънавӣ.

Тирхӯрда, сарсупурда, бурда-бурда қавми ман,
Оваҳ, оваҳ, аз фиребу аз сароби маънавӣ.

Саргарангам, ҳай дареғ, аз соярӯшанҳои умр,
Нур бояд сояро аз илтиҳоби маънавӣ.

Хӯсае, худбоваре, ҳам хӯсаҳоро чокаре
Мерабояд ақлҳоро бо ниқоби маънавӣ.

Дар Самарқанду Бухоро рӯҳи Айнӣ беқарор,
Сар занад кош аз Душанбе офтоби маънавӣ.

Хӯшачинӣ мекунам аз домани саҳрои фикр,
То расад бар доманам гарди савоби маънавӣ.

Мастии зан – пастии зан, нестии зан бувад,
Маст ҳастам ман валекин аз шароби маънавӣ.

## СОЯФУРӮШ

Дар гирди ман ҷамъ омада як тӯдаи соягфурӯш,
Рози ту берун меравад, асрори худ, эй дил, бипӯш!

Ҳар ҷо ниҳон як косадум, як косабар, як косалес,
То чанд бовар мекунӣ, боре биё, эй дил, ба ҳуш!

Он як бидода сояро бар ҷои як перояе,
Дигар бидода сояаш бар ҷои як ҷуфте калӯш.

Соягфурӯшӣ бегумон бунёди ҳар сармоя шуд,
Бесояҳо пинҳон шуда дар рӯзи равшан мисли муш.

Ҳар кас агар бесоя монд, андар ҷаҳон бепоя монд,
Эй бехабар, бин, дар барат соя равон гунгу хамӯш!

## ДУШАНБЕРО ШУДАМ ПАЗМОН

Даме дур аз диёри худ Душанберо шудам пазмон,
Ба чашмам акси ёри худ Душанберо шудам пазмон.
Зиҳӣ, марзи биҳиштосо, беҳин абру беҳин дарё,
Вале боғу баҳори худ – Душанберо шудам пазмон.
Худоё, мулки бегона шавад ҳамдам маро ё на?
Диёри ғамгусори худ – Душанберо шудам пазмон.
Ба ёди оби ширинаш дили пуроташам гум зад,
Хушово чашмасори худ – Душанберо шудам пазмон.
Турунҷу норгил бинмуд, оваҳ, талх комамро,
Шакарангуру нори худ – Душанберо шудам пазмон.
Бухорои навини хеш, шаҳри беҳтарини хеш,
Китоби зарнигори худ – Душанберо шудам пазмон.
Забони тӯтии хушгӯ набошад чун забони ӯ,
Забони хушгувори худ – Душанберо шудам пазмон.
Миёни қасри афсона чу як гунҷишки белона
Макони хоксори худ – Душанберо шудам пазмон.
Ба чашмам Айнию Сино, ба гӯшам Лоиқу Мирзо,
Суханпарвар диёри худ – Душанберо шудам пазмон.
Шукӯҳи ҳайкали Сомон ҳамебахшад фурӯғи ҷон,
Дирафши тоҷдори худ – Душанберо шудам пазмон.
Зари бегонаҳо зар не, дари бегонаҳо дар не,
Ҳисори зарнисори худ – Душанберо шудам пазмон.
Сари сабзам аз ӯ бошад, баҷо набзам аз ӯ бошад,
Сururу ифтихори худ – Душанберо шудам пазмон.

## МИС Ё ЗАР?

Чун бар дилат кардам нигоҳ аз равзани чашми сиёҳ,
Дидам дили пуркинаат дар ҳолати пасту табоҳ.

Мисро гаҳе зар гуфтаӣ в-он шиша гавҳар гуфтаӣ,
Бадгавҳару бадмаҳзарӣ, Даҷҷол пешат бегуноҳ.

Мисли хаси бологузар рӯ-рӯи дарё меравӣ,
Охир, намедонӣ, гуҳар дар жарфно ёбад паноҳ?

Гаҳ мушт бар дил мезанӣ бо ҳарзаю бо манманӣ,
Аз одамакҳое чу худ гирдат биовардӣ сипоҳ!

Бовар надорам дар дилам, якдонаӣ, фарзонаӣ,
Гарчи биёрӣ пеши ман сад раҳнамою сад гувоҳ.

Зарринқабо пӯшидаӣ, ҳам каҷкулоҳе мондаӣ,
Ботин намегардад дигар аз ин қабо, аз ин кулоҳ.

Эй шоҳ дар афсонаҳо, эй моҳ дар вайронаҳо,
Бедор шав, бедор шав, бар асли худ мекун нигоҳ.

## БАРОИ ДӮСТИ СОБИҚ

Дӯстам, савдогарӣ, савдогарӣ,
Дӯстиро ҳам ба савдо мебарӣ.

Меҳру зар дар як тарозу мениҳӣ,
Дӯстонро мефурӯшӣ, мехарӣ.

Дар дилат реша надорад чун вафо,
Дар садоқат як ниҳоли бебарӣ.

Аз барои ному молу обрӯ
Ҳар замон аз баҳри ёрон бигзарӣ.

Мешиносӣ хешро беш аз Худо,
Бехабар ҳастӣ чу аз одамгарӣ.

Алвидоъ! Охир, дили мо ҷӯр нест,
Дидаӣ, ман дигарам, ту дигарӣ!

## ОСМОН

Беғубору беғашӣ, эй осмон,
Мисли боғи дилкашӣ, эй осмон.

Шӯх оҳуи хаёлоти маро
Сӯи боғат мекашӣ, эй осмон.

То ба кай ту бо тарозуи фалак
Ҷурми мо бармекашӣ, эй осмон?

Бо туе, охир, чӣ сон ёбад забон
Зӯҳраи гарданкаше, эй осмон?

Шуд дабире дар само Тири фалак,
Тир дорӣ, таркашӣ, эй осмон.

Ақлҳоро обу тобе додаӣ,
Кӯраи пуроташӣ, эй осмон.

## ТУРО БАР ЁД ОВАРДАМ

Нишаста бехуду танҳо, туро бар ёд овардам,
Чу як афсонаи зебо туро бар ёд овардам.

Чи дунё бошад ин дунё, ту дар он соҳили дарё,
Ман аз ин соҳили дарё туро бар ёд овардам.

Миёни мову ту, донам, чи ишқи нобаробар буд,
Маломат карда дунёро, туро бар ёд овардам.

Чу рӯ гардондам аз дунё, туро дар рӯ ба рӯ дидам,
Зи нав эҳё шудам, эҳё, туро бар ёд овардам.

Чу дидам хушк гулбарге даруни номаи дерин,
Ало, эй ошиқи гулҳо, туро бар ёд овардам…

## ГУЛШУКУФТ

Имрӯз дар гулдони ман як ғунчаи зебо шукуфт,
Азбаски андар синаам ишқи фараҳафзо шукуфт.

Эй дил, кароматҳи кӣ буд? Эй дил, мукофоти кӣ буд? –
Дар шишаи тирезаам як гулбун аз сармо шукуфт.

Калтути мо болу паре гӯё баровард ин замон,
Болои боми оҳанӣ як лолаи саҳро шукуфт.

Дар осмон тиру камон дар ҷилва омад як замон,
Бо ҳафт ранги хушҷило дар як нафас дунё шукуфт.

Гунҷишкаке овоз дод аз навдаи бебору барг,
Дар навдаи тар муғҷагул ногаҳ аз ин ово шукуфт.

Имрӯз дар гулдони ман як ғунчаи зебо шукуфт,
Азбаски андар синаам ишқи фараҳафзо шукуфт.

## ДАФТАРИ НОХОНДА

Шуд хазон дар чашми ман ногаҳ баҳор,
Ту маро нашнохтӣ андар канор.

Лӯъбатак пиндоштӣ дар дасти худ,
Дил тиҳӣ, сурат валекин зарнигор.

Дафтаре будам пур аз шеъру ғазал,
Ту нахондӣ байтҳои обдор.

Маст будам аз шароби ноби шеър,
Аз виқоре маст ту, дар лаб сигор.

Ин манам – дарёи соҳилнописанд,
Ин туӣ – дар банди худ имсолу пор.

Ман ки озодӣ таманно доштам,
Аз ту, ёри худнигар, кардам фирор.

Эй ки мис бо зар баробар бишмарӣ,
Аз ту дорам ман шикоят бешумор.

Эй пиёда дар ҷаҳони ошиқӣ,
Барғалат гуфтам туро ман шаҳсавор!

## ГАП МЕХУРАД МАРО

Эй ҳамдами ҳаёт, гап мехурад маро,
Дорам ман илтиҷот, гап мехурад маро.

Бин, аждаҳои гап бикшода кому лаб,
Бахшо аз он наҷот, гап мехурад маро.

Афсун шудам магар, ногаҳ шудам дигар,
Бе азму бе субот гап мехурад маро.

Ранги сиёҳ рехт бар сар сиёҳдил,
Ин хомаву давот – гап мехурад маро.

Ҳоло биё давон, аз гап марораҳон,
На баъд аз вафот, гап мехурад маро.

Бе лутф гап фузун, дил гашт ғарқи хун,
Бинмой илтифот, гап мехурад маро!

## ТАШНАИ ИШҚ

Дили ман ташнаи ишқат, биёву дӯстдорӣ кун,
Шукуфад то гули рӯям, диламро ғамгусорӣ кун.

Шунидам марди майдонро сухан якто, Худо яктост,
Агар марди сухан ҳастӣ, ба қавлат пойдорӣ кун.

Маро хушбахт хоҳӣ гар, баробар дон, баробар хон,
На ахтар аз фалак ору на зӯриву на зорӣ кун.

Булӯри дидаҳои ту бувад оинаи ҳақгӯ,
Аз он то қисматам бинам, даме оинадорӣ кун.

Надорам ҳусни оламсӯз, аммо оташам болост,
Ало дарёниҳоди ман, ба оташ созгорӣ кун.

Падид омад зи ишқи ман яке дунёи рӯҳонӣ,
Туро дунёи худ бахшам, биёву шаҳрёрӣ кун.

Шиносо кун маро бо ман, ки то худро ба даст орам,
Диламро боғи сарсабзе чу борони баҳорӣ кун.

## ТӮҲФАИ ТАҚДИР

Тифли ман, эй тифли бетақсири ман,
Ҷони ман, эй тӯҳфаи тақдири ман.

Шиква кардам гар зи танҳоӣ басе,
Гаштаӣ ту чораю тадбири ман.

Манзили сарди маро кардӣ ту гарм,
Эй ҳалолат бод, ҷоно, шири ман!

Хонабону хонашинам кардаӣ,
Тифли ман, эй қуфли ман, занҷири ман.

Ман туро ҳоло парасторӣ кунам,
Бо умеде, ки бигардӣ пири ман.

То наафтӣ, гир домони маро,
То нагардӣ баъд домангири ман.

## АЗ ҶИНСИ ХУД

Сарфарозам ҳар куҷо аз ҷинси худ,
Дар замину дар само аз ҷинси худ.

Аз «Ҳазору як шаб»-у аз «Бӯстон»
Хонда будам қиссаҳо аз ҷинси худ.

Ашку рашки мо бувад аз ҳад фузун,
Оҳ, бигрезам куҷо аз ҷинси худ?!

Нест дар дил шиква аз ҷинси дағал,
Лек дорам шикваҳо аз ҷинси худ.

Гар яке менолад аз дасти фалак,
Нола дорам, эй Худо, аз ҷинси худ.

Бо вуҷуди ин ҳама бешу камаш
Сад ризо ҳастам, ризо аз ҷинси худ.

Шукри беҳад, дидаам бисёрҳо
Хушхирому маҳлиқо аз ҷинси худ.

Ҳалқае пайванд дар занҷираам,
Ман намегардам раҳо аз ҷинси худ.

Боз илҳомам агар бахшад мадад,
Месароям шеърҳо аз ҷинси худ.

## ЛУТФИ ИЛҲОМ

Хандаат, эй ёр, дар ёди ман аст,
Завқбахши қалби ношоди ман аст.

Тарк кардам гар замоне манзилат,
Ин ниёзи рӯҳи озоди ман аст.

Қиссаҳоят эй басо бишнидаанист,
Достони талхи Фарҳоди ман аст.

Гӯш кардӣ гар фиғони тундаре
Дар дили шаб, акси фарёди ман аст.

Як тасаллои дили саргаштаам
Гиряҳои тифли навзоди ман аст.

Гар бароят боз гуфтам шеъри нав,
Лутфи илҳоми худододи ман аст.

## МУШТИПАР

Хондӣ маро як муштипар, кай дидаӣ мушти маро,
Парвози то нури маро, зӯри сарангушти маро?

Оре, яке мушти парам, аммо ба гардун мепарам,
Як азми парвозе бубин мастона арғушти маро.

Ман оташам, ман беғашам, то осмон пар мекашам,
Дар ман бубин расму раҳи дерини Зардушти маро.

Бар хеш гаҳ гаштам сипар, бар хеш гаҳ гаштам падар,
Диданд номардон басо бар фарқи худ мушти маро!

Дорам ба сар дасти алам, аз даст нагзорам қалам,
Як муттако, гӯяд дилам, бошад қалам пушти маро.

## ИРОДА

Эй ғам, зи омадат ҳайрон намешавам,
Аз ту тараҳҳуме пурсон намешавам.

Бо тарс зистан, баргӯ, чӣ зиндагист?
Ҳаргиз зи ваҳшатат тарсон намешавам.

Эй ғам, ба пои ту сар хам намекунам,
Таслим агар шавам, инсон намешавам!

Ҳаргиз надоштам як лаҳзае ҳарос,
З-ин рӯст – бесару сомон намешавам.

Дар чеҳра як занам, дар асл марди гурд,
Мӯҳтоҷи ёрии нодон намешавам.

Ман обчин наям дар дафтари замон,
Нам-нам зи дасти ғам беҷон намешавам.

## МАНУ ДАРДИ ТОҶИКИСТОН

Маравед, эй азизон, маравед, эй азизон,
Ба диёри дури ҳиҷрон зи канори Тоҷикистон,

Ки Ватан – уқоби бепар, ҳама тан наҳифу лоғар
Нигарони меҳри модар, нигарони лутфи Яздон.

Ту махон ба лолазорон, ба канори чашмасорон,
Ғазале зи рӯдборон насазад ба қалби гирён.

Ба хаёли Дашти Морон, ба умеди рӯи ёрон,
Зи шамоли мулки афғон каҳи ёди ман парешон.

Зи Ватан фирор кардан, дили худ фиреб кардан,
«Ба Худо наметавонам», ки фирор нест осон!

Бибарам Ватан чу коло, ба мисоли ганҷи воло,
Ватанам магар бигунҷад ба даруни кифу анбон?!

Зи ғами ниҳон бимӯям, ғазалу чакома гӯям,
Зи тани Ватан бишӯям ба сиришк хуни армон.

Ману мӯяи ятимон, ғаму оҳи дардмандон,
Шабаҳи деҳоти вайрон, ману дарди Тоҷикистон,
мaну дарди Тоҷикистон.

*Соли 1993*

## ҚАРНИ XXI

Кош аз ин пас меҳр арзонтар шавад,
Қарни ишқу меҳрубонӣ сар шавад.

Офтоби бахти мо пурнуртар,
Абри ғамафзо парешонтар шавад.

Гавҳари ашке наафтад зери по,
Ашки шодиҳо фақат гавҳар шавад.

Бар ҳама ҷон тоза дармонҳо расад,
Захми дилҳо ҷо ба ҷо беҳтар шавад.

Қарни кампутар шавад қарни навин,
Бар ҷавонон илму фан ёвар шавад.

Кош шеъри духтари Суғд аз дигар
Бар дили афсурдае ахгар шавад!

## ТАҲҚИР БАС

Эй азизон, тӯҳмату таҳқир бас,
Варна бахри қатли мо як тир бас.
Ранҷу дарди бешуморе дидаем,
Имтиҳону зарбаи тақдир бас.
Во дареғо, хуни ноҳақ рехт, рехт,
Эй ҷавонон, шубҳаю тақсир бас.
Мо гирифта ҳалқи ҳам девонавор,
Инчунин девонаро занҷир бас.
Мӯпарешон модарон дар мӯянд,
Модари ҷон, ҳасрати дилгир бас.
Даҳшате бас дидаем, оваҳ, мапурс,
Дар дилу ҷон монда з-он, таъсир бас.
Бо нигоҳи меҳр бояд ҳарф гуфт,
Гуфтугӯи ханҷару шамшер бас.
Тоҷикистон то шавад обод боз,
Як дуои хайрхоҳи пир бас.
Кор бояд, не суханбофӣ дигар,
Дар сиёсат ҳарзаю тафсир бас.
Хоби худ гум кардаӣ, охир, дило,
Даҳшатафзо лавҳаю тасвир бас.
Худ ба худ сӯзӣ зи ғамҳои дарун,
Эй дил, эй дил, нолаи шабгир бас!

*Соли 1992*

# ЧЕҲРАСОЗОН

## МАСЛУБ

Хоб ё бедорӣ?
Хоб ё бедорӣ?
Хешро монандаи Ҳаллоҷи ҳаққӯш
Дар чалипо дидаам дӯш.
Худ тамошо доштам ман ресмони дорро,
Дар пасу пеш одамони аз ҳасад беморро.
Аҳриман омад ба тундӣ, гарданаш каҷ, алъамон,
«Қоҳ-қоҳ»-аш ларзаафкан бар замину осмон.
Бонг зад ошуфтахотир аз ғазаб
Бо нигоҳи ҷонситону хунталаб:
– Санг бояд зад варо, имрӯз санг,
То наҷунбад то абад аз ҷои хеш,
То наёрад шеъри пурдардаш ба лаб,
Бояд ӯ барҷо гузорад пои хеш!
Кӯрзавқон интизори як ишорат,
Санг бар сар мезадандам, аз ҳаё пӯшида чашм,
Мушти онҳо мушти кина, мушти хашм.
Дар баландӣ рӯҳи ман мекард парвоз,
Ӯ зи кори насли Одам дар шигифт,
Хешро то рафт боло мегирифт.
Аз кафи по то ҷабинам мехбор,
Дар сари дор,
Ҳам тани хуншор зор
Бехуду беёду беҷон менамудам,
Нолаҳо мекард аз ҷон модари афгор …

## ЗАНЕ БАРХОСТА…

*Зане бархоста буд ва даъвои пайғамбарӣ кард.*
*«Маҷмаъ-ул-ансоб»*

Зане бархост,
Зане бархост исёнгар,
Парешонмӯ,
    парешонхӯ,
        парипайкар.
Нигоҳаш шӯълаи сӯзон,
Вуҷудаш қатраи ларзон,
Зи худ бехуд,
Ҷунун андар дилу дар сар,
Ба ҳукми додхоҳӣ рӯ
        ба даргоҳи Худо овард,
Барои ҳаққи худ рӯ бар само овард:
Худоё!
Аз гуноҳи бандаат бигзар!
Хатояшро бар ӯ бахшой,
Агар гӯяд яке ҳазён,
Сари баҳс аст ӯро бо ту ҳамчун
            тифлаки худрой.
Худовандо!
Бигӯ бар ман,
Агар як сон бувад баҳри ту марду зан,
Чаро пайғамбарони ту
Ҳама буданд аз мардон,

Нашуд аммо зане арзанда бар ин ном?
Чаро мардони худкома ҳама раҳбар,
Чаро занҳо ситамдида, ҳама ноком?
Агар аз ҷинси зан мебуд пайғамбар,
Ҷаҳон шояд зи оғозаш шудӣ дигар.
Зи кулли дину мазҳабҳо
Ягона мазҳабе мемонд дар дунё:
Муҳаббат – мазҳаби одам,
Муҳаббат – мазҳаби олам!

Кушода ҷумла розашро,
Бишуд зан лаҳзае хомӯш,
Кашид аз синааш оҳе,
Ту гӯӣ, бори сангине фиканд аз дӯш.
Вале аз осмон, аз даргаҳи Эзад
Садое, посухе н-омад.

Дар ин ҳангом
Баногаҳ аз дили ӯ як садо бархост,
Ту гӯӣ, аз замину осмонҳо ин нидо бархост:
Ту, эй зан,
Тавба гӯ, тавба!
Чӣ мехоҳӣ ту аз ин чархи саргардон?
Чӣ мехоҳӣ ту аз Яздон?
Ҳама пайғамбарон тифлони зан буданд,
Ҳама пайғамбарон парвардаи домони зан буданд,
Ба хоки пои зан – модар
Кунад таъзим пайғамбар!

## САД КУЛОҒРО ЯК САНГ

Оҳ, аз ин бонги дурушт, овози зишт.
Эй кулоғони сияҳпиндор, кишт!
Боғи зоғон нест боғам, ҷаннат аст,
Дур андозам шуморо аз биҳишт.

Ҷой-ҷой андар замини файзбор
Хандаҳоро кишт кардам дар баҳор.
Дардхандам лолаи пурдоғ шуд,
Лолаи аҳмар шукӯҳи боғ шуд.

Шаддамарҷони базеби гарданам
Бар замин чун ашкҳоям пош хӯрд.
Шаддаи ман шаддаи ангур шуд,
Навдаи ток аз гуҳар пурнур шуд.

Нозҳоро дона-дона, мушт-мушт
Коштам андар лаби ҷӯ.
Қад кашид он дам канори рӯдбор
Ноздона, нозбӯ.

Хоби худро чун бигуфтам субҳ бар оби равон,
Ногаҳон дар рӯ ба рӯ,
Дар канори дигари ҷӯ
Шуд гули сурху сапеде дар нумӯ.
Дастнорас, дилрабо чун орзу,
Розбӯ номаш ниҳодам, розбӯ.

Эй кулоғони сиях, ҳоло хамӯш,
Қар-қари бешарматон ояд дурушт.
Бо чунин овози бад, бисёр бад
Метавон дилро яқин бе тир кушт.

Дӣ садои қадкашии сабза меомад ба гӯш,
Арғунунаш менавозид арғувони сурхпӯш.
Чак-чаки барги сапедорони маст
Синаро бар ҷӯш меовард дӯш.
Builtin created by system. Созиборон гӯшҳоро менавохт
Чун садои рӯҳбахшои Гугуш.

Ман, ки бо дил мешиносам камтарин овозро,
Аз лабони ғунча мехонам ниҳонӣ розро.
Рӯ ба рӯям сад дари асрор ин дам боз шуд,
Осмонам ваҳй карда байти бепардозро.

Баъди сози арғунун,
Баъди оғози фусун,
Эй кулоғони сиях,
Мекушад илҳомро ҳангомабозори шумо.
Мекунад фарёд рӯҳам
Бо садои махмалини атри барги ёсамин:
Оҳ, безор аз шумоям,
Оҳ, безори шумо!

## ШИРУ ШЕЪР

Инак ман сухани озод мегӯям,
инак ман озод сухан мегӯям,
мисли он ки гули ханда ногаҳон мерезад аз лабҳо,
мисли он ки тифли ашк мегурезад ногаҳон аз чашм,
мисли он ки қатраборон реза-реза мечакад бар хок,
мисли он ки навбаҳорон рӯи пушта сабза мерӯяд,
ин шеър аз жарфнои дилам мешавад берун.

Бомдод дар навбати шир
ман интизори навбати хеш будам,
оҳ, дилам мехост
аз навбати дилгир бигрезам,
аз навбати шир бигрезам
то ошёни беғами гулҳои хушзабон,
он ҷо бо ақоқӣ гуфтугӯ кунам,
он ҷо ба гӯши ёс шеърҳо хонам,
он ҷо лаҳзае шоира бошам,
дардо, он замон
чеҳраи тифлаконам расид бар ёд,
«шир» мегуфтанд тифлонам,
«шеър» мегуфт дили гирёнам.

Дар навбати шир,
дар навбати дилгир
ман ба ёд овардаам занҳои рустоpo,
онҳоро, ки зери нури гарми офтоби тамуз

ташнаю гушна,
рӯймолаке дар сару гардан
мезананд каланд дар пахтазорон,
тифлакони мӯпарешону ношустарӯ аммо
аз гаҳвораҳо
модарони хешро мехонанд.

«Шир» мегӯянд лабҳои хушки он тифлон,
валекин модарон
ин лаҳза ба гӯш пунба мондаанд,
то гиряҳои тифлони хеш нашнаванд,
бечора модарон
шир надоранд дар пистон,
дарёи шири онҳо хушкид, ҳайҳот!
Тифли сарсахти тоҷик андаруни гаҳвора
Мемакад ангушти ҳайрат ин замон.

Ман шир мехарам барои тифлонам,
ман шеър мегӯям барои модарон,
шеър бевазн аст,
шир беравған.

## ЧЕҲРАСОЗОН

Мо – занон рассом ҳастем,
Лек дар силки ҳунар беном ҳастем.
Субҳгоҳон бо қалам
Чеҳраи худ мекашем аз нав,
Чеҳраи нав мешавад пайдо,
Чеҳраи бедарду беғам,
Чеҳраи зебо.

Рӯи худро медиҳем оро саҳар бо ҳафт ранг,
То шавем аз нав фиребою ҷавон,
То равад аз чеҳра ожанг.

Мо нахуст абрӯи худро мекашем
Бо сиёҳӣ,
Мехазад дар рӯи мо абрӯи мо монанди мор.
Мекашем он гоҳ сурма
Мо ба чашмони ҳазин,
Чашми маҳзун
Мешавад масту хумор.

Сурха мемолем бар лаб он замон,
Лолаосо медурахшанд он лабон.

Мо-занон рассом ҳастем,
Лек дар силки ҳунар беном ҳастем –
Рӯи худ бо ҳар сифат созем тасвир,
Ҳар замон оинаро созем тасхир.
Чун қалам ояд ба дастони маҳин,
Монии сеҳрофарин ҳам камҳунар дар пеши мост.
Ҳеҷ кас аммо намепурсад зи мо:
Чеҳраи асли шумо, охир, куҷост?

## ТАШАККУР!

Дилам аз ишқи ту ларзид,
Дилам аз ишқи ту таркид.
Зи нав эҳё шудам аз ишқ,
Зи нав дунё шудам аз ишқ.

Барои ишқи ҷонбахшо ташаккур,
Барои ин сару савдо ташаккур.

Маро дунё чӣ кор ояд?
Маро сӯзи ниҳон бояд,
Вагарна пир ҳоҳам шуд,
Зи дунё сер хоҳам шуд.

Барои меҳри бепоён ташаккур,
Барои дарди бедармон ташаккур.

Гирифтам ман қалам аз нав,
Дилам шуд беалам аз нав,
Бигуфтам роз бар дафтар,
Варақ шуд аз сиришкам тар.

Сиришки ман фидои ҳимматат бод,
Маро аз ҳабси ман кардӣ ту озод!

## ДУРОҲА

Туро ман дӯст медорам,
Туро ман дӯст медорам дар ин дунёи бесомон.
Туро ман дӯст медорам,
ба ҳар бешу каму ҷамъи хатоҳоят,
Ба чини рӯю пешонӣ, дили пурдарду танҳоят
Туро ман дӯст медорам зи чашми одамон пинҳон.

Ба ту мебахшам, эй марди ҷаҳондида,
Дили саргаштаи худро.
Дилеро, к-он зи сӯзи ишқ шуд бедор,
Дилеро, к-он зи ганҷи ишқ шуд саршор.
Диламро бар ту бинмоям,
Ки ин кӯҳи тилисм аз ҳикмати лабханди ту боз аст.

Азизи ман!
Дару девори манзилгаҳ маро танг аст,
Ба чашмам қолии хушранг беранг аст,
Дилам бо хеш дар ҷанг аст.
Чӣ созам ман? Намедонам, намедонам.
Сари раҳ қад кашида қалъае мағрур,
Ки девораш зи хишти маҳками нанг аст.

Агар сӯят равам як шом,
Ба дунё мешавам бадном.
Агар ишқи сазоворат ҷазо бинад, шавам қотил…
Туро ман дӯст медорам, ало, эй марди дарёдил…

## ЗАРМОҲӢ

Ало зармоҳии дарё,
Иноят менамо имрӯз,
Кароматменамо имрӯз,
Дар ин дунёи каҷрафтори каҷпарвар,
Ки хасҳо рӯи мавҷанду
Ба қаъри обҳо гавҳар,
Сухановар дили нармам
Ҳимоят менамо имрӯз.

Ало зармоҳии дарё,
Дар ин дунёи пурғавғо,
Ки виҷдону дилу тан мешавад савдо,
Ба зери мӯзаҳо монда диле зебо,
Каломи қалби пурэҳсос
Надорад муштарӣ, афсӯс!

Ало зармоҳии дарё,
Басе шоҳон бирафтанд аз ҷаҳон беном
Сухан монду ҳунар монду китобе монд.
Ба унвони шаҳи Маҳмуди бадгавҳар
Зи номи ҷонфидоёни каломи пок,
Зи Фирдавсӣ ҷавобе монд.

Ало зармоҳии дарё,
Гуҳар бояд зи删 хармӯҳра ҷудо бошад,
Ҳунарманде набояд мубтало бошад,

Нишинад пас сухан бар маснади боло,
Нанолад аз қазо доно.

Ало зармоҳии дарё,
Зи ту ҳоло
Зару перояву дебо намехоҳам,
Ба монанди Ҷаҳонхотуни Ҳиндустон
Зи ту қасри муҷаллоро намехоҳам.

Яке дархост дорам дар сухан пинҳон:
Дилам оинаи софест,
Макун асло варо мӯҳтоҷи хокистар,
Мабод он дам,
Мабод он дам,
Ки сар монам ба пои нокаси бесар.

## ХАШМИ МОДАР

Ҷангхоҳу ҷангҷӯ,
Номаи ман оташин аст,
Ин каломи модари ҷонофарин аст.
Бе хушомад,
Бе хушоянд,
Пурсуолу пурхитоб,
Бонги қалби осмон асту замин аст.

Модарам ман,
Як ниҳол аз боғзори зиндагиям,
Як ниҳоли мевадори зиндагиям,
Меваҳоям – кӯдаконам,
Кӯдаконам – меваҳоям.

Ту дигар қаҳрам маёр
Бо хаёли хоми хеш,
Ки ҷаҳону одамонро
Мисли аждар мекашӣ бар коми хеш.

Ҷангҷӯю ҷангхоҳ,
Аз куҷо медонӣ, охир, аз куҷо
Бо чӣ дарду ранҷҳо
Кӯдаки маҳпораамро
Ман биёвардам ба дунё?!

Аз куҷо медонӣ, охир, аз куҷо
Ранҷи сахти чордарди модаронро,
Бо аҷал дору набарди модаронро?

Ҷони тифламро харидам,
Дар баҳои ҷони гарми хештан
Дар гарав мондам диламро,
Дар гарав мондам сарамро,
Хайр гуфтам бо нигоҳе ҳам
замину осмонро.

Ту дигар қаҳрам маёр,
Модарам ман,
Модарона шӯру исён мекунам,
Бар алайҳи ҷангҷӯён ҷанг эълон мекунам.
Зан агар исён кунад, бар ларза меояд замин,
Ларза меафтад ба ҷони одамин.
Зан чу исён мекунад, ҳушёр шав,
Чанд андар ғафлатӣ, бедор шав.

Ту дигар қаҳрам маёр,
Ту дигар қаҳрам маёр,
Аз дуои модарон андеша кун, андеша кун,
Аз ҷазои модарон андеша кун,
андеша кун!

## МОҲИДОНИ БУЛӮР

Аё моҳичаи зебо,
Тани танҳо,
Маҳину нарму бепарво
Даруни зарфи пуробе шино дорӣ.
Чи дунёест дунёят,
Чи дарёест дарёят,
Намедонӣ.
Зи рақси хештан мастӣ,
Ризоманд аз булӯр астӣ.
Намедонӣ, ки андак дуртар аз он шиногоҳат
Яке баҳр аст пуртӯфон,
Дар он баҳри азиму жарфу пуртуғён
Сипоҳи мавҷҳои масту ноором дар тозанд,
Наҳангу мормоҳиҳо дар он дарё шино созанд.
Аё моҳичаи зебо,
Намедонам, ки аҳволат чӣ хоҳад шуд,
Туро ҳам гар раҳо созанд дар дарё?
Ту, охир, сахт дил бастӣ ба он зарфи булӯринат
Ва ҷуз дунёи худ ҳаргиз
Намехоҳӣ дигар дунё.

## НОМАҲО

Мисли он ки боди поиз
Оварад барги хазон,
Номаҳои ошиқиям бозгаштанд,
Хаткашонам ин саҳар овардашон.

Номаҳоям,
Номаҳои бегуноҳу бахтҷӯям
Ҳамчу тифлони ятим
Гиря карданд аз алам дар рӯ ба рӯям.

Оҳ, медонӣ магар, эй ёри ман,
Бо чи созу сӯзҳо
Ман навиштам номаҳо бар номи ту,
То баранд аз номи ман пайғоми ман,
То биёранд аз сафар пайғоми ту?!

Номаҳоям, номаҳоям,
Ин парастуҳои навбол
Сӯи хона бозгаштанд,
Паршикаста,
Сина пурхун,
Сӯи лона бозгаштанд…

Номаҳоямро фикандам,
Ҳамчу завраққои тифлон рӯи об.
То равад дарду ғамам
Дар ҷӯи об…

## ДИГАР МАЁ!

Дигар маё ба манзилам,
Хунук шуд аз ғамат дилам,
Ба мисли санги соҳилам,
Дигар маё!

Лиқои ту – дурӯғ,
Вафои ту – дурӯғ,
Худои ту – дурӯғ,
Дигар маё!

Гарон бувад, гарон бувад
Ғубори ғуссаҳои ту,
Хумори қиссаҳои ту,
Дигар маё!

Зи кӯи ман гузар макун,
Ба ашки ман назар макун,
Зи нав фасона сар макун,
Дигар маё!

Хатои ту – хатои ман,
Дурӯғи ту – сазои ман,
Макун ба дил дуои ман,
Дигар маё!

## ЛОЛА БУДАМ…

Лола будам,
Ошиқи шашсола будам.
Ёри ман ҳам лола буд,
Ман ба ранги яктаҳи парголааш
Вола будам.
Мактабӣ буд ёри хурдам,
Нисфирӯзӣ интизораш мешудам,
Оҳ, зораш мешудам.
Гар намешуд бозии бахт,
Балки ёраш мешудам…
Лек рӯзе ёри ман
Рӯи яктаҳ ранг рехт.
Модари ӯ бехабар
    риштаи меҳрам гусехт.
Модари ӯ бехабар,
Бар умедам чанг зад,
Яктаҳи ёри маро
        бар ранг зад.
Интизори ӯ набудам
Ман дигар дида ба роҳ.
Гӯиё ки ишқро карданд ранг –
Ранги ғам – ранги сиёҳ…

## ФОЛ

Бароят парварам дар сина ишқи хос,
Ба номат фол бикшоям ба сад ихлос:
Агар дар боми ҳамсоя нишинад кафтаре ногоҳ,
Ту меоӣ!
Сафедори баландеро бубинам дар канори роҳ,
Ту меоӣ!
Агар даҳ шеър хонам зери лаб имрӯз,
Ту меоӣ,
Агар ором гирад ғуссаам дар қалби бадомӯз,
Ту меоӣ!
Туро бегона метобад чунин эҳсоси тифлона,
Расад бар гӯши ту фолам чу афсона.
Зи нав ман фол мебинам,
Ба уммеде туро дарҳол мебинам:
Сад ахтар бишмарам имшаб,
Ту меоӣ!
Агар оҳиста гирам номи ту бар лаб,
Ту меоӣ!

## ТУРО МЕБАХШАМ ОЗОДӢ...

Агар меҳрам бишуд имрӯз нодаркор,
Чаро бидҳам ба неши ҳарфи талх озор?
Бирав бо хандаю шодӣ,
Туро мебахшам озодӣ.

Аз ин лаҳза ту озодӣ,
Раҳо кардам туро
            аз шаҳрбанди ишқи сӯзонам,
Раҳо кардам туро ман
            аз каманди зулфи печонам.
Ту озодӣ!
Зи неши ноаёну ногаҳони рашкам озодӣ
Ва аз занҷири гирову гарони ашкам озодӣ.
Ту озодӣ
Зи қонунам,
            Зи афсунам,
                        зи рози ман –
                                    силоҳи чорасози ман.

Чу мурғи нағмагардону чаманпарвар ту озодӣ,
Бароят пешкаш бодо гулу гулшан.
Сурудатро ба ҳар ҷое,
                                    ки мехонӣ,
                                                бихон бе ман.
Ба монанди насими кӯҳ озодӣ,
Бирав, дар қуллаҳои кӯҳ ҷавлон зан.

Туро мебахшам озодӣ,
(Худои сабр, имдоде!)
Хати озодиятро мӯҳр мемонам ба доғи ашк,
Ки шояд дур аз ман
Мерасӣ бар қадри ишқи пок,
Ва ман бе ту
Пас аз ин зиндагонӣ мекунам беғуссаю берашк.

Туро мебахшам озодӣ
Ба ҳар сӯе, ба ҳар кӯе
Ман аз занҷири гесӯе.
Вале озод буданҳо на осон аст!

Агар сад сол ҳам чун бод
                дар парвоз мегардӣ,
Ба сӯям боз мегардӣ.

## МАКТАБИ МАҲАТМА ГАНДИ

Ало Инсон,
Ало виҷдони Ҳиндустон!
Ба рӯҳи беқарорат мекунам таъзим,
Ҳамегирам зи панду ҳикматат таълим.

Ҳаётат достони рӯзгорон аст,
Сабақҳоят сафои ҷону виҷдон аст.
Туро ҳар кас шиносад, дур з-армон аст,
Ту беолоишӣ чун қатраи борон.

Бидидам «ҳомиён»-и халқро бисёр,
Сухан аз «халқу миллат» мекунанд
андар забон такрор.
Валекин қасрашон аз кулбаи миллат ҷудо монда,
Ба дорої расиданду вале миллат гадо монда.

Ватанро мефурӯшанд ин ватанҷӯён.
Суханро мефурӯшанд ин суханчӯён.
«Ватан» гӯянд, аммо дар забон гӯянд,
Аз ин ҳарфи Худо суду зиён ҷӯянд.

Агар марде сиёсатро сипар бар хештан карда,
Сиёсат баҳри ту меҳру садоқат бар Ватан буда.
Агар марде «Ватан» гӯяд барои шӯҳрату номе,
Ватан баҳри ту ҷони дар бадан буда.

На қасрат буду не коху манорат буд,
Сухан шуд худ силоҳи беамони ту,
Сипар шуд дар раҳи маргат забони ту.
Сухан шуд мӯнису дилдор,
Сухан шуд чун рафиқе лаҳзаи пайкор…

Ҷаҳон гашт аз «туву манҳо» басе хаста,
Бувад ҳар панди ту имрӯз ҳам довар.
Мане, ки фандҳо дидам зи раҳбарҳои бероҳа,
Ба ҳарфат мекунам бовар.

Ҳаме зӯровариро кардаӣ маҳкум
Ба поси мардуми аз ҳаққи худ маҳрум.
Зиҳӣ, одамгароиро ситудастӣ,
Раҳи дил бар ҳазорон дил кушудастӣ.

Маҳатма, мактабатро мактабам гуфтам,
Маҳатма, матлабатро матлабам гуфтам.

*с. 1988*

## ОФАРИН, ЭЙ ЗАН!

Эй басо давру замон,
Эй басо садсолаҳои бенишону бонишон
Ҷанг байни ҷинсҳо дорад давом,
Андар ин майдон биҷангад хосу ом.
Гоҳ ҷанги бесухан,
Гоҳ ҷанги тан ба тан.
Он яке-нозукдилу нозукамал,
Дигаре-ҷинси дағал.

Оҳ, Момо Ҳавво,
Эй зани оташсиришт,
Ту чаро бурдӣ Падарро аз биҳишт?
Шуд баҳона як гуноҳ,
Сад гуноҳи дигаре сарбор шуд.
Дар нигоҳи музтари бечора зан
Рӯзи равшан тор шуд:
«Сеҳргар зан,
Бадгуҳар зан,
Бадгумону бадзабон,
Як балои осмон.
Зодае аз нори шайтон,
Заҳр – зан,
Бадқаҳр – зан!..»

Офарин, зан,
Дар раҳи тақдир мардӣ, беҳтарин зан.

Дар раҳи пасту баланди рӯзгор,
Эй маҳинатвор, мондӣ устувор.
Санги озорат расиду тир ҳам,
Гаҳ шудӣ озурда аз таҳқир ҳам.
Зарбаи кас зӯрмандат кардааст,
Ҳамлаҳо бас бегазандат кардааст.
Шишаӣ, аммо чу санге сахтҷон,
Шабнамӣ – дар қатраат дунё ниҳон!

## ДАРАХТИ БЕВА

Тобут гаҳ дарахт, гаҳвор гаҳ дарахт,
Минбар бувад дарахт, ҳам дор гаҳ дарахт,
Пурбор гаҳ дарахт, бебор гаҳ дарахт,
Хушбахт, эй дарахт,
Сарсахт, эй дарахт!

Бар селамурғакон гаштӣ ту ошён,
Дар сояат нишаст гаҳ ҷуфти ошиқон,
Зери қабои барг захми танат ниҳон,
Ғамхор, эй дарахт,
Бемор, эй дарахт!

Бо гӯши чашмҳо созат шунидаам,
Бо чашми гӯшҳо нози ту дидаам,
Аз шохи хушк гаҳ тармева чидаам,
Афсона, эй дарахт,
Фарзона, эй дарахт!

Аз ҳамлаи шамол урён шудӣ, дареғ,
Найсон сиришки ту, гирён шудӣ, дареғ,
Аз жоласангҳо ғалтон шудӣ, дареғ,
Бедор, эй дарахт,
Нодор, эй дарахт!

Дар дашти Карбало мондӣ ғарибу зор,
Ҳамрози ту куҷо? Ку ёри ғамгусор?
Бар гӯш мондаӣ аз барг гӯшвор,
Хушрӯй, эй дарахт,
Бешӯй, эй дарахт!

## ВАФОИ ЗАН

Шомгоҳе фасли сармо
Бо сагаш биншаста марде дар лаби дарё,
Зери лаб мекард такрор:
Саг – вафодор,
Зан – ҷафокор.

Хостам гӯям ба марди дилҳазин:
Гар зане озор додат як замон,
Ё зане паймонаи паймон шикаст,
Аз чӣ ҳоло
Дар гувоҳии замину осмон,
Зоти занро мезанӣ паст?

Хостам гӯям ба марди хастаи соҳилнишин:
Оби дарё қатраҳои ашки чашмони ман аст,
Абри гардун оҳи армони ман аст.
Солҳо шуд, ишқи марде
Ҳамчу неше дар дилу ҷони ман аст…

Хостам гӯям варо:
Дар куҷое бо дили абгор як зан,
Интизори ишқу лутфу меҳрубонист,
Интизори ҳарфи нарму шодмонист,
Ҳамчу он қалби вафоҷӯю ҳалим
Қалби танҳо нест, нест…

Хостам ҳарфе бигӯям,
То ба ман марде ҳазин бовар кунад,
То хаёли ботили худро бурун аз сар кунад,
Ҳарфҳояшро барад аз ёд монанди сароб…
Лек ҳайҳот, он замон
Лол будам,
Лол будам ҳамчунон моҳӣ дар об…

## ҲАБРИЕЛЛО

Ҳабриелло – духтари нозофарин
Бо садои махмалин
Гоҳ аз ашъори Мӯъмин,
Гоҳ аз Бозори Собир,
Гоҳ аз Аскар Ҳаким.
Шеър мехонад маҳин.

Ҳабриелло – мурғаки ширинбаён
Дур аз Хатлону аз Суғду Бадахшон,
Аз Самарқанду Бухорову Хуҷанд
Бо забони рӯҳбахши тоҷикон
Шеър мехонад равон
Дар диёри дури Ҳоланд,
Аз забонаш мечакад қанд.

Ҳабриелло,
Духтари Амстердам,
Дӯстдори дурри волои Аҷам,
Шеъри моро медиҳад ранги дигар.
Дар нигоҳи беғубораш дидаам
Субҳи Афранги дигар.

*Амстердам, 1989*

## СОЛИ АСП

Эй аспи тундрав,
Эй аспи хушҷилав,
Аз авҷи осмон пайғоми хуш биёр.
Дар соли некпай,
Чун фоли некпай
Аз мулки ахтарон илҳоми хуш биёр.

Маҷрои рӯди ман бояд дигар шавад,
Хокистарам кунун бояд шарар шавад,
Шоми дарози ман бояд саҳар шавад,
Ҷодугари хаёл аз тан бадар шавад.

Имсол соли асп,
Имсол соли ман,
Андӯҳу ғуссаам бояд ниҳон шавад.
Ман интизори шеър,
Ман интизори сеҳр,
Дарёи шеъри ман бояд равон шавад.

Уммеди дилфиреб,
Хуршеди дилфиреб
Андар самои дил созад кунун тулӯъ.
Як нахли сабзбарг,
Дур аз ғами тагарг,
Андар замини дил дорад кунун шурӯъ.

Айюбу сабри ӯ ҳоло бишуд куҳан,
Дар роҳи шоирӣ сабрам бувад фузун.
Тӯфони Нӯҳ чист?
Исёни дил бубин,
Радду бадал шаванд эҳсос бо ҷунун.

Аспи сафеди ман,
Аспи умеди ман,
Имсол соли туст, иқболи ту куҷост?
Ман омадам ба шӯр
Аз шавқи диданат,
Афзори ту куҷо,
Шаҳболи ту куҷост?

## ДАРД

Худ ба худ мегуфт пурармон
Пештар аз марг обоям:
«Ҳасратат бар гӯр хоҳам бурд,
Во Самарқандам,
Бухороям!..»

Дар дами маргаш падар бигрист:
«Аз чӣ ман бедасту бепоям?
Ҳасратат бар гӯр хоҳам бурд,
Во Самарқандам,
Бухороям!..»

Гар пазирад умри ман поён,
Дар ҳаво печад ғамовоям:
«Ҳасратат бар гӯр хоҳам бурд,
Во Самарқандам,
Бухороям!..»

## МӮСАФЕД

Мӯсафед аст,
Пайкари ӯ сап-сафед аст.
Ришу абрӯ ранги барф асту
либосаш ранги барф,
Дар нигоҳи ӯ умед аст.

Гӯиё дар рӯ ба рӯ
Одаме не, пораабр истодааст.
Не ҳамон абри сафеди осмон,
Балки абри бозабон.

Ин чи абре, к-аз арақҳои ҷабинаш
Дар гузашта киштзорон об хӯрд,
Ғаллазорон об хӯрд,
Сабз гашта боғзору роғзор,
Шӯразорон об хӯрд.

Боз ҳам чун бингарӣ,
Абр-абри пурзиёест,
Абр-абри розҳост.
Абри раҳ не, даргузар не,
Абри хушку беасар не,
Лаб ба лаб аз пандҳост.

Баъд аз ин ҳам
Аз ҳамин абри сахо
Сабз мегарданд боғи ақлҳо,
Ончуноне дар баҳорон
Сабз гардад киштзорон.

## АТРИ АРЗОН

Тарк кардам ман туро,
«Хайр» гуфтам бо нигоҳ.
Дар дилам сад шӯр буд,
Дарди ҳиҷрон зӯр буд,
Лек дил мағрур буд…

Тарк кардам ман туро…
Лек бо ту
Ишқу армонам бимонд,
Сӯзи пинҳонам бимонд,
Дар ҳавои хонаат
Накҳате аз атри арзонам бимонд.

## ЗАБОНИ ПАРАСТУ

*Думаш қайчӣ,*
*Забон туркӣ…*
*Мақоли халқ*

Парасту, эй парастуи баҳори ман,
Забонатро нафаҳмидам.
Чӣ мехоҳӣ?
Чӣ мегӯӣ?
Ки ман рози ниҳонатро нафаҳмидам.

Парасту, эй парастуи баҳоровар,
Забони ту чаро туркист?
Бигӯ, эй мурғаки зебо,
Ки устоди забонат кист?

«Забони мурғаконро мурғакон донанд»,
Ба ман омӯз лафзи хешро, эй мурғаки озод.
«Забони мурғаконро мурғакон донанд»,
Ба ту лафзи дариро медиҳам ман ёд.

## САЛОМ, ЭЙ ИШҚ!

Салом, эй ишқ,
Салом, эй орзуи ман!
Салом, эй зиндагонӣ, эй ҷавонӣ!
Салом, эй шӯълаи пуртоби равшан!

Туро меҷустам аз дунёи зебо,
Туро меҷустам аз дунёи дилҳо,
Туро меҷустам аз чашми шарарбор,
Туро меҷустам аз лабханди гулҳо.

Ба подоши умеду орзуҳо,
Ба подоши суроғу ҷустуҷӯҳо,
Ба подоши сиришке ҳамчу марҷон,
Чу хуршеде бигаштӣ шӯълаафшон.

Аё, эй ишқ, аё, эй тифли гирён,
Гули парвардаи ман, ҳосили ман.
Зи ту ғофил туро ҷустам зи дунё,
Валекин худ шукуфтӣ дар дили ман.

## НИҲОЛИ БОДОМ

Дар интиҳои хандаи зарди баргҳо,
Дар ибтидои шабехуни лашкари сармо
Аз вопасин лабхандаи хуршед
Ниҳоли бодом гулпӯш шуд.

Бодоми нодон
Дар шинохтани фасли сол иштибоҳ кард,
Бехабар аз фиреби боди ҳарҷогард,
Бехабар аз таърихи фаслу солу моҳ,
Бехабар аз он ки дар паноҳи пуштаҳо
Пинҳон нишаста деви хунсард,
Ҳарири сапед ба бар кард
Ва ғамҳояш фаромӯш шуд.

Дев омад аз пушта барои куштани шодӣ
Ва «қоҳ-қоҳ» зад,
Мегуфт дев: нодон, эй нодон,
Дарақ-дарақ меларзид ниҳоли бодом
Аз шиддати хандаи деви хуношом.
Ҳар барги нозуки ҳарири гул
Пайваста бо барфи сапед
Мерехт бар замин
Ва хоку гул ҳамоғӯш шуд.

Пас аз як лаҳзаи кӯтоҳ,
Пас аз як чашмакии тундари саркаш
Ниҳоли гулбасар ногоҳ урён шуд
Ва он ашки пушаймонӣ
Бипайваст бо ашки барфу ҳам борон,
Ниҳол аз урёнии хеш шарм мекард,
Дев хомӯш шуд.

## МАН АЗ ХУД МЕШАВАМ БЕРУН

Ман аз худ мешавам берун,
Дигар дар қолабам ҳаргиз намегунҷам,
Дар оғӯши шабам ҳаргиз намегунҷам.

Дигар аз хандаи мардум наметарсам,
Дигар аз қисмати раҳгум наметарсам,
Ман аз худ мешавам берун.

Дилам ҳар лаҳза мешӯрад,
Чӣ сон созам варо хомӯш?
Танам месӯзад аз хоҳиш,
Куҷоӣ, эй баҳороғӯш?

Мани дигар кунад фарёд аз ботин:
Бигӯ, дурӯягӣ то чанд?
Чаро, эй рӯҳи исёнгар,
Фикандӣ хешро дар банд?

Бигӯ, худсӯзият охир барои кист?
Зи худ безор буданҳо ҷазои кист?
Фурӯ рафтӣ басе дар хеш,
Магар он марди зиндонбон зи ту розист?

Ман аз худ мешавам берун,
Дигар бас, ҳар чӣ бодо, бод!
Чу мурғе аз қафас безор
Зи маҳбас мешавам озод.

## ТАВЛИД

Варо куштам,
Варо, ки душмани ман буд,
Варо, ки ҳамчу море дар тани ман буд,
Варо, ки дур аз сӯзу ғами олам,
Ҳамехандид рӯзи ғам.

Варо куштам,
Варо, ки волаи молу маноле буд,
Варо, ки дар китоби ҳастии ман як суоле буд,
Варо, ки дурру ҳам дурдонае меҷуст,
Зи олам шавкати шоҳонае меҷуст.

Варо куштам,
Варо, ки буд ғуломи хеш,
Варо, ки банда буд бар обрӯи хеш, номи хеш,
Варо, ки зиндагӣ шуд давлати шавҳар,
Ҳаёташро, мамоташро бидид
аз рӯнамои сарвату гавҳар.

Бикуштам ман, мани вобастаи зевар,
Гирифтам зиндагӣ аз сар…

## ҶОДАИ ПУРХАТАР

Ман гузаштам:
    аз бари деви сиёҳ,
        аз бари деви сапед,
            аз бари деви кабуд.

Раҳ вале дур аст, дур,
Хуфта дар раҳ деви бӯр.

## ОҒОЗИ НИЛ

Агар Нил аз сиришки зан бишуд пайдо,
Бигӯ, Ҷайҳун сиришки кист?
Бигӯ, Сайҳун сиришки кист?

Агар Нил аз сиришки зан бишуд пайдо,
Бигӯ, Варзоб ашки кист?
Бигӯ, Сурхоб ашки кист?

Агар Нил аз сиришки зан бишуд оғоз,
Сиришки кист боронҳо?
Сиришки кист найсонҳо?

## НОМИ ТУ

Дар ҳаво номат «навиштам»
Ман ба нӯги панҷаҳоям,
Ҳарфҳоро бод бурд.

Рӯи дарё
Номи зебоят «навиштам»,
Ҳарфҳоро об бурд.

Номи зебоят, азизам, ҳарф-ҳарф
Пас навиштам рӯи барф,
Коғази барф об шуд.

Дар гилеми сабза номат нақш кардам,
Ҳам навиштам рӯи санги шабнамолуд,
Ҳарфҳо гаштанд нобуд.

Номи зебоят, азизам,
Бурда аз ман ҳуши ман.
Хоҳам аз раҳ оварад бод
Номи ту бар гӯши ман.

Номи зебои ту нақш аст
Рӯи гулбарги дарахтон,
Рӯи тоқу рӯи айвон,
Бо навозиш сад ҳазорон бор
Номи ту такрор созад обшор.

Номи зебоят, азизам,
Ҳамчу шогирди хатомӯз
Бо муҳббат бар сари дафтар навиштам,
Ман варо аз сар навиштам,
Номи хубат сарнавиштам.

## БА ДУХТАРИ МЕҲНАТ

Дасти худ пинҳон макун,
Дасти худ пинҳон макун аз одамон.
Дастҳои меҳнатиат, хоҳарам,
Ҳаст, охир, аз дили покат нишон.

Дастҳоят
Гар дуруштанду сиё,
Нест айб ин, нест айб.
Гар кафат пуробила,
Панҷаҳоят беҷило,
Нест айб ин, нест айб.

Духтари меҳнатқарин,
Ман ҳамехоҳам, ки ту не,
Дасти худ пинҳон кунад олуфтае,
Он, ки аз гарду ғубор
Меҳаросад ҳамчу тарсу аз шабаҳ,
Он ки дар дил мекунад ор
Аз арақҳои ҷабин,
Аз номи кор.

Сахт мехоҳам, ки ту не,
Дасти худ пинҳон кунад иғвогаре,
Он ки аз рӯи ғараз
Менависад номаи тӯҳмат зи кас.

Дасти худ пинҳон макун,
Дасти ту арзандаи сад достон.
Бок не, гар каҷдиле писханд зад,
Ҳаст дастат аз дили покат нишон.

## ДАЪВАТ

Мардуми мо меравад аз кӯчаҳои рӯзгор,
Аз баҳори умри худ бахшида ҳусне бар диёр,
Лек байни он бубинам
Бо ҷабини пур зи чин
Меравад мансабпарасте бо виқору ифтихор.
Боз андар ин гурӯҳ
Худпарасте мешитобад сӯи пеш,
Ӯ намебинад касеро ғайри хеш.
Аз қафои худпарасти пурвиқор
Беибо шахси суханчин меравад бо порахор…

Даст деҳ, эй ҳамзамон,
Даст деҳ, эй ҳамҷавор,
Ман бигирам дасти дигар,
Дасти дигар гирад аз дасти дигар.
Даст бар даст,
Мо ҳама девори оҳан мешавем,
Дар раҳи ҳақ якдилу якрою яктан мешавем.
Ман аминам, инчунин деворро
Нашканад мансабпарасте,
Қалбдасте.
Нагзарад асло аз он
Не суханчин,
Не дурӯя,
Не каси бадҷаҳлу пуркин…
Даст деҳ, эй ҳамзамон!

## ДАР ПАЙРАВИИ ШОИРИ ЯПОН ИСИКАВА ТАКОБОКУ

### Нон

Дӯш бо ҳам дар сари хоне нишастем,
Нон шикастем.
Аз садоқат бо ҳарорат бас сухан гуфтем мо.
Аз дурӯғи мо вале, эй дӯст,
Рӯи нон ҳам сурх шуд.

### Ҳафт сол

Зери боме ҳафт сол
Зиндагонӣ мекунем.
Гарчи дар як хона ҳастем,
Мо ба ҳам бегона ҳастем,
Гиря дорад тифламон аз фасли сармо.

### Бимон…

Макун, дил, пешгӯиҳо
Зи фардоям макун огоҳ,
Бимон, то бехабар бошам
Зи фардоям,
Зи ғамҳоям…

## Оби оина

Рӯй шустам ман дар оби оина,
Мӯй шустам ман дар оби оина.
Ҳамчу субҳи босафо
Меравам ҳоло ба сӯят…
Хонаи ту дар куҷо?

## Хотира

Ёдам омад кӯчаи деҳ,
Рӯ ба рӯ гаштем рӯзе.
Дар сари ман рӯймоли модарам буд,
Зеби гӯшам
Гӯшвори хоҳарам буд…

## Ҷудоӣ

Сурма молам гар ба чашмон,
Сахт гирён мешавад.
Куртаи нав гар бипӯшам,
Ашкрезон мешавад.
Аз ҷудоӣ меҳаросад тифли ман.

## Гули тагбарфӣ

Дили ман, дидаӣ ту барфборонро,
Зимистони хиёнатҳои ёронро.
Матарс аз тундбоди дай,
Биҷӯ аз зери барфи синаҳои сард
Гули тагбарфии фасли баҳоронро.

## Шамшери чӯбин

Эй ки мастӣ аз ғурур,
Дар сириштат ҷо гирифта деву ҳур.
Аз куҷо дӯғу даранг?
То ба кай шамшери чӯбин аз алам
Медиҳӣ алвонҷ дар тори сарам?

## Қатра

Қатраи шабнам чу шиша
Медурахшад аз нигоҳи офтоб.
Кош ҳар дил соф мебуд,
Кош ҳар дил пок мебуд
Мисли ин як қатра об…

## ДИЛАМ ПАРВОЗ МЕХОҲАД

Дилам парвоз мехоҳад ба гардунҳои дуродур,
Ба сӯи ахтарони беғашу мағрур,
Ба дунёи фарохи орзуи худ,
Ба сӯи нур,
Сӯи нур,
Сӯи нур.

Чи ҳосил аз фиреби дил!
Фиреби дил басе мушкил.
Чи суд аз рӯзгори якмарому бекаму осон,
Чи суд аз рӯи сурху ботини беоташу бенур!
Ба ман мерос монд аз момаам – Ҳавво
Ғуруру оташу исён!

Дилам парвоз мехоҳад!
Ҳамехоҳам гурезам ман
Зи банди хонаву девори чун зиндон,
Аз ин тӯри ҳариру қолию гулдон,
Зи қайди колаву ашёи бесомон.

Дилам парвоз мехоҳад,
Гурезам дуртар то аз ҳасуду нотавонбинон,
Гурезам дуртар аз ғайбату аз сӯҳбати арзон,
Гурезам дуртар то аз хиёнатҳо,
маломатҳо.
Дилам парвоз мехоҳад,

Дилам эъҷоз мехоҳад.
Ба ман болу паре, эй дӯст,
Дили ғампарваре, эй дӯст,
Гирифта оташе то аз дили ёрон
Бупаррам то баландии дили инсон!

Дилам эъҷоз мехоҳад.
Фақат эъҷоз,
Фақат эъҷоз,
Фақат эъҷоз.

Дилам парвоз мехоҳад,
Фақат парвоз,
Фақат парвоз,
Фақат парвоз.

## БАЪДИ ҚАРНЕ

Баъди қарне,
Баъди сад соли дигар
Дар замини гулфишони орзу
Рӯ ба рӯ оянд бо ҳам
Рӯҳи ман бо рӯҳи саргардони ту.
Рӯҳи ман оҳиста мепурсад зи рӯҳат:
Аз чи рӯ сад сол пеш
Худсару худхоҳ будӣ?
Аз ҷаҳони орзуи дигарон
Ту магар огоҳ будӣ?
Ту чаро сад сол пеш
Беғаму дилсанг будӣ?
Садзабону садақида,
Чун гули хушранг будӣ?
Гар лабат ҳоло дареғогӯ нашуд,
Пас пушаймон нестӣ з-он кори нохуб?
Ё ки дар чашми ту иблиси лаин
Ҷилва дорад хубу марғуб?
Гар ту будӣ довари инсофҷӯ,
Гар ту будӣ ростгӯ,
Зарри беғаш, покро,
Пас ту мис гуфтӣ, чаро?
Шири рӯҳат сахт меояд ба ҷӯш,
Мезанад фарёд, месозад хурӯш:
Аз нигоҳи дилшикофат ман гурезам то куҷо?
Дар замину осмон аз ту намеёбам паноҳ!
Чун фаришта
Бегуноҳам, бегуноҳам, бегуноҳ…

## ОМУРЗИШ

Ранҷу дардатро ба ман деҳ,
Оҳи сардатро ба ман деҳ.
Ман туро то бистари беморӣ овардам,
Ман туро аз хуррамӣ то хорӣ овардам.

Ман будам, ки бехуд аз худ
Ханда кардам бар умеду ормонат,
Бар тапиданҳои эҳсоси ҷавонат,
Бар ҷунунат,
Бар ҷаҳонат.

Ман будам, ки бо фасона,
Бо сукуту бо тарона,
Бо фусуни духтарона
Ҳушу ёдатро рабудам.

Ранҷу дардатро ба ман деҳ,
Оҳи сардатро ба ман деҳ.

## АФСОНАИ РОҲ

Маро бардоштанд озод
Ду дасти сахт беозор
Ва ман биншастаам бо ӯ
Ба рӯи зини зарринкор.

Саманди бодпо роҳист
Раҳашро интиҳое нест,
(Надонам Рахш ё Шабдез),
Валекин аз шарори наъли гулбезаш
Замин гулхез,
Само гулрез.

Зи дур, аз синаи он дашти беохир
Ба гӯшам ин садо ояд,
Наво аз олами афсонаҳо ояд:
«Гули зебои ман,
Хобӣ ту ё бедор ?...»
Садои дигаре ларзад,
Шавад такрор
Дар лабҳои оташбор …
Шудам бедор,
Равон буду равон буд ончунон поезд …
Шудам ҳушёр …

## РӮЗИ НАВ

Дили пурорзу дорам,
Умеди ҷустуҷӯ дорам.
Барои ман
Ҳама рӯз офтобӣ аст,
Ҳама шаб моҳтобӣ аст.

Дили пурорзу дар бар,
Ба роҳи ҳолию фардо
Равон ҳастам.
Ҷаҳонам бас бувад зебо,
Ҷаҳон ҳастам!

Маро ҳар рӯзи нав ид аст,
Зибас ҳар рӯзу ҳар соат
Шавам зебою комилтар,
Шавам раъною хушгилтар.

Маро ҳар рӯзи нав ид аст,
Ки бинам субҳ аз дигар
Самои беғуборамро,
Ҷавонии диёрамро.

Маро ҳар рӯзи нав ид аст
Ва гӯё ҳамраҳи хуршед
Зи нав ман мешавам бедор
Ва аз дарвозаи субҳи сафоовар
Барои зиндагонӣ мешавам такрор.

## ҲАФТ ПАЙКАР

Ҳафт духтар,
Ҳафт пайкар,
Дар канори деҳаам истодаанд,
Бо забони боду борон
Қиссагӯи рӯзгорон…

То бибӯсад чашмҳоямро насими кӯҳсор,
Кокулонамро бишӯяд резабороні баҳор,
Рӯзу шаб дар гӯшаи хоки диёр,
Кош бо ин хоҳарони сангтан
Ҳайкали ҳаштум бимонад баъди ман
аз ман нишон
Дар канори деҳаам чун посбон.

**ЧАНОР**

Эй чанор,
Ҳар баҳор
Сабз гардад шохаат,
Лона монанд андар он саршохаҳот
Мурғҳои беқарор.

Эй чанор,
Гӯй, оё обшор,
Чун бишорад, боз сӯи қулла ояд?
Ишқи рафта боз оё рух намояд
Мисли мурғи шохаҳоят
Дар баҳор?

## ОТАШЕ СӮЗАД ВУҶУДАМ…

Дӯш, аз банди хаёли ишқ озод,
Духтари мағрур будам,
Мисли тифли нозпарвар
Беғаму масрур будам.

Сахт бар ҳоли ҳазинаш
Ханда кардам,
Гуфтамаш: «Эй беирода…»
Беғамаш «шарманда» кардам.

Лек ин дам
Оташе сӯзад вуҷудам.
Аз пасаш фарёд кардам: «Бозгард,
Ман вафоят озмудам…»

Мегурезад аз нигоҳам,
Мешавад дур,
Қасди худро меситонад
Аз мани худхоҳу мағрур…

## ОРМОН

Эй насими рӯҳпарвар,
Дуртар рав!
Барги ларзон,
Сабр бинмо,
Шабнами худро маяфшон.
Моҳи тобон,
Пушти абри осмон шав лаҳзае пинҳон.

Мурғи хушхон,
Ист, ист!
Ором шав, дунёи пуршӯр.
Додари ман...
Додари ман медиҳад ҷон,
Дар нигоҳаш дарду армон...

## ИШҚИ ХАЁЛӢ

Оҳ, метарсам, ки рӯзе мешиносӣ хешро аз шеърҳоям,
Аз миёни сатрҳои бепаноҳи ғамзудоям,
Аз ҳавои яккафарёди дили бедори ман
Мешиносӣ хештанро, ёри ман.

Аз ғурури ногаҳону аз сурури бехазон
Қомати шамшодии ту мешавад боло.
Раддаи дандони рахшону сапедат
Мешавад як шаддаи зебо.

Мешиносӣ хештанро аз китобам,
Ошкоро мешавад рози ниҳон.
Қиссаи ишқи хаёлии зане
Мешавад вирди забон.

Лек бархе
Шубҳа месозад ба ин эҳсоси пок,
Шубҳа месозад ба ишқи бехазон,
Шубҳа месозад ба шеъри шоирон…

Ту валекин бо дили ҳассоси худ
Дарк месозӣ ҳама дунёи ман,
Бохабар мегардӣ аз савдои ман.
Мекунӣ бовар, ки шеърам
Аз дилу ҷонам фиғони оташин аст,
Ишқи ту дар синаи ман
Аввалин аст, охирин аст.

Сӯи ман меоӣ аз дур,
Мисли оташ, мисли нур,
Балки меояд ба танҳоӣ
Он дили гармат, азизам,
Ту намеоӣ, намеоӣ, намеоӣ,
Рӯи ман тар мешавад аз ашки шӯр.

## ОЛИ СОМОН, ОЛИ ТОҶИК

Оли Сомон, Оли Тоҷик,
Ахтари хушфоли тоҷик,
Гавҳаре аз баҳри Сомон,
Давлати навболи тоҷик.

Ёди Сомон ашки талхе дар гулӯям,
Чун ятимон модари худро биҷӯям.

Чархи Сомон, чархи гардун,
Шамс андар дашту ҳомун
Нолаи Ҷайҳуну Сайҳун,
Қиссае аз ашку аз хун.

Оли Сомон, ахтари Машриқзамин ту,
Саргузашти дилнавози дилнишин ту.

Ахтари Сомон дурахшон
Дар Хуҷанду Рашту Хатлон.
Ёди Сомон ёди ширин
Дар Ҳисору дар Бадахшон

Саргузашти моҳпора – Оли Сомон,
Мешавад рӯшан дубора Оли Сомон.

## ШЕЪРИ НОГУФТА

Бихоҳам як шаби хомӯши танҳоӣ,
Ба зери лаб кунам такрор лолоӣ,
Шавад тавлид аз батни хаёлу орзуям шеър,
Мисоли тифли зебое
Далеру нексимое.

Ба он шеърам
Ба он «Шаҳнома»-и умрам
Диҳам овози пурошӯби тундарро,
Шукӯҳи меҳри ховарро,
Диле бебоку поку некбоварро,
Куҷо ёбам аз ин оғози беҳтарро?

Сипас он шеър ҳамчун рӯҳи исёнгар,
Чу Сӯҳроби ватанпарвар
Зи ҷо хезад, ливои ном афрозад,
Ҷаҳонеро ба по созад.
Чу ёри ҳамдилу ҳаммаслаку ғамхор
Равад он шеъри исёнкор
Ба ғамгоҳи дили танҳою даргоҳи дили бемор,
Ба дардаш ошно гардад,
Ба тораш ҳамсадо гардад.
Равад ӯ бо қадамҳои гарони хеш
Ба ғори ботини худхоҳи бефарҳанг,
Ба ғори бетаҳи дунёпарастони барӣ аз нанг.
Занад қаҳ-қаҳ,

Зи бонги оташини ӯ
Сияҳдеворҳои ғорҳо афтад.

Мисоли коргар шеърам
Кулоҳи оҳанӣ пӯшад.
Ба ҷои манзили вайрону нообод
Кунад ӯ боғҳою хонаҳо бунёд.

Равад он шеър чун деҳқон
Ба марзи сабзи гандумзор,
Ба қалби поки
аз меҳри замин саршор,
Фуруд орад сари боло
ба пои хӯшаи гандум,
Фидо созад дилаш дар хидмати мардум…

Ба дунё ояд аз батни хаёлу орзуям гар
Чунин як шеъри ҳассоне,
Мисоли тифли гирёне,
Ба рӯҳу қудрату симои инсонӣ,
Сипас андар ҷаҳони гирдгардон
Ризоманд аз ҷалолу тахт хоҳам шуд,
Зани хушбахт хоҳам шуд.

## ФОЛИ НЕК

Боз марде шеър гуфт аз ишқи хеш,
Боз марде рӯ ба рӯям лол монд,
Боварам афзуд зуд
Нахли уммеде ба ҷонам реша ронд.

Боз гуфтам ғолибона:
Зиндагонӣ аз ман аст!
То даме ки дӯст доранд, ин ҷаҳон
Аз бароям равшан аст.

Боз гуфтам худ ба худ:
Ман агар бедор бинмудам дили соҳибдилеро,
Пас, даруни сина дил осуда нест,
Ман агар саршор бинмудам дили соҳибдилеро,
Буданам дар ин ҷаҳон беҳуда нест!

Боз гуфтам худ ба худ:
То кунун гар дилбарӣ ояд зи даст,
Аз ҳуҷуму сангҳоят, эй рақиб,
Рӯҳи ман асло намебинад шикаст.

## ШОЯД...?

Қатор омода шуд бар роҳ,
Ба дард омад дилам аз ғуссаи ҷонкоҳ.
Набинад то касе ашки равонамро,
Нафаҳмад то касе рози ниҳонамро,
Ба чашмонам сиёҳайнак бимондам ман…
Ҷавоне дилбарашро бӯсаборон кард,
Ҷавоне дастаи гул баҳри ёр овард.
Гусели ман наёмад ҳеҷ кас аммо,
Диламро худ ба худ додам тасалло.
Маро дар истгоҳи охирин шояд
Ҷавоне интизорӣ мекашад ҳоло.
Зи қисмат мекунад зорӣ:
«Маро бинмо зи ишқи беғубор огоҳ»…

Қатор омода шуд бар роҳ…

## МУРҒИ СИМИН ДАР ҲАВО

Сабр бинмо,
Сабр бинмо,
Мурғи симин дар ҳаво.
Қалби покам дар кафи ту,
Қалби покат дар кафи ман.
Чун ҷилои чашми барқ
Дидаҳо пурнуру равшан.

Абрҳою абрҳо,
Абрҳои пора-пора
Ҳамчу мурғони сафед
Гирди мо пар мезананд.
Дар миёни осмону ҳам замин
Мо парафшон –
Ду ситора,
Ду шарора.

Дар ҳавои чархи симин,
Андаруни қасри рангин,
Мо ду дил гардида ҳамдил,
Шохае аз шохи Парвин.

Дар хаёлам, ин замон
Аз тамоми ошиқон,
Аз тамоми ошиқони рӯи дунё
Мову ту ошиқтарем,
Чунки ҳамболу парем.

Мо, ду одам, дур рафтем,
Аз ду олам дур рафтем.
Дар миёни мо ҳаде нест,
Ишқи моро сарҳаде нест.

Абрҳою абрҳо,
Мурғи симин дар ҳаво.
Бахти худро ҷуста будам дар замин,
Ёфтам андар само.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, хонаи ободи ман,
Маҳди ман, манзилгаҳи аҷдоди ман,
Реша дорад нахли меҳрат дар дилам.
Саҷда меорам ба хокат,
Саҷда меорам ба обат.
Аз гилу оби ту аст обу гилам.

Эй макони гулфишон,
Зодгоҳу маскани мардони кор.
Аз дилу ҷон
Дӯст медорам туро!

Тоҷикистон,
Сарзамини бостон,
Духтари кӯтоҳдастат як замон
Ҷои пайғоме равон кард аз барои ошиқаш
Коҳу ангишти туро.
Бе сухан мехост гӯяд ӯ ба ёр:
Бе ту, эй ёри азиз,
Зардрӯ гаштам чу коҳ,
Сӯхтам андар фироқатончунон,
Гаштам охир ҳамчу ангиште сиёҳ.

Тоҷикистон,
Меҳри ту
Ончунон дар сина беандоза аст,

Ман намедонам, чи сон
Бо сухан гӯям варо?
Боз меояд ба ёди ман ҳамон ангишту коҳ,
Бе ту ман ҳам мешавам чун коҳ зард,
Аз ғаму аз сӯзу дард
Мешавам ман бе ту ангишти сиёҳ.

Тоҷикистон, хонаи ободи ман,
Гӯшаи зебою сарсабз, эй Ватан,
Бар танам меҳри ту бо шир омадаст,
Меравад бо ҷони ман!

## ФАРЗАНДИ ШОИРА

***Ба Розия Озод***

Эй зани озоди даврон,
Эй зани даврони исён.
Эй нидое дар гулӯи асри зулмот,
Аз канизӣ чун бирастӣ?
Халқаи по чун шикастӣ?
Чашмбанду чодари худ пора кардан қаҳрамонист,
Инчунин ворастагӣ худ бебар аст.
Ҳеҷ побанди худӣ озод нест,
Яксара озод будан дигар аст.

То ба дил озод будан дарк кардӣ,
Тарсро якбора аз худ тарк кардӣ.
Оқибат бо ҳастии дардошно,
Бо дили саршор аз шеъру сафо,
Бо ниёзу рози худ
Розия озод шуд,
Розия Озод шуд.

Дарк кардӣ:
То зани Шарқи куҳан озод гардад яксара
   Аз асорат,
            Аз разолат,
                     Аз маломат,
Аз фишори панҷаи ранҷу азоб,

То бихезад як саҳар ё шом аз хоби гарон,
Худшиносу ҷонфидо бояд шавад.
Дар дилаш мори хурофоту ҷаҳолатро кушад,
Бояд ӯ хонад китоб.

Дарк кардӣ:
Нафси ботил душмани қаттоли туст,
Нафсро мағлуб кардӣ ту нахуст.
Пас бихондӣ шаҳкитоби рӯзгоронро,
Пас бирондӣ аз сарат хоби гаронро,
Бо нигоҳи тоза дидӣ ин ҷаҳонро,
Офарин, эй модари ҷон, офарин!

Аз ҷаҳони ранг-ранги орзуят
Як писар омад ба дунё,
Гиря кард ӯ кӯдакона,
Ҳастият лабрез гардид аз тарона.

Печутоби чордард аз ёд рафт,
Модарона
Ту ба гӯши тифли навзод
Ҳар шабе хондӣ фасона.
Тифли ту марди калон шуд,
Дар самои илму ирфон ӯ дурахшон,
Ахтаре андар замину осмон шуд.

Эй гули боғи адаб,
То ту андар боғи ободи сухан

Шеърдону шеърхон бисёр буд аз ҷинси зан.
Робиа, Барно, Маҳастӣ…
Ҳар гулеро накҳате андар чаман.

Баъди ту оянд боз
Булбулон аз ҷинси зан дар ин чаман.
Шояд он як
Аз ту беҳ гӯяд сухан,
Ё шавад бо ҳусну шеъраш меҳру моҳи анҷуман.
Шеър гӯяд он яке бо сози худ,
Тозатар он як бигӯяд рози худ.

Лек монанди ту як фарзона фарзанд
Бар ҷаҳон овардани он моҳи маҷлис дар гумон аст.
Хуштар аз ту шоире аз ҷинси зан шояд бигӯяд шеър,
Лек парвардан чунин фарзанд бас кори гарон аст.

Модари тифли бузург,
Ҳарфҳои шеъри ту чун қатраҳои шири туст.
Номи фарзандат ҳамеша дар забони халқи ман
Шоҳбайти шеъри туст!

## МАРДЕ ДАР ХИЁБОН

Марде дар хиёбони танҳоӣ
Хоби худро мефурӯхт,
Аммо касе дар суроғи хоби ӯ набуд.
Мард хаста, дилшикаста,
Зери лаб такрор мекард,
Вожаҳои зеринро:
«Хобамро мефурӯшам, мардум,
Бар ивази як лабханд,
Ё худ дар ивази китоби Ҳофиз
Бар ивази ҳарфи гарме мисли нури хуршед
Бар ивази як дона гули лола
Бар ивази орзуи фардо,
Бар ивази умед...»

* * *

Марди хобфурӯш
Ҳангоми ғуруби офтоб
Раҳ ба сӯи хонаи сарди худ мегирифт.
Хоби худро чун бори сангине
Бар дӯш мебурд.

## САНГИ САБУР

Сабр кардам,
Сабр кардам,
Аз сабурӣ мӯи сар чун барф шуд,
Рӯзҳои беҳтаринам сарф шуд.
Шуд ниҳоли сабри ман аз бор хам,
Меваҳои талхи он зад бар сарам.

Кай бирӯяд сабза рӯи санги лайс?
Ман валекин менишастам интизори
сабзаю гулҳои тар.
Аз дили сангинниҳодат бохабар,
Менишастам бо хаёли сеҳру афсун,
Ҳам ба ёди ту бишуд
Эй басо шабҳо саҳар.

Сабр кардам,
Сабр кардам,
То дили ту нарм гардад аз муҳаббат,
Чун шароре он дурахшад аз садоқат,
Лек, ҳайҳот, орзуям санг баст
Аз гаронии ниҳони сабру тоқат.

Бори дигар рӯзгорам фанд дод,
Аз ҷигар оҳи надомат мекашам.
Ғӯраи сабрам расиду талх шуд,
Меваашро боз танҳо мечашам.

# РӮЗҲО –

# СӮЗҲО

## СУРУДАЕ ПЕШ АЗ ҚАТЛ

*Ман ғубори домани хуршед дорам орзу,*
*Ханда месозад хирад ин саъйи беҷои маро.*
*Макнуна (1792-1842)*

*Баҳорон буду рӯи хок гули бодом мерехт. Макнунаро – шоираро, ҳамсари шоҳро барои қатл мебурданд. Макнунаро, ки «гавҳари муҳити насабу камол, дурри ноёби садафи иззату иқбол, дар шеваи фуқаропарварӣ мусалламаи хосу ом, дар идрок ва машқи ашъори дилпазир заифае беҳтар аз ҳазор марди хирадманд»[1] буд. Ӯро барои қатл мебурданд. Макнунаро — шоираро, ҳамсари шоҳро. Ногаҳ қадамгузорияш оҳистатар шуд. Дар рӯ ба рӯ чеҳраи шиносро дид. Дандон ба дандон соид, ба хеш ларзид. Шояд ин ҳамон рақиби бадхоҳаш буд, ки алъон аз дур заҳрханда мекард? На, на! Суробе ё саробе буду бас?...*

* * *

Аз дори шашдар меравам, аз теғу ханҷар меравам,
Аз доғи маҳшар меравам, аз хушку аз тар меравам.
Падруд гӯям шедро, сангу замину бедро,
Ҳам ҷони пуруммедро, беболу бепар меравам.

Ман меравам қуфле ба лаб, дунёи пурғавғо зи ту,
Ҳам арши кинафзо зи ту, ҳам фарши пурсавдо зи ту.
Ман сӯхтам, ман сохтам, ҳастии худро бохтам,
Шеъру қалам дунёи ман, оини ғамафзо зи ту.

[1] Аз дебочаи девони Макнуна.

Сад неш бар ҷонам задӣ, ҳам теғу пайконам задӣ,
Сад зарбаи мардафкане бар китфи ларзонам задӣ.
Тири нигоҳи тангбин сӯрох карда пайкарам,
Сад сӯзане бар қасди ҷон, санге ба домонам задӣ.

Аз чашм пинҳон мешавам, таблат бизан, паҳно зи ту,
Шаҳре пур аз ғавғо зи ту, хоне пур аз ҳалво зи ту.
Як қалби пурафсонаро, ҳайҳот, бо худ мебарам,
Ҳафт осмону шаш ҷиҳат, дунё зи ту, дунё зи ту.

Дар олами буду набуд афсона мемонад зи ман,
Девони ман, ашъори ман – дурдона мемонад зи ман.
Гар ин ҷаҳони пурситам асло вафодорам набуд,
Лабрез аз ишқу вафо паймона мемонад зи ман.

## ШЕВАНИ РӮҲИ ТОҶИКИСТОН

Киро акнун расад арзу хитобам?
Зи фарзандони нодон дар азобам.
Худо бахшид Тӯмори Аҷамро[1],
Вале наслам намехонад китобам,

Куҷо ӯро хаёли илму мактаб,
Варо мошин бубахшу ҷоҳу мансаб.
Наҳифу лоғарак ақли сабукрав,
Вале фарбеҳ шавад ҷаҳли мураккаб.

Варо дар сар ҳавои ганҷи Қорун,
Куҷо андешааш аз ганҷи макнун?
Зи Сосону зи Сомон кай кунад ёд?
Ту гӯӣ, нав фитод аз маҳди гардун.

Ниҳон андар ниҳонам ганҷ дорад,
Замину осмонам ганҷ дорад.
Вале фарзанди худхоҳи ҳавасрон
Маро як пайкари сангин шуморад.

Бувад ганҷинаам ганҷи худодод,
Зи файзаш мулкҳо гарданд ободъ.
Вале фарзандҳо дар ҳоли мастӣ
Ҳама сармоям бидҳанд барбод.

---

[1] Ишора ба «Авасто»

Ба худ печидаам аз оташи дард,
Куҷо духти хирадпеша, куҷо мард?
Ҳаводори зари бегонаҳо ӯст,
Варо савдои симу зар асар кард.

Худовандо, чаро фарзанди ман хор,
Барои зарраи зар мешавад зор?
Бародар гар набахшояд бародар,
Набахшоям ман ин фарзанд зинҳор.

*с.1990*

## ТИФЛИ ПОБАРАҲНА

Эй тифли побараҳна, садпора шуд дили ман,
Андӯҳ чун бигунҷад андар дили шикаста?
Чашмони худ бубастам, то ҳоли ту набинам,
То кай вале нишастан бо чашмҳои баста?

Бар гӯш пунба мондам, то нашнавам фиғонат,
Хори кафат чу дидам, шуд боғ сарпаноҳам.
Ҳайфи чунин гуреза, ҳайфи чунин фасона,
Аз хеш чун гурезам? Кай бахшам ин гуноҳам?

Хоре халад ба поят, бар дил маро халад хор,
Дар рӯи дил ҳувайдо сад захм мисли бодом!
Ҳар хор беамон аст, ҳар захм хунчакон аст,
Дардо, дигар надорам як лаҳза хобу ором.

Эй тифли побараҳна, аз кӯҳи ғам фитодам,
Оё ба гӯши Яздон боре расад садоям?
Пои туро бибӯсам чун пои тифлаки хеш,
Хори кафат бигирам бо нӯги мижжаҳоям.

*с.1988*

## СӮЗАНДОН

Меравам аз кӯчаҳои шаҳр
Сархаму хомӯшу озурда.
Офтоби зардрӯ маҳзун,
Чун дилам гулгашт пажмурда.

Зери лабҳо – шеъри Петрарко,
Дар дили ман сӯзани бисёр.
Оҳи боди сард дардомез,
Ҳамчу ман менолад аз озор.

Як гадозан аз раҳам дорад,
Бар хазон монад кафи зардаш,
Ман дирамҳо бар кафаш резам,
Ӯ бирезад бар дилам дардаш.

Аз алам, аз сӯзани озор
Дил маро шуд мисли сӯзандон.
Хоҳарам, ай хоҳари гулдаст,
Аз пайи сӯзан марав дуккон.

Ногаҳон аз боди ҳарҷогард
Пош хӯрд осон ҳавасарзан.
Оҳ, ҷои розҳо бигрифт
Захми тиру донаи сӯзан.

## ПАЙҒОМИ ШОИР

***Ба ёди Ҳабибулло Файзулло***

Ин тӯси сапеду сабз
Оҳанги ғазал донад.
Ӯ шеъру ғазалвора
Бо нола ҳамехонад.

Ин ёс чӣ мегӯяд
Бо атри гулафшонаш?
– Гулзор намепояд,
Бингар ту ба сомонаш…

Ин рӯди сухановар
Сар мешавад аз боло.
Ҳар лаҳза бипурсад: – Ку
Шӯрида Ҳабибулло?..

Садбарги Сарихосор
Сад ной фиғон дорад.
Чун лахти дили шоир
Сад захми ниҳон дорад.

Ин роҳ чӣ мегӯяд
Нофораму гаҳ форам?
– Бар шебу фароз асло
Мангар ту ба чашми кам…

Ин сабза садо дорад,
Рӯяд зи гили шоир.
Аз хок бурун гашта,
Пайке зи дили шоир.

*с. 2007*

## ГИРЕҲИ ЗУЛФ

Гиреҳ аз зулфи ман бикшо,
Шавад то во гиреҳ аз бахт.
Маро мушкилкушо бояд,
Шавад то роҳи бахтам тахт.

Гиреҳ андар гиреҳ омад,
Бидидам роҳи худ баста.
Кушоям чун гиреҳ ин дам?
Худовандо, шудам хаста.

Ҳамеша дар сари роҳам
Бидидам садди Искандар.
Магар баҳри азобам зод
Дар ин дунёи дун модар?

Гиреҳ аз зулфи ман бикшо,
Шавад зулфам парешонтар.
Гурезам сӯи гулбоғе,
Ба дастам хомаю дафтар.

Гиреҳ аз зулфи ман бикшо,
Шавад то во гиреҳ аз роҳ.
Ба хобам як малак омад,
Маро аз бахт кард огоҳ…

## ГУРГОШТӢ

Рӯзу шабон, рӯзу шабон
Бо хеш дар ҷангам ҳанӯз.
Бо кашмакашҳо то ба кай
Шабҳои ман гарданд рӯз?

Бар қасди ҷонам ғайри хеш
Ғайре надидам ғайртар.
То кай миёни ду «ман»-е
Довар шавам шому саҳар?

Аз дасти худ, аз қасди худ
Ман омадам охир ба танг.
Бигрезам аз худ то куҷо,
То як дам осоям зи ҷанг?

Бо худ кунам гаҳ оштӣ,
Чун ман касе хушбахт нест!
Аммо аз ин сулҳам чӣ суд?
Ин оштӣ гургоштист.

## МАЪБУДИ ШАШДАСТ

Чу шаш дасти худои Ҳинд
Маро шаш даст мебояд,
Вагарна бахти ҳарҷоӣ
Дар ин манзил намепояд.

Каноре кӯдаки гирён
Зи модар шир мехоҳад.
Каноре кори нофарҷом
Зи ман тадбир мехоҳад.

Парешон дафтару коғаз,
Парешонтар вале ҳолам.
Ало, даврони садпарвоз
Чӣ кардӣ бо пару болам?

Зи як сӯ ғур-ғури шавҳар,
Зи як сӯ коғазу дафтар.
Зи як сӯ кӯдаки гирён,
Зи як сӯ кори бесомон.

Зани бечораи даврон
Бувад дар чорсӯ ҳайрон.
Намедонад, ба ҷонбозӣ
Киро аз худ кунад розӣ…

Маро шаш даст мебояд,
Маро шаш даст мебояд,
Ки оҷиз бо ду дастам ман,
Дудаст, охир, чӣ ҳастам ман?!

## ХОҲАМ ГУРЕЗАМ АЗ ИШҚ...

Оқо, маро бубахшед,
Ман бегуноҳ ҳастам.
Дар рӯ ба рӯи он чашм
Ман бепаноҳ ҳастам.

Алъон зане ниҳон аст
Дар хонаи дили ман.
Нерӯ гирифта он гул
Аз обу аз гили ман.

Гаҳ хобу гоҳ бедор,
Аз дард носабур аст.
Ӯро садои тилфун
Мисли ҳаво зарур аст.

Аз кори зан чӣ гӯям?
Аз кори зан дилам реш.
Афсонаи дилам гуфт
Андар чакомаи хеш.

Занҷир меканад ӯ,
Худкома асту озод.
Сабру таҳаммуламро
Охир бидод бар бод.

Ҳарчанд мегурезам
Дур аз шумо ба сад роҳ,
Он зан вале зи ботин
Фарёд дораду «оҳ».

Он зан ба мисли раҳзан
Дилро зи раҳ занад боз.
Ҳар ҷо равед, ӯ низ
Он ҷо равад чу ҳамроз.

Дармон ба дард ҷӯям,
Дармон куҷо, Худоро?
Андар ҷаҳон биҷӯяд
Якроҳа зан шуморо.

«Оқил бишав» бигӯям
Дилдода бенаворо,
Кай бишнавад валекин
Бо гӯши кар садоро?

Оқо, маро бубахшед,
Ҳуше ба сар надорам.
Хоҳам гурезам аз ишқ,
Роҳе дигар надорам.

## ДАРДИ ИШҚ

Хобам парид аз дарди ишқ,
Доруи хобам орзуст.
Лабташнаам, лабташнаам,
Як қатра обам орзуст.

Хоҳам гурезам аз ғамаш,
Ишқам валекин ғолиб аст.
Ишқ аз дилам берун хазид,
Аз чорсӯ роҳам бубаст.

Аз мӯр мепурсам мадад,
Аз моҳ мепурсам мадор,
Мӯр аз паи дон меравад,
Маҳ дар мадораш раҳсипор…

Эй ишқи пок, эй ишқи пок,
Сӯзандатар аз оташӣ,
Дур аз балое хешро
Сӯи балоҳо мекашӣ.

Хунам ба оташ шуд бадал,
Эҳсос ҷӯшад дар бадан,
Ман музтариб, ман музтариб,
Ман безабон, ман бесухан…

Модар-табиат, раҳм, раҳм,
Эҳсосро дар сина куш,
Ин оташи деринаро
Бо қудрати дерина куш.

Аз бехудӣ ман хастаам,
Хоҳам зи нав оқил шавам.
Бигзор, дар пеши дилам
Қотил шавам, қотил шавам.

## ДЕР ШУД…

Бар дилам омад баҳори ишқ,
Навбаҳори умр лекин рафт.
Чун дили мастат ба даст орам,
Шавқу шӯрам гар зи ботин рафт.

Кай гулафшон мешавам аз нав,
Кай ҷавонӣ оядам меҳмон?
Навҷавоно, дар куҷо будӣ,
Лаҳзаҳое ман будаам хандон?

Як замон бар қомати сабзам
Бо ҳавас ҳар кас назар медӯхт,
Аз ғами зулфи парешонам
Дилшиносе ҳар нафас месӯхт.

Эй ҷавон, охир куҷо будӣ,
Аз чӣ нашнидӣ ту фарёдам?
Рӯ ба рӯ гар мешудӣ он рӯз,
Шоядо, дил бар ту медодам.

Дер шуд, дер, эй азизи дил,
Навбаҳорам рафт бо армон.
Корвонат меравад боло,
Корвонам меравад поён.

## НЕ САФЕДАМ, НЕ СИЁҲАМ

Қуфл кардам ҷомадонам,
«Меравам» – гуфтам ниҳоят.
Рахт бастам ногаҳонӣ,
Пеши дил кардам ҷиноят.

«Меравам»-мегӯяму дил
Сахт менолад зи андӯҳ,
Лол мемонам саропо
Ҳамчу бе акси садо кӯҳ.

Интизорам ман, ки ногоҳ
Медароӣ шоду хандон,
Ногаҳ аз гармии рӯят
Зинда мегардам ман осон.

Як нигаҳ бинам туро, бас,
Ишқи ман ишқи хаёлист,
Аз гунаҳ дурам, азизо,
Чун гунаҳ ошуфтаҳолист.

Инак, аз нури рухи ту
Мешавад рӯшан нигоҳам.
Бе ту ман ранге надорам,
Не сафедам, не сиёҳам!..

## МАН ДИГАР,
## АФСОНАИ ЛАЙЛО ДИГАР...

Эй ки бӯса аз лабонам бурдаӣ,
Бӯсае не, балки ҷонам бурдаӣ.
Гуфта будӣ баҳри бӯса ҷон диҳам,
Бӯсаҳое ройгонам бурдаӣ.

Розу ҷӯши бода монад, кош, кош,
Дар дили дилдода монад, кош, кош,
Ман дигар, афсонаи Лайло дигар,
Сирри мо накшода монад, кош, кош.

Зулфаму аз боди саргардони ишқ
Гоҳ ҷамъу гаҳ парешонам ҳанӯз.
Ҳур будам, бехабар аз дарди ишқ,
Чун шудам аз сӯзи ишқат хирқасӯз?

Дилпарешон бо калиди ҳарзабод,
Ганҷи дилро пеши ту во кардаам.
Сархуш андар мавҷҳои эҳтирос
Дар вуҷудат шӯълае ҷо кардаам.

Аз нигоҳи таънаҷӯён, алҳазар,
Дар амон монем аз тири нигоҳ.
Аҳриманро дур созад ишқи ту,
Кош, гардад Кохи ишқат сарпаноҳ.

## ШАҲДИ ФАНД

Манам он зан, зани хушбахту хуштолеъ
Туро, эй офтобам, дидам аз наздик.
Чи рӯшан буд чашми сеҳрбори ту,
Гирифт он лаҳза чашмам пардаи торик.

Ба дастат бебаҳо девони Ҳофиз буд,
Мани девонаи Ҳофиз шудам хомӯш.
Шаробе буд овозат, ки мастам кард,
Зи шеъру сеҳри ишқи ту шудам мадҳуш.

Дили ҳассоси занҳоро куҷо донӣ?
Шикастан инчунин дилро чи осон аст!
Чи зуд ӯ мекунад бовар ба сад ихлос,
Сароб андар нигоҳаш рӯдборон аст.

Ман аз фанду дурӯғат огаҳам, аммо
Чу сайди бепанаҳ ногаҳ шудам мағлуб.
«Чи хушбахтам!» – ҳамегӯям ба гӯши шаб,
Ту бо шаҳди дурӯғат гаштаӣ маҳбуб.

## БЕНАЗИР

Ман чи сон монанд гӯям, модар, овози туро
Бо суруди пурсафои ҷӯйборони диёр?
Рӯд зери шишаи ях гоҳ меварзад сукут,
Рӯҳбахш аст «Алла»-и ту дар зимистону баҳор.

Дона-дона гавҳари ашки туро дар шеъри худ
Ман чи сон монанд бинмоям ба марҷони қатор?
Шаддамарҷон аз ниҳоди сангҳо ояд ба даст,
Ашки ту ояд бурун аз қалби нарму беғубор.

Ман надонам чун тавон мӯи туро ташбеҳ дод
Дар сафедию ҷило бар қуллаҳои барфпӯш?
Қуллаҳо буданд агар аз рӯзи аввал сарсафед,
Мӯйҳоят то ғами мо тирагун буданд дӯш.

Дар сари тасвират оё ман намесозам хато,
Гар бигӯям: бас бузургӣ ҳамчу меҳри кишварам?
Тарк мегӯяд ҷаҳонро шомгоҳон офтоб,
Рӯзу шабҳо бар сари ман нурборӣ, модарам.

Ҳар қадар ташбеҳ ҷустам лоиқи эҳсони ту,
Он қадар дидам туро ман беқиёсу беназир.
Шири ту, гуфтам, ба мисли дафтарам бошад сафед,
Ҳеҷ гоҳ аз дафтарам аммо наомад бӯи шир.

## ЗОЧАҲОВУ БАЧАҲО

Ёдам омад дар сари гаҳвора боз
Кӯдакӣ – афсонаи ширинтарин.
Дафтари ёди маро аз нав кушуд
Моҳи нав бо панҷаҳои зарҳалин.

Зочаи мо он замон аз санг буд,
Баҳри кӯдак санг ҳатто зинда аст.
Гоҳ нолон, гоҳ хандон буд санг,
«Алла»-гӯён мегирифтемаш ба даст.

Ончуноне модарон бар тифли хеш,
Меҳрубон будем бар санги сиёҳ.
Ҳар гаҳе «бемор» мешуд «тифламон»,
Марҳамаш мешуд гулу барги гиёҳ.

«Модарона» гоҳ ғамгин мешудем:
Аз чӣ бошад тифламон номеҳубон,
Аз чӣ подоши ҳама дунёи меҳр
Хушзабон боре нагӯяд «очаҷон»?

Ёд карда кӯдакиямро кунун,
Дар сари гаҳвора мегӯям бадард:
Тифли ман, умре сарат аз санг бод,
Тавба, тавба аз дили сангину сард!

## ЭЙ ДИЛ…

Эй дил, сурӯши ту куҷо?
Ҷӯшу хурӯши ту куҷо?
Аз хонаи тангат баро,
Афсона шав, афсона шав.

Дарё равон, дунё равон,
Санге бигардӣ як замон…
Ҳоло ба дасти ёри ҷон
Паймона шав, паймона шав.

Гар оқилон пандат кунанд,
Ё ошиқон фандат кунанд,
Чун сайд дар бандат кунанд,
Фарзона шав, фарзона шав.

Аз фитнаю шар алҳазар,
Аз пургапони камҳунар,
Аз «оқилон»-и бесамар
Бегона шав, бегона шав.

Гирди чароғи дӯстон,
Бар остони ростон,
Гирди ҳабиби роздон
Парвона шав, парвона шав.

Эй дил, суруди нав навис,
Навро раҳу рӯҳи навест,
Гар шоирӣ мардонагист,
Мардона шав, мардона шав!

## ФАСЛИ ШЕЪР

Ало Эрон, зимистонат чӣ сон аст?
Ҳавои барфу боронат чӣ сон аст?
Хаёлам, гулшани доимбаҳорӣ,
Ба фасли дай хиёбонат чӣ сон аст?

Ало Эрон, баҳоронат мусаффо,
Гузар кардам зи гулгашти Мусалло,
Зи ҳусни нозанинат дил нидо кард:
Биҳиштӣ ту, биҳишти рӯи дунё!

Дилам хоҳад, зимистонат бубинам,
Сафобахшо хиёбонат бубинам,
Ба рӯи ҷодаҳоят резаи барф,
Гуҳарафшон дарахтонат бубинам.

Ало Эрон, ало гаҳвораи ноз,
Насими Исфаҳону боғи Шероз.
Ба ҳар фасле арӯси нозанинӣ,
Баҳорат гул, зимистонат гуландоз.

Ало Эрон, баҳоронат ҳуҷаста,
Ба фасли дай хиёбонат ҳуҷаста.
Зи ҳар фаслат бимонад нақш дар дил,
Ҳавои шеърборонат ҳуҷаста.

## АГАР МАН МАРД МЕБУДАМ…

Агар ман мард мебудам,
Ба ҳуснат мешудам ошиқ.
Намешуд дар ҷаҳон пайдо
Чу ман як ошиқи содиқ.

Агар ман мард мебудам,
Ба қалбат роҳ меҷустам.
Мисоли ошиқи печон
Сари роҳи ту мерустам.

Агар ман мард мебудам,
Намедодам туро озор.
Туро хушбахт мекардам
Зи сеҳри ишқи оташбор…

Куҷо он марди дарёдил,
Ки бар дунёт раҳ пӯяд?
Хатоятро ба ту бахшад,
Савобатро зи дил ҷӯяд?

Куҷо он марди хушфоле,
Ки бар ҳарфат кунад бовар?
Раҳо созад туро аз ту,
Нанолӣ то зи худ дигар.

Куҷо Маҷнуни саҳрогард,
Куҷо Фарҳоди дилпора?
Куҷо марде, ки аз ишқат
Шавад бехобу овора?

Агар ман мард мебудам…

## ЧАШМИ ТУ

Ду чашми ту – ду ангури тагобӣ,
Сиёҳу шӯълarезу оташафрӯз.
Чи сон ногаҳ дилу ҷонам рабудӣ,
Чиҳо кардӣ, зи ишқат мастам имрӯз?

Дили ман, ин дили бедарду беғам
Зи ишқу ошиқиҳо кай хабар дошт?
Нигоҳи пурҳавас бисёр дидам,
Нигоҳе бар дили ман кай асар дошт?

Кабӯтарбаччаи озод будам,
Диламро не ғаме, не як алам буд.
Ба ҳар сӯ хостам, шаҳпар кушодам,
Чу ман як духтари бедард кам буд.

Куҷо он беғамиҳо, беғашиҳо?
Куҷо он хандаи мастонаи дил?
Дигар гаштам,
дигар гардам ҳама рӯз,
Равад афсонаам манзил ба манзил…

Ду чашми ту – ду ангури тагобӣ,
Сиёҳу шӯълarезу оташафрӯз.
Чи сон ногаҳ дилу ҷонам рабудӣ,
Чиҳо кардӣ, зи ишқат мастам имрӯз?

## РӮЗҲО – СӮЗҲО

Рӯзҳоям, рӯзҳои рафтаам,
Ҳар замон аз нав азобам медиҳед.
Мекунед аз хоб бедорам ҳанӯз,
Аз ғами мозӣ китобам медиҳед.

Дил ҳамехоҳад варақҳои варо
Пора созам, як ба як оташ занам.
То нахонам дигар аз авроқи он
Назди ёри бедиле бигристанам.

Лек меафтад зи дастам ногаҳон,
Ҳар гаҳаш қатъӣ бихоҳам сӯхтан,
Сафҳаҳояш мешавад барги хазон,
Тар ҳама аз ашкҳои чашми ман…

Рӯзҳоям, рӯзҳои рафтаам,
Дардатон ҳар лаҳза дар ҷонам фузуд.
Гар набудед, аз куҷо будам чунин?
Гар набудед, аз куҷо ин сӯз буд?

## ДАРЁ ДАР ДИЛ

Орзуе дар дили ман хуфтааст –
Орзуи хушпари обу гилам:
Кош шеърам – мавҷҳои рози ман
Сар занад монанди дарё дар дилам.

Солҳои рафтаам – марҷонқатор,
Рӯзҳоям – ахтарони осмон.
Ман валекин интизорам, интизор,
Кай шавад дарёи шеъри ман равон?

Қатра-қатра дар дилам дарё бишуд
Орзую ормони бешумор.
Беқарорам мекунад дар зиндагӣ
Мадду ҷазри мавҷҳои беқарор.

Бо чунин дарёи пуршӯри дилам
Чун шавам ман роздону ҳамзабон?
Пурфан аст он ҳамчу дарёи сароб,
Саркаш аст он ҳамчу дарёи дамон.

Оҳ, дарё, оҳ, дарёе, ки сахт
Дар дилам ҳар дам талотум мекунӣ,
Чанд монӣ бенишон дар синаам?
Дар саробат ҳастиям гум мекунӣ.

Оҳ, беҳад аз хурӯшат хастаам,
То ба гӯшам рози дарё мерасад.
Кай зи дил якбора берун мешавӣ?
Мавҷи шеърам кай ба дилҳо мерасад?

## ДУР АЗ ДЕҲ

*(Бо себҳои фиристодаи модарам*
*мӯрчае низ ба Маскав омад)*

Пеши ман аз роҳи дур афтодаӣ,
Марҳабо, болои дастонам баро.
Ҷон фидои гарди поят мекунам,
Эй нишони зиндае аз зодгоҳ.

Бӯи хоки деҳаро овардаӣ
Баҳри ман ҳамроҳи савғои диёр.
Чашми чорам зор дар роҳи ту буд,
Ман туро мехостам чун ғамгусор.

Хурд будам, тифли бепарво будам,
Пахш мекардам гаҳе ёрони ту.
Ман чӣ гӯям, то равад аз синаам
Доғҳои ҳасрату армони ту?

Чун шудам аз деҳаи хурдам бадар,
Меҳри покаш дар дилам бедор шуд.
Зарраҳои хоку сангаш шуд азиз,
Ҳастиям аз меҳри он саршор шуд.

Эй нишони зиндае аз зодгоҳ,
Эй ҳабибу ғамгусори безабон.
Бигзар, охир, аз гуноҳи кӯдакӣ,
Гар туро озор додам як замон…

*ш. Маскав. с. 1971*

## БА МАРД

Зи ранҷу даҳшату ғавғои дунё,
Зи ашку ғуссаю ғамҳои дунё,
Зи барфу тундару сармои дунё
Маро андар паноҳи худ нигаҳ дор.

Агар сахтӣ кашам, ту дарду дармон,
Зи ман, эй орзу, ту рӯ магардон,
Балогардон бишав, эй марди мардон,
Маро андар паноҳи худ нигаҳ дор.

Дилам магзор аз ҳарфи суханчин
Шавад решу шавад ҳар лаҳза ғамгин,
Зи тӯфони балою тӯҳмату кин
Маро андар паноҳи худ нигаҳ дор.

Зи чашми нокасони дуну беор,
Зи лӯъбатбозии мардони айёр
Ҳимоят кун маро, эй ёр, эй ёр,
Маро андар паноҳи худ нигаҳ дор.

Ман, охир, ҳамчу тифли бепаноҳам,
Баду некам аён аст аз нигоҳам,
Маҷӯ дар ҳар қадам ҷурму гуноҳам,
Маро андар паноҳи худ нигаҳ дор.

## ҒАМХУРАК[1]

***Ба устод Сотим Улуғзода***

Ту ғамхорӣ,
Ту ғамхори сухан ҳастӣ,
Ту ғамхори сухансанҷу сухандонҳо.
Ту мисли ғамхурак бошӣ,
Ки он аз хотири мардум
Ҳамеша ташна мегардад лаби дарё.

Агарчи мекашӣ бори сухан умре,
Ба халқи хештан миннат намесозӣ.
Бад-ин фазлу камолу ин хирадмандӣ
Зи худ пайғамбари миллат намесозӣ.

Ғурури шоири тӯсӣ шудат ёвар,
Саратро пеши номардон накардӣ хам.
Сано гӯям ман аз ҷон бар дили нармат,
Ки умре мекашад мардона бори ғам.

Сухансанҷӣ ҷавонон аз ту омӯзанд,
Ту омӯзӣ ба хурдон хоксориҳо,
Миёни қавлу кори ту ҷудоӣ нест,
Зи қавли худ шудӣ комил, шудӣ доро.

[1] Ғамхурак – номи паранда.

Бувад ҳар як китобат хишти заррине
К-аз онҳо қад кашад кошонаи тоҷик.
Асарҳоят чароғи оламафрӯзанд,
Шавад равшан аз онҳо хонаи тоҷик.

Ту бар як поя монӣ ҳарфу виҷдонро,
Барои ту сухан аз мартаба болост.
Суханвар мисли ту шояд бувад бисёр,
Валекин ҷонфидое чун ту кампайдост…

## ПАРВОЗ

Ногаҳон ман мекунам парвоз
Бар самои соф.
Оқибат пар мекашам озод
Дар ҳавои соф.

Бар ҳақиқат мешавад табдил
Хобҳои ман.
Шаҳри хуфта мешавад бедор
Аз садои ман.

Як зан аммо мекунад фарёд:
«Даст гиредаш.
Аз чӣ он зан рафта то гардун,
Паст гиредаш!»

Ман вале шодона механдам:
«Эй ҳавасмурда!
Баркушо ту шоҳболатро,
Ку дилу гурда?»

Оқибат пар мекашам озод,
Дуртар аз хок.
Он зани бадхоҳу бадандеш
Мешавад ғамнок.

Бол меафшонам оҳиста
Бар сари ҳар бом.
Барги гул мерезад аз болам,
Чун гули бодом.

## ПОСБОНИ ҒАЛЛАЗОР
***Барои модарам***

Соли ҷанги хонумонсӯз
Ҳури ҳаждаҳсола будӣ.
Бо қаду ҳусни расоят
Ту ба ҳукми лола будӣ.

Сӯи кӯҳу дашт метохт
Мисли бод аспи самандат.
Раҳ ба раҳ гулзор мешуд
Аз нигоҳи дилписандат.

Посбони ризқи мардум,
Посбони ғалла будӣ,
Аз сиришки худ ба хирман
Донаҳое мефузудӣ.

То наояд сӯи хирман
Оташе аз ҷанги Гирмон,
Сӯхтӣ пинҳону пайдо
Дар канори ғаллазорон.

Бар тани чун химчаи ту
Ҷомаи мардонае буд.
Ришханди айбҷӯён
Баҳри ту афсонае буд.

Мепаридӣ сар-сари кишт
Бо саманди бодпоят,
То ки пешопеши мардон
Пайки фирӯзӣ биёяд.

## ҒАЛАТ ГУФТАМ…

Ғамамро мефурӯшам, эй харидор,
Бихоҳӣ ғам агар, биштоб, биштоб!
Ба ту онро диҳам бо нархи арзон,
Наёбӣ чун ғами ман моли камёб.

Ғами бечораи ман кӯчаке буд,
Варо бо хуни дил парвардам охир.
Ба зери боду боронаш намондам,
Барояш рӯзу шаб будам хавотир.

Даруни синаам дигар нагунҷад,
Бузургӣ мекунад тифли ғами ман.
Ҳамехоҳам, ба савдояш барорам,
Ки боз ояд баҳори хуррами ман.

Ғамамро мефурӯшам… – гуфтам аз хашм,
Дили ман шуд зи теғи ғусса садреш.
Ғалат гуфтам: ғамамро мефурӯшам,
Чи сон модар фурӯшад кӯдаки хеш?

## РӮЗҲОИ РАВШАН

Дилам равшан чу субҳи навбаҳор аст,
Самояшро, чи хуш, абри сияҳ нест.
Сабукболам чу кафтарҳои озод,
Ба дӯши дил дигар бори гунаҳ нест.

Ба дунё бингарам бо чашми ошиқ,
Чи дунё! Олами афсона аст ин!
Намеояд ба гӯшам ғайбати кас,
Намебинам дигар як рӯи пурчин.

Аз ин осудагӣ дар ҳайратам ман,
Зи ҷонам дӯст медорам ҷаҳонро.
Бихоҳам, шодӣ орам баҳри мардум,
Ба бар гирам ҳама хурду калонро.

Сано гӯям баҳори гулфишонро
Барои рӯзҳои равшани дил.
Сано гӯям ба хуршеди ҷаҳонбин,
Ки афканд ӯ назар аз равзани дил.

Дили тифле занад андар вуҷудам,
Манам мисли садаф, ӯ мисли гавҳар.
Ба оҳанги дили хурдаш кунам гӯш,
Намеояд ба гӯш овози дигар.

## МӮМИЁ

Ман – мӯмиё, ман – мӯмиё,
Рӯидаам аз хорасанг,
То дардро марҳам шавам,
Кардам басе бо санг ҷанг.

Ҳар лаҳза ҷонам мефишурд
Санги гарон, санги сипар,
Аз некии худ бехабар,
Аз кинаи худ бохабар.

Ҳар қадр ӯ бифшурд сахт,
Гаштам аз он пуртобтар,
Гуфтам: Зафар хоҳам намуд,
Рӯзе ба ту, эй бадгуҳар.

Коҳида бас рӯҳи рақиб
Аз ҷанги рӯзафзуни мо.
Як субҳ аз зиндони санг
Ман оқибат гаштам раҳо.

Баҳри ҳаёти пурнабард
Гӯям сано он сангро,
Гар ӯ намедодам фишор,
Кай мешудам ман мӯмиё?

## СЕБИ СУРХ

Яке ман себ будам, себи пурнур,
Бубин, боди вазон бо ман чиҳо кард.
Биёварду ба коми рӯд андохт,
Ба шӯру шевани мавҷ ошно кард.

Равон ҳастам кунун бо рӯди пуршӯр.
Раҳоӣ нест аз мавҷи сабуксор.
Агарчи пеши раҳ пасту баландист,
Надорам шиква аз амвоҷ зинҳор.

Равонам, лек ҳар як санги соҳил
Нигоҳи хастае дорад ба сӯям.
Зи пешаш бигзарам хомӯш, хомӯш,
Ба санги монда дар соҳил чӣ гӯям?

Равонам, сурхии рӯ кам нагашта-ст,
Дилам озурдаю пурғам нагашта-ст.
Ҳаётам гарчи пур аз доругир аст,
Рухам аз оби дида нам нагашта-ст.

Равонам, дар қатори мавҷу ошӯб,
Надорам шиквае аз буду нобуд.
Маро бо суръату туғёну мастӣ
Куҷоҳо мебарӣ, эй рӯд, эй рӯд?

## ВАТАН

Дар баҳорон ҳамчунон паррандае
Кош гардам кишварамро сар ба сар,
То бубинам ҳар ваҷаб хоки варо,
То бигардам аз баҳораш баҳравар.

Гарчи бинам кишварамро кӯ ба кӯ,
Боз дар дил монад армони дигар.
Гар бубинам осмонаш дар ғуруб,
Боз дидан хоҳамаш гоҳи саҳар.

Дар зимистон гар бубинам манзараш,
Боз хоҳам бинамаш фасли баҳор.
Аз ҳама нуқлу наво серам, вале
Дил надорад серӣ аз ҳусни диёр.

Бегумон, ҳар лаҳза аз ҷону дилам
Ман Ватанро дӯст дорам сахттар,
То замоне ишқи покаш дар дил аст,
Кист аз ман шодтар, хушбахттар?

Ҳар чи дар дил, бар забон ояд мудом,
То ки ҳастам, мекашам бори Ватан.
Баъди мурдан ҳамчу фарзандаш маро
Ёд орад, ё ки не, кори Ватан.

## ҲАМЗАБОНӢ

«Ситора бо ситора роз гӯяд»,
Дарахтон бо дарахтон ҳамзабонанд.
Шабе, ки маҳ заминро бӯса бахшад,
Ба соҳил мавҷҳо афсона хонанд.

Ҳар он чӣ дар самою дар замин аст,
Ба ҳам пайванду ҳамрозу қарин аст.
Якеро дигаре ёру мададгор,
Яке ангуштару дигар нигин аст.

Дар ин дунё, ки санги хора ҳатто
Ба сӯи санги дигар майл дорад,
Чаро аз ҳам гурезонем ҳар ду?
Чаро гаҳ аз нигоҳат барф борад?

Ғубори кинаро аз дил бадар кун,
Нагардад одамӣ аз кина дилхуш.
«Ситора бо ситора роз гӯяд»,
Чаро биншаста мо чун санг хомуш?

## БАҲОРИ УМР

Дар баҳорон кас надида барги зард,
Ту ба ранги зарди ман бовар макун.
Дар баҳорон бод мешӯрад ба гул,
Ту ба оҳи сарди ман бовар макун.

Ман ҷавонам, дар дили пуршӯри ман
Гулфишонӣ мекунад ҷӯши баҳор.
Эътиқодам дар дилам чун мӯмиёст,
Кай битарсам аз шикасти рӯзгор?

Гар бубинӣ дар рухам осори ғам,
Ғам махур, аз ғам намемонад асар.
Бигзарад аз осмони хотирам
Сояи андӯҳ чун абри гузар…

Дар баҳорон кас надида барги зард,
Ту ба ранги зарди ман бовар макун.
Дар баҳорон бод мешӯрад ба боғ,
Ту ба оҳи сарди ман бовар макун.

## ДАР МАРСИЯИ
## МОДАРИ МАЙ

Туро аз решаат канданд,
Дареғо, қавми береша.
Ба ҷони навдаҳои сабз
Ниҳоданд арраю теша.

Ванаг ашки надомат рехт,
Накард ашкаш вале кора.
Бимондӣ бепару бебол
Кунун, эй токи бечора.

Зи ту диданд, сад афсӯс,
Хурӯҷи бенавоиро,
Фасоди бехудоиро,
Зи армонҳо ҷудоиро.

Чу маҳбуси сиёсатбоз
Забонатро зи бун канданд,
Зи хоке решаҳоятро
Якояк аз дарун канданд.

Ҳама наҳсу касофатро
Зи васли духтарат гуфтанд.
Мусаллаҳ бо каланду теғ
Ҳама зиддат барошуфтанд.

Тагобӣ – чашми ҳайратзо,
Ҳусайнӣ – ашки бепоён…
Ало, эй модари оташ,
Шудӣ аз одамон ҳайрон.

Зи кори духтарат дилреш,
Ту аз реша ҷудо гаштӣ.
Гуноҳи духтарат бар дӯш,
Хазону бенаво гаштӣ.

## ОИНАИ ГУМШУДА

Гӯшвори зар будам, дар баҳру бар гум кардаӣ,
Донаи гавҳар будам, дар пушти дар гум кардаӣ.
Як китоби хуб будам, дар сафар гум кардаӣ,
Чун дили маҳбуб будам, бехабар гум кардаӣ.

Ту фикандӣ рӯи хоке аз кафат ангуштарӣ,
Монд дуккони ғамат андар ҷаҳон бе муштарӣ.
Гуфтаме дар ошноӣ ту зи ман болотарӣ,
Беғашу бекинаӣ, афзалтару волотарӣ.

Во дареғи боварӣ, охир маро гум кардаӣ,
Дар миёни ҳарзаҳо, дар кӯчаҳо гум кардаӣ,
Дӯстпарвар дӯсти бекинае гум кардаӣ,
Дар ҷаҳони бесафо оинае гум кардаӣ.

## РЕША

Аз замини пир мепурсам:
Решаи ман, решаи ман ку?
Аз чанори сабз мепурсам:
Аввали андешаи ман ку?

Мерасад гоҳе зи дуродур
Бонги ҷонсӯзи ҷарас бар гӯш.
Аз пайи бобои бозургон
Дар биёбон меравам хомӯш.

Ташнаам сахт, об мехоҳам,
Пои ман аз рег месӯзад.
Сӯи ман аҷдоди ман аз дур
Дидаи пурмеҳр медӯзад.

Аз саманди бодпои ёд
Дар дилам ҳаргиз шикоят нест,
Аз биёбон мерасонад зуд
То Самарқандам, ба қарни бист.

Мешитобам бо ниёи хеш
Аз навин роҳи Самарқандам.
Мекашад обои ман фарёд:
Во Самарқандам, ҷигарбандам!…

Гаҳ саманди бодпои фикр
Мебарад сӯи Фарангистон,
Бо падар ман меравам он ҷо,
То Лион, то шаҳри ободон.

Донам, ин хоки шарарбунёд
Сахт бо хуни падар омехт.
Баҳри озодии ин кишвар
Канд ҷон эй бас падар, хун рехт…

Гарчи фарзанди деҳи хурдам,
Бо ҷаҳон ман решапайвандам.
Риштаи меҳри дили худро
Сахттар аз буда мебандам.

Он мабодо, барканад аз бех,
Чист дигар нахли береша?
З-ин сабаб шому саҳар бо худ
Мекунам аз реша андеша.

Мениҳам ҳарҳафтро[1] сӯе,
Ҳафт пушти хеш меҷӯям.
Нестам ман нахли бебунёд,
Аз гили аҷдод мерӯям.

[1] Ҳарҳафт – ороиши занона иборат аз ҳино, вусма, сурхӣ, сафедӣ, заранг, ғолия, сурма

## ШИНОСОӢ

Ҳамчу ман оё ту ҳам танҳостӣ,
Эй ҷавони ношиноси хоксор?
Ташнаӣ монанди ман оё ту ҳам,
Ташнаи лабхандҳои беғубор?

Тирамоҳоне ту ҳам бишнидаӣ
Аз сари раҳ шикваҳои барги зард?
Тирамоҳи умрро оварда ёд,
Хун нашуд оё дилат аз ранҷу дард?

Эй ҷавони ношинос, оё ту ҳам
Баҳри бахтат мекашӣ ранҷи ниҳон?
Зиндагӣ – омӯзгори сахтгир?
Имтиҳонат мекунад, сад имтиҳон?

Гар ту ҳам беошноӣ мисли ман,
Ман туро ҳамрозу ҳамдил будаам,
Эй дареғи рӯзҳои рафтаам,
Рӯзҳое аз ту ғофил будаам…

## БАҲР

Бурдӣ зи ман ҷони маро,
Киштии армони маро,
Раҳдору раҳдони маро,
Баҳри Сиё, Баҳри Сиё.

Оё зи дарё камтарам?
Камтар аз ӯ исёнгарам?
Ман худ зи дарё бартарам,
Баҳри пур аз тӯфон манам!

Кокул парешон мекунам,
Ду дида гирён мекунам,
Чун баҳр тӯфон мекунам,
То бозгардад ёри ман.

Эй баҳр, баҳри раҳзанӣ,
Гарчи дилозори манӣ,
Охир, ту аз зоти занӣ,
Бо ман даме дамсоз шав.

Мӯи парешони маро,
Чашмони гирёни маро,
Исёну тӯфони маро,
Эй баҳр, бар ёдаш биёр,
Аз ҳаҷр бар додаш биёр…

## ЭҲСОС

Мекунам эҳсос рӯзу шаб: касе
Чун дуо номам ҳамегирад ба лаб.
Аз нидоҳои дили бедори ӯ
Бохабар созад маро тори асаб.

Аз миёни шӯру ғавғои ҷаҳон
Мерасад овози пурдардаш ба гӯш,
Гаҳ маро фарёди бесабронааш
Мекунад бедор шабҳои хамӯш.

Мешитобад ишқи саргардони ман
Пешвози ишқи саргардони ӯ,
Қалби ман чун кафтари белонае
Мекунад парвоз бар айвони ӯ…

Эй, ки дорӣ зиндагӣ бо ёди ман,
Бигзар аз ишқам, маро бесар макун.
Ман, ки ҳастам аз азал Зулфи париш,
Илтиҷо дорам, парешонтар макун.

Ту гумон дорӣ ба худ, эй бехабар,
Ман намедонам дилу рози туро…
Мавҷгири хотирам беихтиёр
Аз ҳаво мегирад овози туро.

## ТАНҲОӢ

Дилам гаҳвораи шеъру суруд аст,
Сурудам бошад овоям, садоям,
Агар бо ман ҳамовозӣ нахоҳӣ,
Маро бигзор, худ танҳо сароям.

Мисоли мурғакон парвоз хоҳад
Дилам бар осмони поку зебо,
Туро шавқи паридан гар набошад,
Бимон, танҳо кунам парвоз, танҳо.

Раҳи бигрифтаам пурпечутоб аст,
Намеҷӯям вале ман роҳи ҳамвор.
Туро гар нест дар дил тоқати ранҷ,
Бимон, танҳо равам аз роҳи душвор…

## ЗУЛФИ ПАРЕШОН

Ман зулфи парешон,
Ту оташи сӯзон.
Ман шохи баландам,
Ту ошиқи печон.

Ман лолаи хандон,
Ту чашмаи гирён.
Ман банд чу оҳу,
Сайёд туӣ, ту…

Аз қисмату толеъ
Хоҳам, ки гурезам,
Оё битавонам?
Ҳайҳот, азизам!

Хоҳам, ки бимонам
Умре ба канорат.
Аммо чӣ кунам ман?
Тарсам зи шарорат…

Ман Зулфи парешон,
Ту оташи сӯзон.
Аз рашк масӯзон,
Аз рашк масӯзон.

## БАҲОРО...

Баҳоро, духтари ошиқ,
Ғазалхон омадӣ имрӯз,
Ҳарири абрҳо бар сар,
Хиромон омадӣ имрӯз.

Чу хандидӣ, ало маҳрӯ,
Зи лабҳои ту гул борид,
Ба рӯи ёлаю пушта
Ту гӯӣ, рехт марворид.

Ба ҷони даҳр шӯр афтод
Зи рақси дилнишини ту,
Парасту гашт парвозӣ
Зи қуфли остини ту.

Чу пошидӣ ба рӯи хок
Ақиқи сурхи оташгун,
Ту гӯӣ, машъалистон шуд
Зи рақси лолаҳо ҳомун.

Замини сабз шеъри туст,
Баҳор, эй соҳиби эъҷоз,
Аё дар шоирӣ устод,
Аё ҳамшеваю ҳамроз!

## СОЛИ МОҲӢ

Соли моҳӣ ман ба дунё омадам,
Соли моҳӣ ту ба дунё омадӣ.
Метапам лабташнаи рӯзи висол,
Гарчи ту монанди дарё омадӣ.

Хотири шарму ҳаёям нозук аст,
Рози дилро чун бисозам ошкор?
Ҳар ду сӯзему намедонам, чаро
Ту хамӯшӣ бо вуҷуди пуршарор?

Соли моҳӣ ман ба дунё омадам,
Соли моҳӣ ту ба дунё омадӣ.
Оҳ, моҳии тилои безабон,
Сӯи ман дарё ба дарё омадӣ.

Кош, мешуд соли булбул соли ту
Дар қатори солҳои бешумор.
Шояд он дам аз гудози ишқи ман
Мезадӣ чаҳ-чаҳ чу булбул беқарор.

## СУРӮШОН

Эй манзили рӯшан, эй гулшани зебо,
Ҳамсанги Самарқанд, ҳамранги Бухоро,
Эй лафзи гуворо, эй сафҳаи гӯё,
Эй мулки Сурӯшон, хуршеди дурахшон.

Эй роҳи дарозо, Рухшона куҷо рафт?
Эй коху манора, афсона куҷо рафт?
Он рашки ситора, дурдона куҷо рафт?
Эй мулки Сурӯшон, гулзору гулафшон.

Як ёди дурахшон аз Суғдзаминӣ,
Дар тоҷи ниёгон монанди нигинӣ,
Бар ҷону дили мо маҳбубтаринӣ,
Эй мулки Сурӯшон, майдониву майдон.

Эй чангу наю сур, эй мардуми масрур,
Эй боғи мунаввар, эй хӯшаи ангур,
Эй оби зулолат ҷонпарвару машҳур,
Эй мулки Сурӯшон, пайванди дилу ҷон.

## ЭЙ САМАНДИ МАН, КУҶОӢ?

Эй саманди ман, куҷоӣ, гоҳи ҷавлон омада,
Бахти некӯ бар таги дар, ваҳ, чи арзон омада!
Эй саманди ман, куҷоӣ, то гурезам аз дурӯғ,
Дилпарешонӣ бари Зулфи парешон омада.

Кош, охир, дар замин бо шеър монам лаҳзае,
Шеър гӯям, шеър ҷӯям, шеър хонам лаҳзае.
Саҷда орам ман ба меҳроби баланди шеъри тар,
Дар паноҳаш то биосояд равонам лаҳзае.

Дил бихоҳад пайкарам аз ишқ сӯзад ногаҳон,
Гул бирезанд аз дару аз остонам ошиқон.
Шеър гӯям аз ғаму дарди дили ошуфтаам,
Лек бе сӯзи дарун кай шеър гуфтан метавон?

Бар набарди рӯзгорон мебарад андешаам,
Дур месозад маро ҳар дам ҳаёт аз решаам.
Пора-пора шеърҳоям пора-пора зиндагист,
З-ин сабаб садпора ҳастам, з-ин сабаб садпешаам.

Эй саманди ман, куҷоӣ? Бар гулистонам бубар,
Аз хаёли бешу кам сӯи баҳоронам бубар.
Хаставу дилмурдаам аз барфу борони дурӯғ,
Чун хаёли хуш даме то шеърборонам бубар.

## ҚАСИДАИ САБР

Эй сабри зан,
Эй сабри зан,
Ту оҳанӣ, ту ҷавшанӣ!
Дар гирудори рӯзгор
Ту бо манӣ, ту бо манӣ!

Дар баҳри тӯфонҷӯши даҳр,
Андар ситези мавҷҳо
Дар бекасӣ ҳамчун касе
Кардӣ басо ҷонам раҳо.

Сад шукри Яздон гуфтаам,
Сарват надоду сабр дод,
К-аз сабри модарзоди ман
Деви бало омад ба дод.

Аз марги фарзандам ба дил
Сӯзандатар тире набуд,
Андар сарам он рӯзи шум
Ҷуз сабри ман пире набуд.

Иблис гаҳ бо қаҳқаҳа
Хоҳад бисозад бераҳа,
Гӯяд, ба як ҳафта сипард
Бояд ки роҳи якмаҳа.

Сабрам насиҳатгар шавад,
Момои сад духтар шавад.
Ҳам мӯканон, ҳам рӯканон
Шайтон бадар аз дар шавад…

Эй сабри зан,
Эй сабри зан,
Ту оҳанӣ, ту ҷавшанӣ!
Дар гирудори рӯзгор
Ту бо манӣ, ту бо манӣ…

## БОЗ САБР…

Эй, ки менолӣ мудом аз ҷабри зан,
Жарфтар хоҳӣ бикобӣ қабри зан.
Эй сабукбори раҳи сахти ҳаёт,
Бехабар ҳастӣ чаро аз сабри зан?

Ақли зан бо сабр чун ҳамроҳ шуд,
Зан ба арши хонадоне моҳ шуд.
Марди нодораш чу соҳибҷоҳ шуд,
Аз сафои сабри зан огоҳ шуд.

Сабр ҷорӣ гашта андар хуни зан,
Меваи сабри дил аст афсуни зан.
Хонаи гарму сари болои мард
Будааст аз сабри рӯзафзуни зан.

Сабр чун бар ҷони зан пайванд шуд,
Бурди зан даҳчанд шуд, садчанд шуд.
Пахш бинмуд эй бас эҳсоси дилаш,
Шер буд ӯ, лек андар банд шуд.

Хештанро ҳамчу шере ром кард,
Он замон ёди сару анҷом кард.
Хешро баҳри сафои хонадон
Як фидоӣ дар ҳама айём кард.

Зоҳиран ҳарчанд мисли кафтар аст,
Ботинан як бандии исёнгар аст.
Сабрро тан доданаш осон набуд,
Ёдаш омад лек: мому дилбар аст…

Сабр, эй мероси беҳамтои зан,
Зевари якдонаи волои зан,
То нагӯяд тарк дунёро ҳаёт,
Тарк манмо ҳеҷ гаҳ дунёи зан!

## САҶДА

Саҷда меорам ба пои кӯҳ,
Чунки бошад зодгоҳи ту,
Саҷда меорам ба роҳи кӯҳ,
З-он бишуд оғоз роҳи ту.

Аз ниҳоли пайкарат сархуш,
Бар ниҳолон саҷда меорам.
Пеши чашмонам гули рӯят,
Бар гулистон саҷда меорам.

Саҷда меорам ба дарёе,
К-андар он гаштӣ шиновар ту.
Обшоронро барам таъзим,
Сози онҳо карда аз бар ту.

Ин манам як хокбӯси даҳр,
Хоки роҳи ту ҳамебӯям,
Аз миёни нақшҳои хок
Нақши пои ту ҳамеҷӯям.

Саҷда меорам ба он деҳа
К-аз барои ман туро дода,
Саҷда меорам ба моми ту,
К-аз барои ман туро зода…

## НОЛАИ АРҒУНУН

Ёдам омад бо садои арғунун
Духтарам дар бар либоси арғувон,
Мисли шабнам умри ӯ кӯтоҳ буд,
Монд дарди духтарам умре ба ҷон.

Гиря кардам аз садои арғунун,
Сӯям омад додарам аз осмон,
Чун фаришта бегуноҳу покрой
Шуд аз ин рӯ, осмонӣ ҷовидон.

Гиря кардам аз садои арғунун,
Ёдам омад чеҳраи гарми падар,
Чашм дар раҳ худ ба худ мегуфт роз:
Кай биёяд духтари ман аз сафар?...

Дилшикаста аз садои арғунун,
Сӯи боғу бӯстон бигрехтам.
Аз навои арғунун не, бе наво
Аз ғаму дарди ниҳон бигрехтам.

## ХАЗОН ОМАД, ХАЗОН ОМАД…

Сухан андар гулӯ дармонд,
Вуҷудамро тавоне нест.
Чи сон болу пар афшонам,
Ки аз ҷуръат нишоне нест?

Сухан андар гулӯ дармонд,
Нафасгирам, нафасгирам.
Ҳаметарсам: саҳар ё шом
Сухан дар ком мемирам.

Сухан андар гулӯ дармонд,
На ҳамсолу на ҳамсоя,
На ҳамширу на ҳамшира,
На ҳампою на ҳампоя…

Сухан андар гулӯ дармонд,
Ба сар фикри кафанворӣ.
Чӣ буда зиндагониям,
Ба ғайри хориву зорӣ?

Сухан андар гулӯ дармонд,
Ҳазорон сӯзанам дар дил,
Ҳазорон захм дар сина,
Ҳазорон зарбаи қотил.

Хазон омад, хазон омад,
Умеде бар шукуфтан нест.
Сухан андар гулӯ дармонд,
Маҷоли «оҳ» гуфтан нест.

## ОШИҚ

Гаҳе соҳибдил асту қобилу қодир,
Ба туғёнаш бимонад мавҷи дарёро.
Гаҳе чун найзаи фӯлодии хуршед
Ба теғаш пора созад қалби хороро.

Валекин гаҳ шабеҳи сабзаи беша,
Ки зери буттаи гул нотавон сар зад.
Насими зулфи духтар мисли тӯфонест,
Тани бетоби дилдода аз он ларзад.

Ало, эй пойбанди ишқ, эй ошиқ,
Маё сархам, биё мағруру сарболо.
Чу майдони ниҳебу корзоон ишқ,
Ба ин майдон чу як сарбози пирӯз о!

## ХАЛҚИ МАН, БЕДОР ШАВ!

Сар гарон мегардад аз хоби гарон,
Дарси бедорӣ бигир аз дигарон,
Хобпарвар мисли ту кам дар ҷаҳон,
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

Сабру тоқат интиҳо дорад, бале!
Хуни ноҳақ хунбаҳо дорад, бале!
Қалби шоир нолаҳо дорад, бале!
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

Аспи чингизӣ китобатро бихӯрд,
Дигаре симу зарат бо халта бурд,
Тифли донои ту дар гаҳвора мурд,
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

Не замину не замонат монда, ҳайф,
Не нишону не забонат монда, ҳайф,
Не тавону не равонат монда, ҳайф,
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!.

«Қаҳ-қаҳа»[1] – бо сад забон омад ба шӯр:
Орёнӣ, ор дорӣ, ку ғурур?
Кист қавми ҳайкалафкан? Бешуур!
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

---

[1] «Қаҳ-қаҳа» – қалъаест дар Шаҳристон.

Бӯалӣ аз ҷаҳли ту омад ба дод,
Миллате ку, к-инчунин фарзанд зод?
«Ганҷи бодовард»[1] то нарвад ба бод,
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

Куҳна гашт оё ки найранги Фаранг?
Исавӣ бо муслимин саргарми ҷанг…
Шарқиён мастанд аз афюну банг,
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

Шуд насибат ганҷу симу пахтазор
Тоҷдор, эй қавм, гаштӣ мардикор.
Кӯдакону модаронат хору зор,
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!

*с. 1991*

[1] «Ганҷи бодовард» – яке аз мақомҳои «Шашмақом».

## МАН ЗАНАМ
## Ё ХУД САМАНДАМ?

Медавам аз субҳ то шом
Як зани «хушбахти айём»,
Он қадар ошуфтахотир,
Заҳматамро нест фарҷом.

Сархаму андешамандам,
Ман занам ё худ самандам?

Дар ду дастам бори вазнин,
Хастаҷон аз кори вазнин.
Меравам мардона аз раҳ,
Дар сарам афкори вазнин.

Сархаму андешамандам,
Ман занам ё худ самандам?

Заҳрханда дар лабонам,
«Бешикастам, ман ҷавонам»,
Аз рисолат дар гурезам,
«Оҳанам ман, пуртавонам!»

Сархаму андешамандам,
Ман занам ё худ самандам?

Карда ашки хешро пок,
Меравам аз кӯча чолок,
Як зани «хушрӯзи бебок»,
Дар дилам сад оҳи ғамнок.

Сархаму андешамандам,
Ман занам ё худ самандам?

Гаштаам аз асли худ дур,
Эй асолат, дор маъзур.
Мешитобам, мешитобам
Сӯи фардои «пур аз нур».

Сархаму андешамандам,
Ман занам ё худ самандам?

## НАВҲА

Қисмато, аз ман чӣ мехоҳӣ?
Орзуям кардаӣ дар хок.
Духтари дурдонаам бурдӣ,
Дигар аз мушти ту набвад бок.

Кӯдакам бурдӣ аз оғӯшам,
Оҳ, дилафсурда, бечонам.
Умри ман гар имтиҳоне буд,
З-ин «сабақ» дар худ парешонам.

Чист дигар маънии будан?
Зистан бе орзу ор аст.
Чист дигар қудрати парвоз,
Боли ман дигар гаронбор аст.

Оҳ, хуршеди масеҳодам
Зиндаам дигар намесозад.
Қудрате ку, боз бархезам?
Дар рагам барқе наметозад.

Бурдаӣ бо тифли умедам
Орзуҳо – шеърҳоямро.
Дил карахту лолу хомӯш аст,
Бурдаӣ созу навоямро.

Бар ҷаҳону фанди ширинаш
Дигар асло дил намебандам.
Ашк дар чашмон, намегирям,
Ханда бар лабҳо, намехандам.

## ГӮШАИ ШАҲР

Чи дард аст ин?
Чи дард аст ин?
Фишорад ҳастии сабзам,
Занад сӯзан ба ҷони ман,
Бисӯзад устухони ман.

Баҳори дигарам бигзашт,
Надидам як гули худрӯ.
Худоям монд дар деҳа,
Ба худ овардаам ман рӯ.

Даруни оҳану бетон
Дили нармам шавад пурғам,
Дилам менолад аз ғусса
Даруни синаам ҳар дам.

Ту гӯӣ, кӯдакон ин ҷо
Даруни зарф мерӯянд,
Ду-се тан баччаи тоҷик
Шикаста ҳарф мегӯянд.

Дар ин хилват ба вақти шом
Ду-се кас атр менӯшанд.
Шикаста шишаи холӣ,
Варо бо барг мепӯшанд.

Биёяд нолаи гурба
Ба гӯшам аз саҳар то шом,
Рамида гурба аз одам,
Биҷӯяд гӯшае ором.

Чу ҳастам зодаи деҳа,
Дар ин манзил намегунҷам.
Чу рози ошиқон як дам
Даруни дил намегунҷам.

Ба ҳар тиреза як парда,
Чӣ парда? Тахтаи оҳан!
Намедонам, дар он ҷо кист,
Чаро пинҳон бишуд аз ман?...

Киро хонам суруди хеш,
Кӣ аз дарди ман аст огоҳ?
Зи гардунҳо, зи дуродур
Ба ҳоли ман бихандад моҳ.

## ФИРОР

Эй мард, ман гурехтам аз ишқат,
Чун сайди захмие, ки раҳид аз дом.
Аз дард марсият бинавиштам шом
Бар мотами муҳаббати бадфарҷом.

Гар сӯхт чанд рӯз дилам аз ишқ,
Ин ишқ буд нози дили танҳо.
Ёдам зи нури пок агар рахшид,
Ҷисмам зи нури пок бишуд эҳё.

Дар сар хаёли бӯса набуд охир,
Дил сахт ташна буд нигоҳатро.
Розам ниҳуфта монд, зи чашмам гир
Пурфанд он ду чашми сиёҳатро.

Дунёи сарди дил зи нигоҳи ту
Дар фасли сабз пуртабу равшан буд.
Имсол навбаҳори Душанбеям
Чун навбаҳори сабзи Сурушан буд.

Аз бӯи мӯю рӯй шамидам ман
Хушбӯй ғунчаи ватани худро.
Овардам, оҳ, дар назарам як бор
Саҳрою ёлаю чамани худро.

Дар чашми пурхаёл чу дидам ғам,
Пиндоштам, ғамони ватан бошад.
Бишнидам аз лабон сухани ширин,
Ангоштам, нишони ватан бошад.

Он рӯз дӯст доштаам дар ту
Ёди гулу баҳори диёрамро.
Афсонаи нигоҳ дилам кай бурд,
Овардаам ба ёд баҳорамро.

Ҳоло, ки нав шинохтаам аслат,
Падруд, меравам зи барат дилреш.
Гар пиру хастарӯҳ шавӣ, як шом
Ёде бикун зи рӯи нигори хеш.

## ФАРМОН ТУРОСТ, ЭЙ ДИЛ!

– Эй чашм, оташ афрӯз
Дар оташат варо сӯз,
Ҷоду намой ӯро,
– Фармон туроcт, эй дил!

– Эй зулф, ку камандат?
Магрезад ӯ зи бандат,
Худро бидеҳ ту оро,
– Фармон туроcт, эй дил!

– Эй панҷа, бо навозиш,
Бо изтиробу хоҳиш
Банди дилаш ту бикшо,
– Фармон туроcт, эй дил!

– Эй лаб, макун фаромӯш,
Бар шиквааш бидеҳ гӯш,
Чандеш бӯса бахшо,
– Фармон туроcт, эй дил!

## ОШИҚ БИШАВ

«Ошиқ бишав» гуфто маҳин
Як субҳи зебо ёсуман.
Кастона ҳам такрор кард:
Ошиқ бишав монанди ман!

Аз чор сӯ омад садо:
«Ошиқ бишав фасли баҳор,
Рӯзе хазон хоҳад расид
Бар боғи ҳуснат, эй нигор!

Ошиқ бишав бар рӯи гул,
Ошиқ бишав бар лолазор,
Ошиқ бишав бар ахтарон,
Ошиқ бишав бар чашми ёр».

«Ошиқ бишав» гуфто саҳар
Бо лаҳни мурғон мушкбед.
Калтути пир оҳе кашид,
Гуфто, ки «Дунё бо умед!»

## РУҶӮИ КАНИЗ

***(Илҳом аз «Ҳазору як шаб»)***

Мавлои ман, мавлои ман,
Эй аз ҳама болои ман,
Дилро ба савдо мебарӣ,
Ғофил ту аз савдои ман.

Рӯзе азизи ту будам,
Ман бодарези ту будам.
Тасбеҳи ту, тӯмори ту,
Дар бар канизи ту будам.

Эй хоҷаи болоназар,
Аз туст дар ҷонам шарар,
Чун мефурӯшӣ ин замон
Ишқи маро бо молу зар?!

Мафрӯш ишқи содаам,
Охир, туро дилдодаам.
Аз ишқи оташбори ту
Сармаст чун аз бодаам.

Фардо ба бозорам мабар,
Бар ҳалқаи дорам мабар.
Ҷонам нисори ёри ҷон,
Эй ёр, зинҳорам мабар!

## НОНИ ШОИР

Нони шоир чун гиреҳ андар гулӯ,
Дар миёни гулхане месӯзад ӯ.
Чини рӯи шоирон – нақши қалам,
Шеъри чашму рӯ бихондам рӯ ба рӯ.

Шоиронро ҷумла дар рӯи замин
Дарҷ гашта шеърҳо андар ҷабин,
Ҷумлае ҳарфу ҳиҷояш дигар аст,
Шоири бедор ҷояш дигар аст.

Шоири навҷӯ чу тӯтӣ нест, нест,
Гарчи тӯтишоирон бисёр шуд.
Шоири соҳибсухан беэътибор,
Даври шоирҳои беашъор шуд…

Мисли оби поксози рӯди Ганг
Шеъри воло пок созад ҷону тан.
Мезудояд занги ақлу занги дил,
Хокиёнро мебарад боло сухан.

Боядо парвоз бо боли сухан
То баландии самои лоҷвард,
Варна гирдоби фано моро барад,
Устухони мо бигардад гард-гард…

## ЯК РӮЗ...

Як рӯз меравам ман
Аз ин ҷаҳони фонӣ,
Дар сина захму озор
Аз «дӯстони ҷонӣ».

Як рӯз мефитам ман
Аз дард чун Муаззам,
Дар дида акси ёрон,
Дар сина ҳасрату ғам.

Донӣ, ки чист дунё? –
Бозори худфурӯшон!
Бошад, ки рахт бандам
Бар олами хамӯшон.

Бар қалби нарму нозук
Ҳар рӯз мерасад тир,
Мемирам, оҳ, сад бор
Аз зарбаҳои тақдир.

Илҳоми осмонӣ
Овард ғуссаи беш.
Ҳар лаҳзаам ҳасуде
Чун мор мезанад неш.

Як рӯз аз самоҳо
Афтад ситораи ман.
Рӯям бишӯяд он гоҳ
Ашки Нигораи ман.

Як рӯз мефитам ман
Аз тири ҳарфи номард…
Падруд, олами пир,
Падруд, ғуссаю дард!

## САБР КАРДАМ, БУРД КАРДАМ

Сабр кардам, бурд кардам,
Ғуссаро мағлуб кардам.
Сабр кардам, бурд кардам,
Хуб кардам, хуб кардам.

Кистам ман? Кистам ман?
Мурда-мурда зистам ман.
Чун Самандар сӯхтам ман,
Уфтодам, хестам ман.

Рост рафтам, рост гуфтам,
Он чиро дил хост, гуфтам.
Рӯ ба рӯи дӯст гуфтам,
Ростӣ доруст, гуфтам.

Қоматамро хам накардам,
Дидаамро нам накардам.
Нолаҳо аз ғам накардам,
Бар диле ғам зам накардам.

Нӯш дидам, неш дидам,
Санги тӯҳмат беш дидам.
Роҳати бадкеш дидам,
Ҳоли зори хеш дидам.

Кист чун ман тирхӯрда?
Кист чун ман сарсупурда?
Кист чун ман зист умре
Мурда-мурда, мурда-мурда?

## МАРИЗИ ТАРСУӢ

Худовандо, маро хоки замин кун,
Дилат хоҳад, ба гардунҳо барорам.
Ба ҳар як озмун омодаам ман,
Ту ҳастӣ, ман сари тарсе надорам.

Зи тарсуӣ маро, ё раб, нигаҳ дор,
Зи тарсуӣ шавад оғоз ҳар кор.
Ба мисли қаҳрамонмодар бувад тарс,
Ки дорад эй басо фарзанди бисёр!

Хиёнат бо бадӣ фарзанди тарсанд,
Ҷаҳолат бошадаш фарзанди ҳамхун,
Дурӯғу макру фанду бухлу кина –
Бувад тифлонаш андар даҳр афзун!

Худовандо, гунаҳгорам, гунаҳгор,
Ба ҳар ҷурме дар ин олам ҷазоест.
Маро танҳо зи тарсуӣ нигаҳ дор,
К-аз ӯ бадтар ҷазое дар ҷаҳон нест.

## ХОКИСТАРТЕППА

Сафоле чун забони сурх
Кунад фарёд аз пешин.
Кафе хоки сияҳ резад
Зи коми кӯзаи нақшин.

Садои рафтагон аз дур
Ба гӯши ман биёрад бод.
Зи номи рафтагон имрӯз
Сафоле мекунад фарёд:

Ало мардум, чаро моро
Зи ёди хештан бурдед?
Ниёро бурда аз хотир,
Шумо пеш аз аҷал мурдед?..

Кунун эҳёи нав бояд,
Ало, эй қавми хоболуд,
Ба зери барфу боронҳо
Сафоле мешавад нобуд.

Сафоле мекунад фарёд:
Бихез аз хоби мадҳушӣ,
Маро бар рӯи кафҳо гир
Ту аз кунҷи фаромӯшӣ…

Сафоле чӣ, суоле ҳаст –
Суоли рафтагон бар мо:
Чаро ғофил зи дирӯзед,
Наед андар ғами фардо?

## ГИЛАЕ АЗ ҲОФИЗ

Ало Ҳофиз, ало Ҳофиз, чаро додӣ
Самарқанду Бухороро ба як холе?
Магар фардои дунёро яқин кардӣ,
Барои мо магар шеъри ту шуд фоле?

Ба шӯхӣ шояд ин шаҳбайтро гуфтӣ,
Ҳақиқат шуд вале шӯхӣ саропо зуд.
Ало Ҳофиз, кушо рози муамморо,
Фаришта ё ҳамон соат дуо бинмуд?

Дареғ, авлоди ту имрӯз бар холам
Самарқанди фалаксоро намебахшад.
Дареғи ҳимматат, фарзанди он туркат
Ба ман гарди Бухороро намебахшад.

## РӮЪЁ

Қабои ӯ сияҳгун чун ҳарири шаб,
Нигоҳаш чун нигоҳи маҳ дурахшон буд.
Ба ман гуфто: «Зи умрат соате монда,
Бигӯ ҳоло суруди охирини худ».

Сипас аз манзилам ӯ ғайб зад ногаҳ,
Миёни хона мондам музтару ҳайрон.
Бидидам дар хаёлам рӯзи мотамро
Ва тифли хешро бо дидаи гирён.

Ба худ андеша кардам ман: чӣ хоҳам гуфт
Дар ин шоми ҳазину вопасини хеш?
Суруди охиринамро чи сон гӯям,
Ки ҳар касро бисозад лаҳзае дилреш?

Бигуфтам: «Вопасин шеърам ҳамебахшам
Барои як рақиби дилсиёҳи худ».
Ҳамегӯям: «Кунун дунё барои туст,
Бимон ту бо савобу бо гуноҳи худ».

Чу бар ёдам нигоҳи сарди ӯ омад,
Зи ҷон фарёд кардам: «Ман намемирам!
Аз оне, ки ҳамеша садди роҳам буд,
Ба роҳи умр ҳатман қасд мегирам!»

Зи нав марди сияҳпӯш омаду хандид:
«Туро ин нафрати ту зинда хоҳад дошт.
Сано гӯ бар рақибат, дар дилат охир
Муҳаббатро бикушту тухми нафрат кошт»…

## ДУХТИ НОНО[1]

*«Мард шер асту зан шербон»*
*Мақоли мардумӣ*

Солҳо шуд шербонам,
Шери худро меҳрубонам.
Ёлҳояш шона созам,
Посбонам, ҷонфишонам.

Гоҳ шеърам мебарад ҳуш,
Мешавад шерам фаромӯш.
Он замон беҳавсала шер
Байтҳоям мекунад гӯш.

Шери ман, шери тавоно,
Шербонам мисли Ноно.
Мерасад овози таҳсин:
«Духти Ноно, қаҳрамоно»!

[1] Ноно – илоҳаест аз Суғдзамин, ки ҳамеша шере дар бараш буд.

## РОҲИ МАН

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Аз сахои қисмати худ комгор.
Аз хатои ногаҳонӣ дар фиғон,
Аз ғами дунёст чашмам ашкбор.

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Панди модар бар сарам як соябон.
Аз шамолу селборону тагарг
Бо дуо ҳастам ҳамеша дар амон.

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Кӯлбори шодию ғамҳо ба дӯш.
Гарчи бори ман гаронӣ мекунад,
Мекунам хуш хештанро бо хурӯш.

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Роҳи ман роҳи дилу роҳи вафост.
Бар дилам андар шаби сарду сиёҳ
Меҳри ёрон чун чароғи раҳнамост.

## ҶОЗИБА

Бигӯ, аз ҷазбаи ишқи ҷигарсӯз
Дили бечораҳолам чун раҳояд?
Маро аз нури чашмони сиёҳат
Сипар аз оҳану фӯлод бояд.

Даруни қалби тангам корзорест,
Сипоҳи шубҳа он ҷо ташна бар хун.
Гаҳе бовар занад табли зафарҳо,
Гаҳе нобоварӣ мегардад афзун.

Дилам мегӯяд охир гашта-гашта:
«Бувад ӯ аз сабукборони соҳил,
Пушаймон мешавӣ рӯзе зи кирдор,
Кушо чашми ниҳонбин, қотили дил!»

Валекин ҷазбае пайдою пинҳон
Ба сӯят мекашад ҳар рӯзу ҳар шаб,
Надорад ҷони ман осудагӣ ҳеҷ
Чу беморе, ки дар мегирад аз таб.

Хаёлан мешавам пурсон зи аксат:
Чи инсонӣ? Ту аҷёрӣ? Ту ёрӣ?
Маро бо ҳар баду неки сириштам
Ту оё метавонӣ дӯст дорӣ?

Пас аз дидори маҳрӯёни пурноз,
Пас аз афсонаҳои Шаҳрзода
Ту оё метавонӣ дӯст дорӣ
Маро бо ишқи поку гарму сода?

Ту оё мекунӣ бовар ба тақдир?
Маро қисмат барои ту сиришта…
Наёмад аз ҳаво ин ҳарф, охир,
Варо овард бар гӯшам фаришта.

Дар ин дунё, ки номардӣ фузун аст,
Ҳамехоҳад дилам, мардона бошӣ,
Чу ошиқҳои ҳарҷоӣ нахоҳам,
Миёни хосу ом афсона бошӣ.

## ПИСАРҶОНАМ, ПАДАР ШАВ!

«Падар»-гӯён калонат мекунам ман,
Писарҷонам, маро рӯзе падар шав.
Ту ҳам соҳибдару соҳибписар шав,
Зи ранҷи бешуморам бохабар шав.

«Падар» мегӯяму мегирям аз ғам,
Валекин бингарӣ ту моту ҳайрон:
Чаро момои хандон зуд гиряд,
Барояш гиря ҳамчун ханда осон?...

Ту донӣ, бепадар будан чи мушкил,
Заифу бесипар будан чи мушкил.
Валекин бесипар ҳам бигзарад умр,
Ба олам беписар будан чи мушкил.

«Падар» гӯям туро, эй тифли зебо,
Зи рӯи расму оини ниёгон.
«Падар» мегӯяму меларзам аз шавқ,
Падар гӯё биёяд шоду хандон.

## РОҲИ ОСМОН

Каҳкашоно, Каҳкашоно,
Гаштаӣ омоҷгоҳе,
Ҷои ҷавлони ҳавоӣ
Аз барои ҷангхоҳе.

То раҳи дил кӣ расида
Сарфароз аз шоҳроҳат?
То ба манзил кӣ расида
Аз раҳи пургарди коҳат?

Каҳкашон манзилгаҳи ту
Дар миёни оташи тез,
Монд эмин гарди коҳат
Аз нигоҳи оташангез.

Оҳ, акнун як гурӯҳе
Қасд бар роҳи ту карда,
Қасди гулҳои ситора,
Қасд бар моҳи ту карда.

Душмане хоҳад, ки созад
Пешсӯз аз хирмани коҳ,
Бар замин орад балое
Аз самоҳо, аз бари моҳ.

Мезанам бо оби чашмам
Обат, эй роҳи ҳавоӣ,
Ман намемонам бисӯзад
Коҳат аз ин беходоӣ.

Каҳкашон, ҷовид мебош
Во машав бар ҷангҷӯён,
То ту ҳастӣ, орзу ҳаст,
Роҳи дури ишқу армон!

## БОҒБОН

### *Ба ёди падарам*

Чун падар гӯям, ҳамеша чашми ман нам мешавад,
Аз дили озурдаам як заррае кам мешавад.
Худ ба худ пайдо шаванд ожангҳои бемаҳал,
Ҳамчу пирон қомати болои ман хам мешавад.

Эй падар, умри азизат бо ҷудоиҳо гузашт,
Чашм бар раҳ, рӯзи ту бо роҳпоиҳо гузашт.
Ту ба ёди ман будиву ман ба ёди дигаре,
Умри ту дар ҳасрати фарзанди бепарво гузашт.

Орзуям буд, рӯзе косае обат диҳам,
Ҷомае баҳрат бидӯзам, рӯи китфонат ниҳам,
Аз бароят ҳадя бинмоям китоби аввалин,
Шодмон бинам саратро боз бар чархи барин…

Орзуям буд, аз деҳ худ гуселонӣ маро,
Фотиҳа бидҳӣ, падар, оварда рӯ сӯи само.
Орзу бисёр буд андар дили зорам, дареғ,
Бозгаштам сӯи хона,вонахӯрдам ман туро.

Ёд дорам, гаҳ маломат менамудӣ, эй падар,
«Аз чӣ аз модаркалони худ наомӯзӣ ҳунар?
Ҳамчу духтар риштаю сӯзан бигирӣ, беҳ бувад,
Дар сари шеърат ту аз чӣ мекунӣ шабро саҳар?...»

Эй падар, дасту дили монандаи гул доштӣ,
Ин ҷаҳонро ҳамчу як гулхона мепиндоштӣ.
Бехабар будӣ аз он, ки як замон бо тухми гул
Тухми шеъру шоириро дар дили ман коштӣ…

Эй падарҷон, тӯтиёи чашм созам хоки ту,
Фахр дорам, монд меросам дили бебоки ту.
Ҳар замон дар боғзорат мекунам гашту гузор,
То расад аз шеъри ман ҳам бӯи себу ноки ту…

## МО ФАРИШТА НЕСТЕМ…

Мо фаришта нестем,
Духтари қишлоқ мо.
Ташнаи меҳру вафо,
Ишқро муштоқ мо.

Мо фаришта нестем,
Дилбари дилдодаем,
Ту магӯ, эй нозанин,
Аз само афтодаем.

Мо фаришта нестем,
Дар дили мо оламест,
Шодию сӯзу ғамест,
Дардҳои одамист.

Мо фаришта нестем,
Дил зи ёре бурдаем,
Гаҳ дили худ дода муфт,
Гаҳ диле озурдаем.

Мо фаришта нестем,
Дар дили мо шӯрҳост,
Ҷони мардум – ҷони мо,
Нони гандум нони мост.

Мо фаришта нестем…

## СУБҲИ ДУШАНБЕ

Бас тамошо карда ҳуснат моҳи нав,
Аз бари ту бо дили болида рафт.
Шӯъла зад хуршед ҳамчун машъале,
Балки шир аз деги шаб полида рафт.

Дар кучое мурғаке шуд нағмахон,
Мерасад бар гӯш овозаш маҳин.
Баргҳоро нарм мебӯсад насим
Ҳамчу дасти духтарони нозанин.

Донишомӯзе ба кунҷе субҳгоҳ
Хуфта алъон, монда сар рӯи китоб,
Шаҳри ман, фардои рахшони туро
Шояд ӯ ин лаҳза мебинад ба хоб?

Дар лаби дарё нишаста навварӯс,
Ёд орад як ба як хоби шабаш,
Чеҳраашро тар кунад бо оби сард,
Доғи бӯса то намонад дар лабаш.

Фориғ аз ғамҳои дунё модаре
Тифлро бар дил фишорад сахттар.
Тифли ӯву субҳи нав чун хоҳаранд,
Бӯи шир ояд зи домони саҳар.

Субҳ омад бо шукӯҳу бо фурӯғ,
Боди нарме мекунад дар боғ сайр.
Эй Душанбе, субҳи нав пирӯз бод,
Шаҳри равшангавҳарон, субҳат бахайр!

## ХУҶИСТАМО

Хуҷистамо, Хуҷистамо,
Дугонаҷони ҳампарам,
На бахту шодии туро,
Ғами туро ба дил барам.

Ба шавқу шӯр гуфтаӣ,
Ки «эй дугона, ҳеҷ кас
Нагашт садди роҳи ту,
Ба бахти ту кунам ҳавас».

Хуҷистамо, Хуҷистамо,
Бале, раҳам набаст кас,
Валек аз самими дил
Ба бахти ту кунам ҳавас.

Миёни кӯҳ боғи ту,
Миёни кӯҳ хонаат,
Насими шӯх мебарад
Ба ҳар тараф таронаат.

Таронаҳои хушнаво
Зи бахти ту нишона аст.
Хуҷистамо, ба чашми ман
Ҳаёти ту фасона аст.

Гирифта дасти кӯдакат,
Ба ифтихор меравӣ,
Шукуфаест кӯдакат,
Ту чун баҳор меравӣ…

Ҳамекашад хаёли ман
Зи доманам ба кӯи худ,
Зи домани ту кӯдакат
Ҳамекашад ба сӯи худ.

## ТАРОНАИ ЧАШМИ САБЗ

Чашми сабзат сабзпӯшам кардааст,
Ин ҷаҳон чун чашми сабзат сабз бод!
Аз чӣ беғам ҷоми дилро бишканӣ,
Бехуд аз захми дилам гардида шод?

Оташеро дар дилам афрӯхтӣ,
Аз чӣ месозӣ дигар бораш хамӯш?
Бас гарон бошад, гарон бошад, гарон,
Санги ҳиҷрон чун бубардорам ба дӯш?

Гар туро дил додам аз хушбоварӣ,
Ишқи беолоишам арзон магӯ.
Ошиқонам ноумеданду ҳазин,
Шаҳ туӣ андар ҷаҳони орзӯ.

Чун Зулайхо ман ҷавонӣ ёфтам
Аз нигоҳи сабзрангат, ишқи ман.
Аз нигоҳи ман нигоҳатро мадузд,
То бимонам сабзҷону сабзтан…

## ЗАНЕ ДАР РӮЗГОРОН

Мешитобам, мешитобам ман,
Бар куҷо аммо? Намедонам.
Хештанро мебарам бар дӯш,
Мекашам худ аз гиребонам.

Чеҳраи аслии худро ман
Мекунам дар гӯшае пинҳон.
Мебароям бо ниқоб аз дар
Чун каси беғуссаю хандон.

Боз аз бахти баланди хеш
Ҳар куҷо афсона мегӯям.
Бар дурӯғам мекунам бовар,
Гӯиё яктою хушрӯям.

Шомгоҳон аз ҷамоат дур
Зору танҳо талх механдам.
Хештанро пас ба дасти худ
Боз дар занҷир мебандам.

## БА ПАРИИ ИЛҲОМ

Афсонаи азизу гиромӣ, биё, биё,
Ҳушам ба сӯи хеш ту ҳар лаҳза мебарӣ,
Худро намудаӣ ба ман аз хоби кӯдакӣ,
З-он рӯз зулфаки дари ту гаштам, эй парӣ.

Гулҳо шукуфта дар дили гулдони дилфиреб,
Шамъ аз сиришки бемаҳали хеш шармсор.
Хобам зи ман гурехта дар лобалои шаб,
Илҳом, дар раҳи ту нишастам ба интизор.

Дунёи шеър ҳаст чу афсона пурфусун,
З-ин рӯ гуреза гаштаам аз олами вуҷуд.
Ту гаштаӣ, дугонаи ҷонӣ, парии ман,
Ман пеши пот оварам охир сари суҷуд.

Аз ҳарзаи замона, ки бигрехтам басе,
Бо ту гаҳе зи дарду алам дур рафтаам.
Бе ту ғамину хастаам андар ҷаҳони тор,
Бо ту бари ситораи пурнур рафтаам.

## ДУОИ ХИЗР
### *(Ба ёди бибиям Қанбармоҳ)*

Ту рафтаӣ ба олами хомӯшон,
Аммо зи ёди ман наравӣ ҳаргиз.
Охир, чи сон зи ёд барам осон,
К-ин ёд пуртавону манам оҷиз?

Монанди як фаришта тамоми умр
Поку ҳалолу тозанафас будӣ.
Андӯҳу дардро ба лаҳад бурдӣ,
Чун ту ҳамеша дар ғами кас будӣ.

Ту панҷ гаҳ намоз ҳамехондӣ,
Ором хуфта мо, ту вале бедор.
Иблису дев то ки наёбад роҳ,
Гуфтӣ «Худо» ҳамешаву бо такрор.

Мо «бехудо» будему худоҷӯ ту,
Мо шоду ту ба оҳу фиғон дар хеш.
Чун бори ҳар гуноҳ ба дӯшат буд,
Мезистем дур зи ҳар ташвиш.

Ҳоло чу офтоби саҳар бар сар,
Моми фариштаҳӯ, ту наметобӣ.
Гаштем пургуноҳу фалокатёр,
Осудаҷон чаро ту ҳаме хобӣ?

Имрӯз бе дуою намози ту,
Тарсам, ки Аҳриман бишавад бедор.
Бар рӯҳи беқарор дуои ту
Ҳамчун дуои Хизр бувад даркор.

## МАНЗАРАИ ЗОДГОҲ

Ягона ҷӯи деҳ хушк аст,
Чу чашми кӯр обаш нест.
Лаби ҷӯ шӯразор имрӯз,
Дарак аз осиёбаш нест.

Дареғи токзоронаш,
Чу «душман» решакан гаштанд.
Дареғи боғзоронаш,
Тиҳиоғӯш чун даштанд.

Надида ҷангро ин деҳ,
Вале ҳар ҷо валангор аст.
Бувад чун рахнаи дандон
Ҳамон ҷое, ки девор аст.

Аз ин ҷо булбулон рафта
Ба боғу гӯшаи обод,
Ба шохи хушки зардолу
Калоғе мекунад фарёд.

Дилам месӯзадаш беҳад,
Ки беобӣ бишуд дардаш.
Бувад ҳар ҷо яке Ширин,
Куҷо Фарҳоди шаҳмардаш?

Куҷо Фарҳоди шаҳмардаш?
Ба Ширинрӯд[1] бахшад об?
Ниҳоли боғи бобоӣ
Зи беобӣ бишуд нотоб…

[1] Рӯде дар Ғончӣ.

## ЧИҲИЛЧОН

Як зани соҳибдилам,
Хори домон нестам.
Аз чӣ ранҷам медиҳед?
Ман чиҳилҷон нестам?

То биёбам нӯги кор,
Гаҳ бахуд, гаҳ бехудам.
Бояд андар ин ҷаҳон
Ман чиҳилпо мешудам.

Бо ҳама ташвишу ғам
Ҷони ман осуда нест,
Мисли ман як меҳрубон
Роҳи ғам паймуда нест.

Бо дили хуншори хеш
Ханда дорам дар лабам.
Гар чиҳилрӯ гаштаам,
Шуд замона мактабам.

Аз сафою бахти хеш
Чилдурӯғе бофтам,
Кай фурӯғе кофтам?
Бефурӯғе бофтам!

Хастаҷонам, хастаҷон
Аз дурӯғи бефурӯғ.
Кай сафо бахшад ба дил
Қиссаҳои чилдурӯғ…

Як зани соҳибдилам,
Хори домон нестам.
Тир бар ҷонам мазан,
Ман чиҳилҷон нестам!

## СӮГВОРИИ ПАДАР

Дарахтон баргрезу шохаурёнанд,
Дарахтон ҳам чу ман имрӯз гирёнанд.
Бубин бар ин дарахтон ашки боронро,
Дарахтон ҳам зи кори даҳр ҳайронанд.

Ману ин навниҳолоне, ки сарсабзанд,
Зи оби чашмае гаштем бархурдор.
Падар моро чу бо хуни ҷигар парвард,
Ману ин навниҳолонем хоҳарвор…

Кунун аз сӯгу андӯҳи падар имрӯз
Ниҳолон баргрезу ман сияҳпӯшам.
Чу дасти хоҳарам себи самарқандӣ
Ниҳода шохаҳои хеш бар дӯшам.

## ҲАФТРАНГ

Рангинкамони шоир
Бо шеваҳои тадбир
Бо килки хеш бинмуд
Ҳусни диёр тасвир.

Ранги чу оташи сурх
Бар ҷоми лола бахшид,
Дар тори кӯҳ лола
Чун шӯълае дурахшид.

Молид ранги сабзаш
Бар сабзаҳои саҳро,
Гардид зеби наргис
Ранги базеби гӯё.

Бар савсану бунафша
Бахшид ранги сафсар.
Ранги сафед бахшид
Бар селаи кабӯтар.

Афтод рӯи дарё
Ранги кабуди дилкаш …
Аз рангҳои зебо
Дунё бишуд мунаққаш.

Дар орзуи байте
Тиру камон дар охир
Як қатраи сиёҳӣ
Бахшид баҳри шоир.

## БӮИ БАРФ

Деҳаи ман, барфпӯшӣ сар ба сар,
Хешро бо шавқу майл оростӣ.
Бо сарандози ҳарири сап-сафед
Чун арӯси маҳҷабин зебостӣ.

Бомҳоят барфпӯшанд ин замон,
Осиёбу новаҳоят барфпӯш,
Рӯи симу симчӯбу мавҷгир,
Кӯчаҳои пурсафоят барфпӯш.

Чун арӯси нозанине сархаманд,
Бедҳоят зеваре овехта.
Осмон чун модарони босахо
Ордро бар сурфа шодон бехта.

Бар нигоҳи айбҷӯ беэътибор,
Медавам бо тифлакон рӯ-рӯи барф.
Зарраҳо рахшида чашмам мебаранд,
Сархушам ман, сархушам аз бӯи барф.

Фасли сармо, ҳамчу дар афсонае,
Ваҳ, чи сеҳри дилписанде кардааст.
Гӯиё бар пешвозам ин саҳар
Деҳаро оинабандӣ кардааст.

## ДАРХОСТ

Баҳори гулфишон, аз розҳои хеш
Сабақ омӯз, дастонат ба дастам неҳ.
Бигӯям то ба ёр афсонаҳоямро,
Забони қиссагӯи Шаҳрзодам деҳ!

Парешонтар кунам то ёри хеш аз пеш,
Рабоям то аз ӯ сабру қарорашро,
Даме андешаҳоямро бидеҳ барбод,
Диламро оташу шӯру шарар афзо.

Гулоби рӯҳбахши шабнамам бахшой,
Зи барги лолаҳо пероҳани нав дӯз…
Даруни синаам як шӯъла месӯзад,
Чӣ бошад шӯъла? Инак, гулхане афрӯз!

## ЗАҲРИ ХИЁНАТ

Дар баҳорон хонаи дил сард шуд,
Дил даруни синаам пурдард шуд.
Дӯстам, эй дӯстам, эй дӯстам,
Ҳеҷ донӣ, аз чӣ рангам зард шуд?

Чашми ман оинаи виҷдони ман,
Ту дар ин оина аксатро нигар.
Аз нигоҳи сарди ту он бишканад,
Дар нигаҳ, эй ошно, оҳистатар!

Дар раҳи сидқу вафои дӯстон
Тоб меорам ба ҳар ранҷу азоб!
Бар вафою эътиқоду боварӣ
Бо вафою меҳри худ бидҳам ҷавоб.

Ҳозирам бар имтиҳони зиндагӣ,
Гар бихоҳӣ, ҷон ситон, ҷонам рабо!
Дар ҷаҳони даргузар, эй ҳамнишин,
Ту мабин заҳри хиёнатро раво.

Дар миёни нешу нӯши рӯзгор
Бадтар аз заҳри хиёнат заҳр нест,
Ман чи сон бар захми худ ёбам даво,
Инчунин позаҳр андар даҳр нест?!

## ҚАДР

Сиришки ман ниҳон буд аз назарҳо,
Валекин шоҳиди ашкам ту ҳастӣ.
Бубин сели сиришкам, марди худхоҳ,
Ғурурамро чу як ҷоме шикастӣ.

Ба ашки ман, ба ашки зан нигаҳ кун,
Зи қаъри дил шавад ин чашма берун.
Ба ашки ман, ба ашки зан нигаҳ кун,
Бувад ҳар қатрааш чун қатраи хун.

Мане, ки доим аз чашми дигарҳо
Ниҳон кардам сиришкамро чу гавҳар,
Кунун онро ба пои ту бирезам,
Ба ҳоли ин дили бечора бингар.

Бале, ман гиря дорам қад–қади роҳ,
Машав аз гиряаам беҳуда ҳайрон.
Фақат боре ба қадрам гиря кардам,
Намебинӣ маро дигар ту гирён.

## ХАТО

Аз хатои хеш месӯзам кунун,
Рӯи зону монда сар шабҳои тор.
Он хатое, ки хато пиндоштам,
Ё набошад худ хато дар рӯзгор?

«Ман хато кардам» ҳамегӯям ба хеш,
Худ намедонам, гуноҳам то куҷост.
Лол монад дил гаҳе андар ҷавоб,
Гаҳ бигӯяд: «Ҳар хатоям аз хатост».

Саркашӣ кардам зи ҳукми сарнавишт,
Заррае кай буд дар дил тарсу бим?
Бингар, акнун мешавад таслим гаҳ,
Медиҳад ҳар дам ба ман ранҷи алим.

Имтиҳони сарнавиштам беҳисоб,
Зиндагонӣ дам ба дам мушкилтар аст.
Гарчи ақлам мешавад таслим гаҳ,
Дил валекин якраву исёнгар аст.

Дар ҷавонӣ бас хатоҳо кардаам,
Лек имрӯз аз пушаймонӣ чӣ суд?
Кӯдаки гаҳвора танҳо бехатост,
Бехато оё касе дорад вуҷуд?

Гаҳ суоли хеш монда беҷавоб,
Зиндагӣ бояд бикард, эй дӯстон.
Аз хатое худкушӣ созем агар,
Одаме зинда намонад дар ҷаҳон.

## САРМАСТ

Набитвонӣ маро куштан,
Маро куштан бувад душвор,
На бо заҳру на бо қаҳре,
На бо тӯҳмат, на бо пайкор.

Ту бо таъну маломатҳо
Намудӣ сангборонам...
Аз ин зарба намурдам ман,
Бидон, охир, чиҳилҷонам!

Намедонӣ чаро, эй зан,
Замоне пир хоҳӣ шуд?
Зи мансаб, аз шароби фанд
Замоне сер хоҳӣ шуд!

Сипас бар чашмҳои ман
Чи сон дӯзӣ нигоҳатро?
Бипурсӣ бо кадомин рӯ
Зи ман узри гуноҳатро?

Ало сармасти мансабҳо,
Ба худ о, дер хоҳад шуд!
Ҳама нозу таманноят
Туро занҷир хоҳад шуд...

## ДИЛҲОИ БЕГОНА

Ту гарчи сархуш аз ишқи ҷавонӣ,
Ба рӯзи васли мо уммед бастӣ,
Маро кайҳо агарчи мешиносӣ,
Зи дунёи дили ман ғофил астӣ!

Намедонам, чи сеҳру ҷодуе буд,
Ки моро ӯ ба ҳам овард, эй мард?
Агар буд он қарори қисмати мо,
Дареғо, қисмати доно хато кард.

Ту лабханди маро худ дӯст дорӣ,
Намебинӣ вале асло сириштам,
Набошад то дилам бемор аз ғам,
Гурезам аз тую аз сарнавиштам.

Ман, охир, духтари шеъру хаёлам,
Ба номи орзуҳо зинда ҳастам,
Гиребони ҳавасҳоро гирифтан
Намеояд, намеояд зи дастам.

Хаёли ман чу мурғони сарозод
Ба сӯи осмон парвоз дорад.
Ба марзи бекanoру сабзи гардун
Гули ишқу гули уммед корад.

Агарчи рӯбарӯи ту нишинам,
Зи ту ин лаҳза аммо дур ҳастам,
Хаёли ман маро аз ту рабудаст,
Зи бӯи ғунчаи уммед мастам.

Ман ин лаҳза ба тӯи наварӯсӣ
Қабо медӯзам аз абри баҳорон,
Зи маҳ қоши тило месозам ин дам,
Ба ришта мекашам марҷони борон.

Ман ин дам ҳамнафас бо ёри дилхоҳ,
Ба сӯи орзуям роҳ пӯям,
Ба дастам панҷаҳои нарми кӯдак,
Сари гаҳвора лолоӣ бигӯям.

Агарчи рӯбарӯи ту нишастам,
Диламро сурати ёри дигар ҳаст.
Маро бигзор ту, эй марди ошиқ,
Аз ин ёри хаёлӣ даст каш, даст.

## ДАР СӮГВОРИИ МАВҶУДА

Набуд ӯ дастёру дастгири ҷанг,
Дилаш захмин нашуд ногаҳ зи тири ҷанг.
Варо аммо ниҳон дарди Ватан кушта,
Ғамони мурдаҳои бекафан кушта.

Сухангӯӣ мукофоти худодод аст,
Зи ҳар дарде қавитар дарди эҷод аст.
Аз ин қисмат чу бархе бехабар ҳастанд,
Ба қасди куштани аҳли ҳунар ҳастанд.

Нахи армони Садбарги нависанда
Зи теғи ҳарфи нобарҷо бишуд канда.
Муаззам, духтари шеъру хаёлу ноз
Намуд аз ин ҷаҳон бар осмон парвоз.

Чӣ гӯям аз ғубори тӯҳмату хорӣ,
Чӣ гӯям аз фишору аз дилозорӣ?
Чӣ гӯям аз нигоҳи сарду хуношом,
Чӣ гӯям ман зи хасми хомаю илҳом?

Ба сад ҳилат зи дасти қисмати беор
Насиба меситонад даллаю таррор.
Бимирад лек то рӯзи аҷал сад бор
Сухангӯи асил аз тӯҳмату озор.

Бале, Мавҷударо дарди Ватан кушта,
Сухан кушта, сухан кушта, сухан кушта.
Дил аз тири дағалёрони худ пурхун,
Бирафт ӯ аз Душанбе то лаби Сайҳун.

# ЧАНОРИ ЖАНДАПӮШ

Эй чанори жандапӯши деҳаам,
Раҳ гирифтам сӯи ту бо ҳасрате.
Духтари рустоии дирӯзаам,
Ман надорам савлате ё сарвате.

Мисли пири умрдида гӯш дор,
Бар суолам аз ту меҷӯям ҷавоб.
Дидаам умре бадӣ аз нокасон,
Гарчи будам аз паи кори савоб.

Бас вафо ҷустам, вале дидам ҷафо,
Ҳамнишине пуштипо зад хони ман.
Ханда кардам рӯ ба рӯи дӯстон,
Як нафар теғе бизад бар ҷони ман.

Розҳои дӯстон кардам ниҳон,
Во дареғо, рози ман афсона шуд.
Бо хушомад ошно мансаб гирифт,
Ҳамнафас будам варо, бегона шуд.

Ҷои некӣ мерасад рӯзе бадӣ,
Ё магар ин аз русуми одамист?
Ҷаҳл дидам, кина дидам бешумор,
Аз чӣ ҳоло дар ниҳоде раҳм нест?

Одамонро мисли мӯре мекушанд
Зумрае баҳри матоъу симу зар.
Оқилон дар гӯшае узлатнишин,
Сар фарозад ҳар кучое беҳунар.

Во дареғо, халқи мо хушбовар аст,
Гӯш дорад ӯ ба ҳарфи дигарон.
Дар диёри Рӯдакию Бӯалӣ
Раҳгумем андар сафи «пайғамбарон».

Коғазинҷома бипӯшидам ба тан,
Пеши поят омадам бо арзу дод.
Аз чӣ Яздонам қалам доду алам,
Бахтро аммо мукофотам надод?

Ҳар кучое чеҳраҳои boniқоб,
Ҳар кучое чашмҳои фитнабор…
Оламе хоҳам сапеду бефиреб,
Одаме ҷӯям ҳалиму беғубор.

Эй чанори жандапӯши деҳаам,
Латта мебандам ба шохат боумед.
Бо дуои хайри ту дар ними раҳ
Кош ёбам як рафиқи дилсафед.

Латта мебандам ба шохат бо умед,
Кош роҳи хеш ёбад гумраҳе,
Оқибат худро шиносад бехуде,
Хешро доно нахонад аблаҳе…

## КӮҲИ ҒАМ

Андар ин оромгоҳи сард
Нозанин гулдухтарам хуфта.
Шеърҳое дар дилам гирён,
Дардҳоям ҷумла ногуфта.

Духтарамро бо алам бурданд,
Сӯи гӯристон аз оғӯшам,
Баъд аз ин ҳастам тани беҷон,
Баъд аз ин беёду беҳушам.

Баъд аз он ғам мурдаам бе тир,
Баъд аз он ғам мурдаам бе теғ.
Монда ҷонам дар миёни ғам,
Ҳамчу кӯҳ андар миёни меғ…

«Иди рӯбаҳ мотами шер аст» ,
Иддае аз ғуссаам дилхуш.
Марги ман хоҳанд дар маҳфил
«Нӯш-нӯш»-е шуд ба онҳо «куш!»

Куштани озурдадил осон,
Эй рақибон, рост мегӯям.
Оҳ, бе тири шумо мурдам
Баъди ҷонпайванди хушрӯям.

Андар ин оромгоҳи сард
Нозанин гулдухтарам хуфта.
Меравам як рӯз пеши ӯ,
Дар лабонам шеъри ногуфта.

## ИН НУРИ РАВШАН АЗ КУҶО?

Дар хоби ман, пиндори ман,
Дар боми ман, девори ман,
Дар шоми ваҳшатбори ман
Ин нури равшан аз куҷо?

Хобам бигӯям мӯ ба мӯ?
Бо нур будам рӯ ба рӯ,
Бо нур кардам гуфтугӯ,
Ин нури равшан аз куҷо?

Дар хоби хуш ҷастам зи ҷо,
Бар осмон кардам нидо:
Аз Муштарӣ, ё аз Худо,
Ин нури равшан аз куҷо?

Ваҳшат зи ҷонам дур шуд,
Дунё зи нав пурнур шуд,
Дил тозаю пуршӯр шуд,
Ин нури равшан аз куҷо?...

## ДУ ПАЙКАР

Ҳиссае дар осмон,
Ҳиссае дар хокдон.
Нешҳое дар бадан,
Нӯшҳое заҳри ҷон.

Оҳ, аз ҷангу ҷидол,
Оҳ, аз созиш, фалак.
Оҳ, аз чашми ҳасуд,
Оҳ, аз ковиш, фалак.

Ишқи нав – парвозҳо,
Ашки талх – анҷомҳо.
Пухта будан орзуст.
Во дареғ аз хомҳо!

Гӯшае шамъу шароб,
Гӯшае шеъру китоб.
Боз ҳам раҳгум задам –
Ҷодаҳо пурпечутоб!

Тирхӯрда аз нигоҳ,
Уфтода рӯи роҳ,
Бо ҳазорон орзу
Дил тиҳиву бепаноҳ.

Гаҳ парешон, гоҳ ҷамъ,
Дил ҷудо, ақлам ҷудо.
Ман муаллақ мондаам,
Гаҳ замину гаҳ само.

## НАБОЯД...

Ман набояд афтам аз по ҳамчу нахли бебақо,
Байни роҳ афтодани ман пешаи мардона нест.
Гар шавад хуншор поям, роҳ пӯям сарбаланд,
Ашкро бояд фурӯ бурду ба даврон зист, зист.

Пеши роҳам ногаҳон пайдо шавад деворсанг,
Ман ба нохун бояд охир рахна созам сангро.
Бишканад гар ҷумла нохунҳоям аз ханҷори санг,
Ханҷаре созам сипас дар роҳи мақсад нангро.

Дар ҳама бероҳае бояд биёбам роҳи худ,
Аз дили дарёю низ аз ҷангали касногузар.
Чораҳо созам, ки дар роҳам намонам ноумед
То нагӯяндам рақибон: «сустаҳду камҳунар».

Ман набояд афтам аз по дар миёни роҳи умр,
Бигзарам бояд аз обу оташу дашту ситеғ.
Ё ба мақсад мерасам мардона бе оҳу алам,
Ё ба санге мезанам минои дилро бедареғ.

## АНДЕША

Чи кӯҳ аст ин, хаёламро рабудаст,
Маро ҳар пораи сангаш писанд аст,
Ба чашмам қуллаҳои барфпӯшаш
Чу кӯҳони шутур пасту баланд аст.

Дилам хоҳад, нишинам беғаму шод
Даме бар уштури хобу хаёлам,
Равам то олами афсона бо он,
Ки дарёбам ҷавоби ҳар суолам.

Хаёлам, аз ҳамон дунёи рангин
Суруди нав биёрам баҳри ёрон,
Дили сард аз суруди нав шавад гарм,
Дили имдодҷӯ гирад аз он ҷон.

Хаёлам, зуд ронам уштурамро,
Чу сайёҳе равам манзил ба манзил,
Барам ҳадя наботу қанд бар дӯст,
Диҳам дардаш валекин ҷой дар дил.

Ба кӯҳони шутур хоҳам кунам бор
Тамоми ғуссаю ғамҳои инсон.
Гузорам дар биёбон ин раҳовард,
Шавад олам пур аз шодию эҳсон.

## НИҲОЛ

Ниҳоле сабз бояд кард, эй ҷон,
Ба ёди волидайну ёди аҷдод,
Ба ёди аскарон, ёди шаҳидон,
Ба ёди рафтагон бо ҳасрату дод.

Ниҳоле сабз бояд кард, эй ҷон,
Ба подоши сахою ҳиммати хок.
Нишон монад зи ҳар инсон дарахте
Ба поси неъмати пурқимати хок.

Ниҳоле сабз бояд кард, эй ҷон,
Ба ёди оташи ишқи нахустин,
Ба ёди рӯзҳои рафтаи умр,
Ба ёди лаҳзаҳои неку ширин.

Ниҳоле сабз бояд кард, эй ҷон,
Ниҳоли чормағзу ноку челон…
Ки мурғон баҳравар бошанду мардум,
Чӣ суд аз так-таку хори муғелон?

Ниҳоле сабз бояд кард, эй ҷон,
Зи азми мо шавад сарсабз боғе,
Набояд пеши кор андеша кардан
Зи санги тифли шӯху нӯли зоғе.

Ниҳоле сабз бояд кард, эй ҷон,
Ниҳоле дар замини поки аҷдод,
Паноҳи шохааш то рӯзи борон
Ба некӣ раҳгузар моро кунад ёд…

## ТАРОНАИ ҶАВОНӢ

Маҷӯ оҳанги навмедӣ зи шеърам,
Наменолам зи сахтӣ гоҳу бегоҳ.
Агар дил аз сафо пурнур бошад,
Битобад сояи андӯҳ кӯтоҳ.

Равам аз рӯи хоре, нарм гӯям,
Ба худ ларзам зи сардӣ, гарм гӯям.
Ба ҳар як имтиҳон меоварам тоб,
Валекин роҳи осонро наҷӯям.

Ба ин нерӯ, ба ин ҷӯшу хурӯшам
Набояд сахтиеро тан бигирам.
Мани дигар агар дар сина нолад,
Варо хомӯш созам дар замирам.

Маҷӯ оҳанги навмедӣ зи шеърам,
Чаро нолам? Ҷавонам, сарбаландам.
Зи садди раҳ ҳаросон пас нагардам,
Ризоманд аз дили мушкилписандам.

Макун беҳуда, охир, айбмонӣ,
Зи оташ кай ҳавои сард ояд?
Саросар оташам ман, пуршарорам,
Диламро шавқ ҳар дам мефизояд.

Надорам шиквае аз сарнавиштам,
Барам бар дӯш бори рӯзгорам,
Саманди вақтро чобуксаворам,
Ба роҳи қисмати худ раҳсипорам.

Маҷӯ оҳанги навмедӣ зи шеърам,
Бувад шеърам садои қалби бедор.
Манам равшан ба нури поки Яздон,
Насозад бар дилам ғам соя зинҳор.

## ФУРӮ БУРДАМ СУХАНҲОРО

Фурӯ бурдам суханҳоро,
Сухан не, ҷоми заҳрогин!
Агарчи талх шуд комам,
Нидо кардам вале: «Ширин»

Сухан гар чун шакар бошад,
Фурӯ бурдан бувад осон,
Равад он аз гулӯ то дил
Чу оби рӯди кӯҳистон.

Вале андар гулӯ монад
Ҳамеша ҳарфи талху тунд,
Чу занги ханҷари буррон
Кунад зеҳни расоро кунд.

Ҳазар аз ҳарфи талхи дӯст,
Чу тире дар бадан монад,
Ба ҳар захме давое ҳаст,
Вале захми сухан монад.

## ДИДОР

То туро дарёфтам, эй меҳрубон,
Гашта-гашта, кафши ман ғалбер шуд.
Зинда будам бо умеди диданат,
Дил фиғон мекард гоҳе: Дер шуд!

Ҳар куҷое гар суроғат кардаам,
Рангу рӯятро касе «дидам» нагуфт.
Эй азизам, рангу рӯят як тараф,
Одаме номи ту «бишнидам» нагуфт.

Шояд, эй ҷон, бишнавӣ овози ман,
Гаҳ садо кардам туро бо шеъри худ.
Ҳар қадар овоз мекардам баланд,
Бо садоям ҳамсадо пайдо нашуд.

Чун шудам аз ҷустуҷӯҳо хастаҷон,
Ту раҳи дурии мо бигсехтӣ.
Бар сари лабташна гул ту ногаҳон,
Мисли борони баҳорон рехтӣ.

Омадӣ? Хуш омадӣ, эй меҳрубон,
Аз гуноҳу аз савоби ман мапурс.
Як китоби шеър бошад умри ман,
Аз хатоҳои китоби ман мапурс.

Ман чаро пурсам туро аз бешу кам?
Гар хато бигзашта аз ту, бок нест.
Кӣ сияҳномат кунад, эй ҷони ман,
Чун туе дилдодаи бебок нест?

Сад ҳазорон сол будам интизор,
Сӯи ман бо ҳукми тақдир омадӣ.
Пешвозат шадда бастам аз сиришк,
Эй азизам, ин қадар дер омадӣ?

## НАҚШИ МАҶНУН

Бо нигоҳи шӯълабору роҳҷӯ
Гулхане андар дилам афрӯхтӣ.
Ман набудам ошнои чилчароғ,
Сӯхтанро ту ба ман омӯхтӣ.

Нақши Маҷнун пеши ман бозидаӣ
Мисли як нақшофарини пурҳунар.
Бозият, эй бас, ҳунармандона буд,
Бар дилу бар ҷони ман бинмуд асар.

Масту сархуш аз футӯҳи хештан
Дур рафтӣ, ёри бепарвои ман.
Дар куҷое табли нусрат мезанӣ,
Бехабар аз ишқу аз савдои ман.

Розиям, фардову фардои дигар
Аз канорам бигзарӣ гунгу хамуш.
Лек ҳамчун боди сарди тирамоҳ
Оташи ишқам ту бо бозӣ макуш!

## РОҲ

Ба сӯяш роҳ мехонад маро аз нав,
Ба сӯяш роҳ мехонад чу дилдоре.
Супурда ман туро бар дасти бегона,
Зи манзил меравам мисли гунаҳгоре.

Даруни дафтари ман акси зебоят
Ба қасди ғуссаю андӯҳ механдад.
Маро лабханди ту, эй тифлаки беғам,
Ба ёдат сахт безанҷир мебандад.

Агар гирйӣ, ҷигарбанди азизи ман,
Дилам пеши сиришкат мешавад оҷиз.
Гарон бошад маро дурӣ зи чашмонат,
Маранҷ аз модари дардошно ҳаргиз.

Ба ҳар ҷое, ки бошам бо ғами ҷонсӯз,
Ба гӯшам мерасад овози ту ҳар гоҳ,
Диламро нохушие мезанад ханҷар,
Маро мехонад он овози ту аз роҳ.

## ЗАБОНИ ОТАШИН

Забони оташини зан Сафо[1] буд,
Китоби ӯ иборат аз вафо буд.
Суруди яккафарёдаш ҳама давр
Ба дарди зан ба сони мӯмиё буд.

Ҳама эҳсоси пуртуғёни занҳо
Зи шеъри тозабунёдаш фурӯ рехт,
Ту гӯӣ, обу оташ, дарду шодӣ
Дар оҳу шеванаш бо ҳам даромехт.

Чу дарёе, ки соҳилнописанд аст,
Бурун рафт аз ҳисори соҳили хеш,
Зи савдои ҷаҳони мол озод,
Сарозоду гирифтори дили хеш.

Бирафт аз ин ҷаҳон зори муҳаббат
Зане, к-ӯ ташнаи меҳру вафо буд…
Ҳамоне, к-ӯ зи ишқи зан сароид,
Сафои дил, сафои ҷон, Сафо буд.

[1] Сафо – шоираи Юнони қадим.

## РОҲИ НОТАМОМ

Додарам, устоди ман дар шоҳмот,
«Дарсҳоят» монд андар ёди ман.
Зиндагонӣ тахтаи ҳамвор нест,
Нест баъди ту касе устоди ман.

Як замон гаҳвораҷунбонат будам,
«Алла» гуфтам баҳри ту бори нахуст.
Бо фиғон имрӯз бедорат кунам:
Додаро, новақт ҳоло, ту нахусб.

Додарам, охир, чи сон осудаӣ?
Роҳ нисфу кори чандинсола монд.
Доғи ту, эй навбаҳори зудмир,
Дар дили ман ҳамчу доғи лола монд.

Додаро, бархез, вақти хоб нест,
Гӯш кун, охир, садои тифли хеш.
Баъди ту омад ба олам тифлакат,
Аз нигоҳаш мешавад дил реш-реш.

Байни мо бозӣ мусовӣ буд фақат,
Додарам, устоди ман дар шоҳмот,
Рафтию дар ҳайратам аз рафтанат,
Мот мондӣ хоҳаратро дар ҳаёт.

## ПАЙКАРАИ НЕКӢ

Бо шӯру бо тарона,
Бо зӯри Рустамона,
Чун тифли бепаноҳӣ,
Чун тифли бегуноҳӣ.

Бо қомати баландат,
Бо таъби дилписандат
Мӯҳтоҷи як навозиш,
Мӯҳтоҷи як ситоиш.

Аз бешу аз ками даҳр,
Шодию мотами даҳр,
Аз қалби ғуссаҷӯям
Хоҳам, ки қисса гӯям.

Азбас ту некроӣ,
Дар даҳр бебаҳоӣ,
Бовар набошадат ҳеҷ
Бар макру фанди пурпеч.

Ҳастӣ Худои некӣ,
Як ҷонфидои некӣ,
Сарсабзу ҷовидонӣ,
Як умр дар амонӣ.

Бе чашми раҳнамоят,
Бе ҳарфи дилкушоят
Ихлос пир гардад,
Некӣ сағир гардад.

## ЗАРРАБИН

Як лаҳза хоҳам, эй диёр,
Бар боғҳо, бар роғҳо
Бо чашми дигар бингарам
Пӯшида чашм аз доғҳо.

Як пора афлесун бувад
Моҳи нават андар назар,
Истораҳои беқарор
Чун кафтарони бастапар.

Шаҳтут чун бенавда монд
Аз ҷабри теғу тешае,
Парбехааш тобад ба чашм
Аз дур мисли решае.

Гелосҳо дар шохаҳо
Чун гӯшвора аз ақиқ.
Бо сояи худ ар-арат
Вақти маро гӯяд дақиқ.

Аз шабнами боғи чаман
Саршор кардам ҷомро,
Бедор кардам дар хаёл
Аз хоби хуш Хайёмро.

Бар гӯшҳои хотирам
Афтода сад овози қулф.
Фарёд кардам хешро,
Омад садое: «Зулф, Зулф»…

Аз домани пироҳанам
Хори муғелонат гирифт.
Аз дидани ҳусни нават
Мондам даме андар шигифт.

Ҳайҳот, одат кардаам
Бар манзари ту, эй диёр,
З-ин рӯ намебинам гаҳе
Ҳусни туро беихтиёр.

Одат гаҳе пинҳон кунад
Чун парда ҳусни обу гил,
Бояд нигаҳ сӯи диёр
Бо заррабини чашми дил!

## УЗР

### *Ба ёди устод Фазлиддин Муҳаммадиев*

Барои зарбаҳои дилшикофу ноҳақи ҷоҳил,
Барои ақли кунди нашъамандони зи ҳақ ғофил,
Барои чашми нобиною рӯҳи беғами қотил,
Муаллим, аз Шумо, чун аз бародар, узр мехоҳам.
Зи номи ҳар бузургу хурди кишвар узр мехоҳам.

Аз он ки ҷоҳилонро ҳам чу ман як модаре зода,
Ба онҳо аз ҷигар шири сапеди хештан дода,
Надонад қисмати ояндаашро модари сода,
Муаллим, аз Шумо, чун аз бародар, узр мехоҳам.
Зи номи модарони ғуссапарвар узр мехоҳам.

Шумо бо Аҳриман умре ҷидолу кашмакаш кардед,
Чи дунёе, кунун осуда андар олами сардед,
Шумо дар зиндагӣ марду Шумо пеши аҷал мардед,
Муаллим, аз Шумо, чун аз бародар, узр мехоҳам.
Зи кори қисмати бераҳму бесар узр мехоҳам.

Хаёли ман, Шумо мисли фаришта дар замин будед,
Ҳамеша аз риёву кин даруни дил ғамин будед,
Суханро роздону ҳамдаму ҷонофарин будед,
Муаллим, аз Шумо, чун аз бародар, узр мехоҳам.
Зи номи ҳар сухангӯву суханвар узр мехоҳам.

Дарахти умратон аз дасти қотил ногаҳон бишкаст,
Ту гӯи, дил даруни синаи пиру ҷавон бишкаст,
Сутуни зарнигори эътиқоди одамон бишкаст,
Муаллим, аз Шумо, чун аз бародар, узр мехоҳам.
Зи номи ҳамдиёрон бори дигар узр мехоҳам.

## ТУ ДОНОӢ...

Ту доноӣ, азизи ман, ту доно,
На аз хокӣ, на аз обӣ ту, ҷоно!
Зи рӯят нур меборад чу хуршед,
Зи ҳар хокӣ, азизи ман, ту боло.

Ба ман шеъри Маҳастиро бихонӣ,
Чаро Махфӣ, бигӯй, рафт танҳо?
Дилат сӯзад ба он «мурғони бебол»,
Бихонӣ нафрати худ бар замонҳо.

Вале огаҳ наӣ аз олами ман,
«Надорад қадр ҷӯи пеши манзил».
Чаро андар барат, эй марди доно,
Гаҳе танҳотар аз Махфист ин дил?

## ХАЁЛИ ХОМ

*(ҳазл)*

Рӯзе дар автобуси роҳ
Як шоира ҳам шуд савор.
Баҳри нишастан ҷой ҷуст,
Дар дасти ӯ ду халта бор.

Пайдо нашуд ҷои нишаст,
Бо бори вазнин рост монд.
Пешаш касе аз ҷо нахест,
Баҳри нишастан кас нахонд.

Аз курсии наздаш расид
Овози ҷуфти навҷавон.
Ҳарду нишаста боҳузур,
Гап мезаданд аз ину он.

Дар рӯзнома, аз қазо,
Бо акси зебою сара
Гардида буд он рӯз чоп
Якчанд шеъри шоира.

Он рӯзнома баҳрашон
Чун бодбезак гашта буд.
Баъд аз сукути андаке
Инаш суол аз он намуд:

– Кошонаи ин гул куҷост,
Оё намедонӣ, Амон?
Боре агар медидамаш,
Дар дил намемонд ормон.

Ҳамроҳи ӯ додаш ҷавоб:
– Хобат ба оби ҷӯ бигӯ,
Кай инчунин як нозанин
Созад нигоҳе сӯи ту?

Бошад ғизояш шири мурғ,
Кошонаaш чун лолазор,
Асло нагардад мисли мо
Дар шаҳр автобуссавор…

Дасти қавии шоира
Аз ин сухан шуд бемадор,
Ғелон шуд аз ду халтааш
Турбу пиёзу помидор…

## СОЯИ ШАХСИ ДИГАР

Не шароре дар нигоҳат,
Не хаёле дар сари ту.
Хандаҳоят сарду беҳис,
Не суоле дар сари ту.

Мекунӣ такрор ҳар гоҳ
Ҳарфҳои дигаронро.
(Худшиносӣ – кори мушкил,
Кай барӣ бори гаронро?!)

Мебиёрӣ ту ба ёдам
Як ниҳоли бесамарро.
Дар вуҷуди ту бубинам
Сояи шахси дигарро.

## ШИКОР

Ҳиндуи зулфи ман
Дар қасди ҷони туст.
Ҳар тори мижжаам
Хасми аёни туст.

Аз ман бувад дилат,
Магрез сӯи моҳ.
Бо сеҳри чашми хеш
Гардонамат зи роҳ.

Абрӯи ман камон,
Холам бувад чу тир,
Як рӯз мешавӣ
Афтодаву асир.

Пирӯз будаӣ
Дар ишқ агар мудом,
Як рӯз мешавӣ
Ишқи маро ғулом.

## ШЕЪРИ НАВ

Дилам ҳоҳад, ки шеъри нав бигӯям,
Дар он сӯзу гудози дард бошад.
Дилам хоҳад, ки шеъри нав бигӯям,
Ки гармибахши қалби сард бошад.

Кушоям як ба як рози ниҳонам,
Бигӯям аз ғами шайдоии дил.
Бигӯям қиссаҳои рӯзи пешин,
Равад афсонаам манзил ба манзил.

Дар он шеъри навам, дастони умрам,
Бирезам ман ҳама пайдову пинҳон.
Дилам хоҳад, ки шеъри нав бигӯям,
Шиносандам тамоми ношиносон.

## БОҒИ ТИФЛӢ

Ҷо-ҷо фитода девор,
Дарвоза ҷашми ҳайрон,
Дар шохи хушки санҷид
Зоғи сияҳ «ғазалхон».

Он хоки сабзу хуррам
Имрӯз шӯразор аст,
Дар пушта барги резон
Чун ашки шашқатор аст.

Гӯям ба доғ: – Эй боғ!
Рангу сафо куҷо шуд?
Ободу сабз будӣ,
Нашъунамо куҷо шуд?

Эй боғи кӯдакиям,
Ҳайҳот, аз ту дурам.
Ман ҷои меваи ту
Имрӯз мехӯрам ғам.

Гар оташе намесӯхт
Ҷони маро шабу рӯз,
Мезистам бари ту
Бедарду доғу фирӯз.

Ҷои қалам ҳабибе
Ғамхор мегирифтам,
Аз бачаҳои қишлоқ
Як ёр мегирифтам.

Шодона кӯдаконам
Дар соя медавиданд,
Рӯ-рӯи сабзаи тар
Чун барра меҷаҳиданд.

Ҳайҳот, гуфтаҳоям
Бошад хаёли ширин,
Имрӯз бар Душанбе
Хонад умеди дерин.

Хуш бош, боғи тифлӣ,
Сарсабз пешаи туст.
То метапад маро дил,
Дар сина решаи туст.

## КИСТАМ МАН?

Хастаам аз бозии тақдири хеш,
Бояд аз рӯям бубардорам ниқоб.
Як занам ман! Пас чаро дар ҳар қадам
«Мард ҳастам» гуфта, бинмоям хитоб?

Як занам ман …
Рӯи дӯши нарми ман
Бори ин дунё гаронӣ мекунад,
Мекунам чашми тарамро гар ниҳон,
Чӣ касе пас меҳрубонӣ мекунад?

Як занам ман… Оҳ, мехоҳам гаҳе
Ашк резам пеши ғайру ошно,
Зоти занро гиря ҳаргиз ор нест,
Аз сиришкам шарм медорам чаро?

Як занам ман… Ташнаи меҳру вафо,
Гушнаи ҳарфе латифу дилписанд.
Гарчи дар дил зор ҳастам, зори меҳр,
Қомати шамшод медорам баланд…

Аз замону асри оҳан дар шигифт,
Хештанро мард мегирам дигар,
Зан ба дунё омадам як рӯз ман,
Дар замин мардона мемирам дигар.

## ПАНДИ ЗИНДАГӢ

Ҳар касе будӣ, шиноси бесипос,
Худпарасти бевафо, ё дилшинос.
То бифаҳмам, зиндагӣ ҳамвор нест,
Қисматам овард бар ман лутфи хос.

Ман, вале будам яке афсурдадил,
Сӯзи ишқат давлати ноёб дод.
Барқи чашмат шӯр доду шеърҳо,
Ишқи ту бар шоми ман маҳтоб дод.

Духтари хушбахт будам лаҳзае,
Бас ба чашмам оламе зебо намуд.
Шом – равшан, санг – гӯё, хор – гул,
Зиндагонӣ гулфишон, воло намуд.

Чун бирафтӣ, аз лабонам ханда рафт,
Болишу бистар зи ашкам тар бишуд.
Гӯр кардам, гӯр он шаб ишқи хеш,
Ишқи покам сӯхт, хокистар бишуд…

Тӯҳфа будӣ баҳри ман аз қисматам,
То бифаҳмам, одамӣ кӯр аз қазост.
Зиндагӣ пасту баланде доштаст,
Ишқ ҳам чун боғи ҳуснам бебақост…

## БАЪД АЗ ИН…

Баъд аз ин бо номи ту, бо ишқи ту
Зери гардун зиндагонӣ мекунам.
Қисматамро ҳадя месозам ба ту,
Дар раҳи ту ҷонфишонӣ мекунам.

Баъд аз ин ман нестам, ман нестам,
Ман ту ҳастам, дар дилат дорам макон.
Бо ту акнун фасли сармоям – баҳор,
Бе ту ҳаст акнун баҳори ман хазон.

Хом будам то ба ишқи ту агар,
Баъд аз ин ман як ҷаҳони комилам.
Чашмаи поку зулоли ишқро
Қатра-қатра мекунам сарфи дилам.

Баъд аз ин парвоз мехоҳам басе
Дар самои орзуҳои баланд,
Дода ишқат бар умедам болу пар,
Мепарам то нуриёни дилписанд.

Баъд аз ин асло наметарсам зи марг,
Пеши ишқи ҷовидонӣ марг чист?
Зиндагӣ ҳасту ҷавонию баҳор,
Ошиқонро ишқ ҳасту марг нест.

## ОҲАНГСОЗ

Ман рубобам, пой то сар изтироб,
Ёри ман, оҳангсози ман туӣ.
Чашмаи илҳом ту, хушном ту,
Дар ҷаҳони роз сози ман туӣ.

Тор-тор аз тори дил ояд бурун
Сози шодӣ, сози андӯҳу алам,
Ту намон, то ки рақибон бишнаванд
Аз дили пуршӯри ман оҳанги ғам.

Шиква созам гар зи дасти қисматам,
Шикваҳоям дӯшбори ту шаванд,
Гар бихандам, хандаҳоям ҳамчу гул
Ҳуснбахши рӯзгори ту шаванд.

Ман рубобам, мӯ ба мӯям изтироб,
Ларза дорад тори ҳассоси дилам.
Эҳтиёт, эй ёри ҷонӣ, эҳтиёт,
Аз навое, аз наво – обу гилам.

## ПАЙҒОМ АЗ НИҲОН

Эй гуле, к-аз хоки нам берун шудӣ,
Аз ниҳон оё хабар овардаӣ?
Ман гуле гум кардаам дар рӯзгор,
Дар баҳор оё асар овардаӣ?

Ранги ту ёд оварад ранги дигар
(Оҳ аз ин рӯи маҳин, рӯи шинос!)
Бар лаби тар мебарам чун барги тар,
Бар димоғам мерасад бӯи шинос.

Эй гуле, к-аз хоки нам берун шудӣ,
Бе сухан гӯ, ту нишони кистӣ?
Ман гуле гум кардаам дар рӯзгор,
Ту ҳамон гумгашта оё нестӣ?

Бар замин рӯзе супурдам ғунчаро,
Қад кашидӣ аз замин фасли баҳор.
Ёдам орӣ тифли беозорро,
Ёдам орӣ хандаҳои беғубор.

Чеҳраи модар бубинад аз рухат
Он, ки шуд аз меҳри модар бенасиб.
Сурати хоҳар бубинад дигаре
Аз нигоҳат, эй гули сурхи наҷиб.

Ман валекин боз овардам ба ёд
Хандаҳои кӯдаки нокомро.
Кӯдакеро, к-аз канорам рафт дур,
Монд дар дил доғи оташфомро.

Ӯ ниҳон шуд ҳамчунон барқи баҳор,
Эй гули тар, ту вале барҷой бош.
Мисли ту дар зиндагӣ он ғунчаам
Бори дигар мешукуфт, эй кош, кош…

## МОДАРАМ...

Модарам ҳайётӣ омӯзад маро,
То арӯси рашки гулдастон шавам,
То зи ҳар ангушти ман резад ҳунар,
Хонаи домод мисли гул равам.

Аз китоби кору бори рӯзгор
Модарам бо сабр дарсам медиҳад.
То чу ӯ зардӯзи беҳамто шавам,
Рӯи дастам дарзу тоқӣ мениҳад.

Модарам, эй модари ҷонпарварам,
Ман барӣ аз фикри молу хонаам.
Гар хаёле ғайри шеър ояд ба сар,
Хун шавад аз ғам дили девонаам.

Шаб ҳама шаб дурру гавҳар мекашам,
Зиндаам бо фикри шеъру ёди шеър.
Розӣ, эй модар шаву деҳ фотиҳа,
То зи ман розӣ шавад домоди шеър…

## САНГИ МАЛОМАТ

Мардуми деҳ аз дили ман бехабар
Бар сарам санги маломат рехтанд.
Ханда карда аз паси деворҳо,
Хоки ман бо элаки худ бехтанд.

Он яке мегуфт: «Бешармест ӯ,
Бо фалонӣ меравад дастобадаст».
Дигаре лабкачҷкунон қаҳ-қаҳ бизад:
«Банди пояшро намоён кардааст!...»

Дӯстонам, заҳрханду «пандатон»
Ҳамчу тире мехалад бар синаам.
Дар суруди тозаам бо сад фиғон
Ман бигӯям ҳасрати деринаам:

Гар бигирӣ дасти ёре, ор нест,
Куртаи кӯтоҳ дорӣ, ор нест.
Зеваре дорӣ гар аз ақлу хирад,
Гар набудат ҳалқаворӣ, ор нест.

Ор бошад фитнаю макру дурӯғ,
Худпарастӣ, худфурӯшӣ айб, айб!
Сирати бефитрату пасту палид
Бо зару зевар бипӯшӣ, айб, айб!

То ҳанӯз аз хирагӣ мо, одамон,
Хешро дар хеш зиндон мекунем.
Ҳайф, ҳайф, аз урфу одатҳои бад
Кохи умри хеш вайрон мекунем.

Соҳибони сарнавишту қисматем,
Бояд андар рӯи дунё шод зист!
Дур бояд аз хурофоти ҷаҳон
Сарбаланду беғаму озод зист!

## ЧӮПОНПИСАР

Аё чӯпон, ту бо нойи нигоринат
Маро хондӣ ба дашти лолазори хеш,
Даруни синаам бедор кардӣ ишқ,
Ба афсуни нигоҳи шӯълабори хеш.

Нарафта сӯи чашма, рафтаам бо ту,
Илоҳӣ, модарам бахшад дурӯғамро.
Намуда эй басо зебою рангомез
Навои ной субҳи бофурӯғамро.

Басе шабҳо ба хобам омадӣ бебок
Навоҷӯе, навосозе, дилогоҳе,
Туро дар ҷомаи зардӯзию худро
Ба дебои арӯсӣ дидаам гоҳе…

## ПАЁМИ БАҲОР

Дар фарози қуллае,
Рӯи харсанге сиёҳ
Чеҳраи худро кушод
Лолаи сурх ин пагоҳ.

Ҳукм ронад фасли дай,
Кӯҳу барзанҳо сафед.
Дар баландӣ чун шукуфт
Лолаи сурхи умед?

Чашм дӯзад сӯи кӯҳ
Аҳли деҳа беқарор,
Баҳрашон овард субҳ
Як нишоне аз баҳор.

Баччае бар кӯҳ рафт,
То биёрад лоларо,
То диҳад таскин даме
Духтарони воларо.

Лола не, дар тори кӯҳ
Духтари ҳамсоя буд,
Ҷомаи сурхаш зи дур
Лолаи тар менамуд.

## БАҲОРИ ДУХТАРОН

Гули ишқу умедам ғунча-ғунча
Зи боди навбаҳорӣ мешавад во.
Ниҳоли орзуро дар баҳорон
Шавад навшохаи сарсабз пайдо.

Дилам хоҳад, ки момоям дубора
Ба мӯи кӯтаҳам бофад ҷамолак.
Ба нӯги кокулони ман бубандад
Зи тори навдаҳои бед пӯпак.

Зи нав бо духтарони шӯхи деҳа
Бихонам ин тарона зери борон:
«Ҳамал, мӯи маро то соқи по соз,
Ҳамал, ҳусни маро бинмо дучандон…»

Кашам бар абрувонам усмаи тар,
Ҳино бандам зи нав як шаб ба дастон.
Зи барги лола бар худ курта дӯзам,
Сарандозам бигарданд обшорон.

Барад сабру қарорам боди густох,
Гулу сабза дилам бинмояд афсун.
Биёбам ҳусни нав аз навбаҳорон,
Шавад ҳусни баҳорон аз ман афзун…

## САРГУЗАШТ

Туро бар дигаре додам,
Туро ки ҷони ман будӣ.
Бале, ту андар ин дунё
Сару сомони ман будӣ.

Канорат хандаҳо кардам,
Канорат гиряҳо кардам.
Дар оғӯшат ғами дилро
Ба як бӯса раҳо кардам.

Баҳорон буду борон буд,
Шукуфон боғи армон буд,
Ду-се рӯзе зи гулхандам
Канори ту гулистон буд.

Вале гуфтам, фиреб аст ин,
Муҳаббат худ дигар бошад.
Аз ин сӯзандатар бошад,
Шарар бошад, шарар бошад!

Дилам гарчи туро мехост,
Дигар хандон нашуд рӯям.
Шудам ҷӯёи ишқи нав,
Варо то ҳол меҷӯям.

## ИНТИЗОР

Ба рӯи ёлаҳо гулҳо шукуфтанд,
Зи нав шуд деҳаи ман лолазорон.
Чаро андар замини хотири ту
Гули ёдам наруст аз оби борон?

Шудам бас интизорат рӯзу шабҳо,
Туро ҷустам зи гулҳои баҳорӣ,
Ба рӯи деҳ парасту бол мезад,
Ту, эй ошиқ, куҷо парвоз дорӣ?

Ба дастонам ҳино бастам чу оташ,
Маҳинтар бофтам чилкокуламро.
Китобатро чу рози хеш хондам,
Бидидам ман аз он рӯи гуламро.

Зи боғи мо парастуҳо париданд,
Дареғо, аз кафам ранги ҳино рафт,
Дилам сарду тиҳӣ шуд чун зимистон,
Хаёли дурпарвозам куҷо рафт?

Гирифтам роҳи саҳро бо китобат,
Ҳама шеъри туро аз нав бихондам,
Гули худрӯй чидам даста-даста,
Миёни ҳар варақ як гул бимондам.

## САД АХТАР ГАР ШУМОРӢ ТУ

«Сад ахтар гар шуморӣ ту,
Биёбӣ бахти хеш охир».
Зи аҷдод аст чун мерос
Ба мо ин ҳикмат, эй шоир!
Тамоми шаб накардам хоб,
Нигоҳи ман бичид ахтар.
Вале ин дам зи дуродур
Садо омад: «Аё духтар,
Чӣ меҷӯӣ ту бахти хеш
Зи байни ахтару маҳтоб?
Агар ҷӯяндаи бахтӣ,
Варо андар замин дарёб!»

## ШОИР

Беканор аст ин сипеҳр,
Роздор аст ин ҷаҳон,
Ту кадомӣ, кистӣ,
Остон ё осмон?

Ишқу илҳому ҷунун
Дар дилу дар ҷони туст,
Давлати ту, моли ту
Сурати сомони туст.

Дар дили ҳар духтаре
Ёфтӣ ту ҳусни нав,
Борҳо дар роҳи ишқ
Мондаӣ дилро гарав.

Рафт гарчи, рафт, рафт
Молу ному обрӯй,
Лек ишқат ёфтӣ,
Эй ту марди ишқҷӯй?

Духтаре оё бихонд
Орзу, омоли ту?
Духтаре оё бигашт
Ҳампару ҳамболи ту?

## АБРИ БЕОБРӮ

Обрӯяшро ҳама рехт абри гирён рӯи хок,
З-оби рӯяш пахтаю гандум баромад сӯ ба сӯ,
Обрӯи марди деҳқон то ба гардун қад кашид,
Коғазе дар дасти бод аст абраки беобрӯ…

## СУРУДЕ БАРОИ БАРФ

Бихоҳам барф бошам, з-осмонҳо
Бирезам ман,
бирезам ман,
бирезам,
Мисоли кафтарони раста аз банд
Зи гардунҳо гурезам ман, гурезам.
Бихоҳам барф бошам, аз сафедӣ
Табиат оядам бар пойбӯсӣ.
Барои мӯсафеду пирзанҳо
Биёрам аз дигар ёди арӯсӣ…

## ХОНАИ АРӮС

Бӯи мушку бӯи ҳинно мекунад
Хонаи чун бӯстони наварӯс,
Лолаи боғу чаман бишкуфтааст
Бар дару бар остони наварӯс.

Нур пошад офтоби сӯзанӣ,
Бод карда пардаҳоро беқарор,
Аз дару девор ояд то кунун
Созҳои рӯҳбахши «Ёр-ёр».

Чун навои резаборон форам аст
Ҳарфҳои ноздори наварӯс,
Хам шавад гар, мерасад то бар замин
Кокули марғуладори наварӯс.

Ишқ ин ҷо подшоҳи хона аст,
Ҳусн ин ҷо, лутф ин ҷо посбон.
Хурд не, як олами афсона аст,
Рӯзи барф асту баҳори ҷовидон.

## МАНЗАРА

Духтаре омад ба об,
Кӯзаи рангин ба даст.
Омаду бо сад хаёл
Дар лаби дарё нишаст.

Дар дили дарё бидид
Шӯълаафшон ахтарон.
Моҳ масту оббоз
Дар дили оби равон.

Духтарак гарми хаёл
Кӯзаро бар об зад.
Кӯзаи рангини ӯ
Бар рухи маҳтоб зад…

## ЧУН ЁРИ МАНӢ ТУ

Эй поктарин мард,
Бебоктарин мард.
Бе туст замин сахт,
Бе туст дилам сард.

Аз коргаҳи худ
Чун дер расӣ гоҳ.
Сад сӯзани шубҳа
Бар дил бихалад, оҳ!

Гургон тала созанд
Гӯё ки дили ман.
Торик шавад низ
Ин олами равшан.

Як рӯз набошӣ,
Тифлам бикунад ғаш.
Ман хона нарӯбам,
Маъюсу мушавваш.

Чун ёри манӣ ту,
Дилгир нагардам.
Ҳамроҳи ту ҳаргиз
Ман пир нагардам.

## МАН ГИРЯ МЕКУНАМ

Ман гиря мекунам
Бе ашку бе фиғон
Аз дарди хештан,
Аз дарди дигарон.

Дар кунҷи хонам
Танҳо нишастаам.
Паймони ошиқӣ
Кайҳо шикастаам.

Мурғи умеди ман
Аз ман ниҳуфтааст.
Мӯи сапеди ман
Дар сар шукуфтааст.

Имрӯз дар ҷабин
Ожанг дидаам.
Рӯю нигоҳи худ
Беранг дидаам.

Ман гиря мекунам
Аз бахти хуфтаам,
Чун тир дар дил аст
Сатри нагуфтаам.

Ман гиря мекунам
Бе ашку бе фиғон,
То коғазу қалам
Оянд бар забон.

## ПИРЗАН

Ду дасти бемадору пайкари ларзон,
Нигини зангбаста зеби ангуштон.
Нигоҳи хастаю беоташу камбин,
Лаби хушк аз шарори бӯсаи пешин.

Шабеҳи ҳайкали носуфтаву беранг,
Ки шогирде тарошида ба вақти танг.
Ғубори гарди роҳи умр дар домон,
Туро дар рӯ ба рӯ дидам, ало, эй зан.

Бигӯ, аз чӣ парида ранги лабҳоят,
Дағал гашта чаро дастони зебоят?
Магар ҳаст ин ҳамон ҳусне, ки дар пешин
Ҷавоне дод қалби роздон кобин?

Куҷо шуд ҳусни беҳамто, куҷо шуд он?
Нигинат кӯҳна шуд аз чӣ дар ангуштон?
Шарори дидагони ту чаро хомӯш,
Кадом Аҳримане аз ту рабуд он ҷӯш?

Куҷо кардӣ баҳори бехазонатро?
Куҷо кардӣ, бигӯ, сӯзи ниҳонатро?..
Ба ман гӯӣ, ҷавониям нарафт арзон,
Варо чун ганҷ бахшидам ба фарзандон…

## ДУХТАРИ ТОҶИК

Ман ба дунё омадам, то бозгӯям рози худ,
Дар диёри кӯҳсорам сар диҳам овози худ.
Баъди тӯли қарнҳое то шиносам хешро,
То биёбам аз замини пир ман оғози худ.

Аз ҷаҳон гумроҳ рафта дар гузашта хоҳарам,
Духтари тоҷикро ҳам чун матое нарх буд.
Аз қазову аз қадар як умр домангир ӯ,
Ҷони ӯ андар азобу рӯзгораш талх буд.

Гиря кард аз қисматаш ӯ он қадар ҳам зор-зор,
Хоки бобоӣ бигардид аз сиришке шӯразор.
Хира меомад ба гӯш аз кӯҳсорони хамӯш
Гаҳ нидои қалби Барно, гаҳ фиғони Гулъузор.

Лек рӯзе духтари тоҷик омад бар ғазаб,
Чодараш аз сар фиканду зери сад пора кард.
Пуштипо зад чашмбанду чашми бадбинон кушод,
Душманашро ин сафар ӯ музтару бечора кард…

Ман ҳамон ҳамфикри он Майрамбию Сайрамбиям,
Бар вуҷуд аз дурри ноби илм зевар кардаам.
То ки ҳусни сирату сурат баробар кардаам,
Дар дили худ борҳо исёни дигар кардаам.

Баски тифли инқилобам, кам нагардад ҳеҷ гоҳ,
Сарбаланду тозаву дилкаш бимонам то абад,
Гар диёрам шуд мунаввар аз шарори дидаам,
Духтари оташ будам, оташ бимонам то абад!

## БАРФИ КИНА

Ту ба ман чӣ додаӣ
Ҷуз азобу ғуссаҳо?
Ман туро бахшидаам
Бӯсаҳову бӯсаҳо.

Эй худои ишқи ман
Баҳри озорам макӯш.
Бо ғурури нозарур
Ин қадар зорам макуш.

Ман намегӯям туро,
Бӯсаҳои ман бидеҳ,
Ё дилатро ҳамчу себ
Рӯи кафҳоям бинеҳ.

Дил бихоҳад гӯиям:
«Не, марав, бо ман бимон,
Ман надорам ҳамдиле
Ғайри ту андар ҷаҳон».

Нарм гардад баъд аз ин
Дил даруни синаам.
Об гардад он замон
Барфи сарди кинаам.

## ИЗҲОРИ ИШҚ

Дар зиндагӣ гарон аст
Бе ту нафас кашидан,
Худро чу кафтари ром
Андар қафас кашидан.

Озод мешавам кай
Аз чорчӯби дилгир?
Сӯи ту мегурезам
Аз ҳалқабанди тақдир.

Сӯи ту мегурезам
Аз ҳарзаҳои мардум.
Олам, бимон, бигӯяд
Ошиқмиҷозу раҳгум.

Бе ту наметавон зист
Дар ин ҷаҳони беранг.
Аз ин хаёли сангин
Беҳтар, ки дил шавад санг.

Аз рӯҳи худ ҷудоям
Ҳамчун тани тиҳиҷон.
Рӯҳам ҳамеша бо ту,
Рӯҳам ҳамеша сарсон.

Ҳар лаҳза дар раҳи ту
Ман чашминтизорам.
Чун ёсуман шукуфтам,
Боз о ту бар канорам.

## ШАВҚУ ШӮРАМ ДЕҲ, ХУДОЁ…

Пойбасти ҳалқаи андешаҳо,
Бар каму беши касе корам набуд,
Маскани ман аз мағал андар канор,
Ғайри шеъру дафтаре ёрам набуд.

Хостам, то худ шавам тақдирсоз,
Дар хаёлам олами нав сохтам.
Оламе мисли фасона дилфиреб,
Ман ба дунёи навам дил бохтам.

Дар ҷаҳони нобу рангини хаёл
Шоду ғамгин роҳ паймудам басе.
Лек андар кӯчаи андешаҳо
Вонахӯрдам, вонахӯрдам бо касе.

Лек як шаб ҷастам аз ҷоям чу тир,
Аз нидоҳои дилам хобам парид.
Дил бигуфто: кай шавӣ аз худ раҳо,
Гаштаӣ худро ғуломи зархарид…

Шавқу шӯрам деҳ, Худоё, шавқу шӯр,
Орӣ аз беҳолию шармандагӣ.
Бо хурӯшу бо нидою бо ҷунун
Шӯр дорад дар дили ман зиндагӣ.

## ШАТРАНҶ

Зи нав шатранҷ мебозем бо ҳам,
Ризо ҳастам зи бозӣ мисли пешин.
Туро то моту дилро шод созам,
Ту фарзинат гузорӣ пеши фарзин.

Набардорам вале фарзинат аз роҳ,
Намехоҳам бигардам муфт пирӯз…
Миёни мо, чи хуш, шатранҷбозӣ
Дуранг итмом ёбад боз имрӯз.

Ҳамеша байни мо, эй меҳрубон ёр,
Дуранг итмоми ҳар бозист… ҳайҳот.
Вале дар зиндагӣ бо ҳукми тақдир
Яке пирӯз гардад, дигаре мот.

## ДИЛ ГУВОҲӢ МЕДИҲАД…

Дил гувоҳӣ медиҳад, эй меҳрубон,
Дар замират дӯст медорӣ маро.
Гарчи хуфта байни мо роҳи дароз,
Кай шавӣ аз банди ишқи ман раҳо?

Чун бубинӣ духтаре монанди ман,
Дил биларзад андаруни синаат.
Яккаю танҳо равию раҳбараҳ
Ёд орӣ ҳамдами деринаат.

Меравӣ, эй меҳрубон, бо ёди ман,
Меравам ман ҳам зи раҳ бо ёди ту.
Дар назар меоварам бори дигар
Шомгоҳон чеҳраи ношоди ту.

Баъди сад оворагӣ дар кӯю дар
Боз гардам хаста сӯи манзилам.
Гарчи мемонам қадам бар остон
Сӯи ту пар мезанад мурғи дилам.

## ҚАДАМҶОИ ВАҚТ

Соатамро чаппагардон мекунам,
То набинам ман шитоби вақтро.
Гӯшҳоямро ҳамепӯшам ба каф,
Нашнавам шояд хитоби вақтро.

Ту гурезонӣ чаро, эй вақт, вақт,
Розҳое дар дилам ногуфта аст.
Дар ҳисори сабзу ободи дилам
Орзу чун шоҳдухтар хуфтааст.

Пойкӯбон меравӣ, эй вақт, вақт,
Гӯиё қалбам қадамҷои ту аст.
«Так-так»-и соат биларзонад маро,
«Так-так»-и он шарфаи пои ту аст.

## ҚИСМАТ

Қисматам шамшербозӣ мекунад,
Бесипар мондам миёни размгоҳ.
Дил намехоҳад шавад таслим лек,
Гарчи монд ӯ бесилоҳу бепаноҳ.

Қисматам чун лашкари ғоратгарон
Ҳамлаҳо орад маро худ бехабар.
Оҳ, метарсам аз ин ҷангу ҷидол
Чанд бо қисмат бигардам сар ба сар?

Қисмато! Устоди беҳамтои ман,
Имтиҳону интиқомат бешумор.
Аз чӣ бар ман кина дорӣ ин қадар,
Аз чӣ рӯ хоҳӣ, бигирям зор-зор?

Аз чӣ мехоҳӣ ғururамро зи бун
Бишканӣ чун шохаи сабзи чинор?
Дӯстӣ ё душманӣ, нашнохтам,
Кистӣ, эй қисмати носозгор?

Қисмато! Бас имтиҳонам кардаӣ,
Давлати бебандагӣ хоҳам зи ту.
Бигзар, охир, аз сари аҳволи ман,
Зинда ҳастам, зиндагӣ хоҳам зи ту.

## ЗАБОНИ ХОМӮШӢ

Хомӯшии пургуфтугӯст
Хомӯшии лабҳои ту.
Сар то ба по ман гӯшу ҳуш,
Сар то ба по шайдои ту.

Гоҳе зи сад фарёду оҳ,
Гоҳе зи сад ҳарфу ҳиҷо
Хомӯш будан беҳтар аст,
Ганҷест хомӯшии мо.

Ҳар як нигоҳи гарми ту
Сад достон дорад ниҳон.
Гӯянд асрори дилат
Чашмони ту бо сад забон.

Хомӯшият пургуфтугӯст,
Хомӯш бош андар барам.
Аз сад дурӯғи бефурӯғ
Ганҷи хамӯшӣ парварам.

## ХАЗИНА

Нисфи шаб аз дидаҳо хобам парид,
Кафтари хобам чаро аз ман рамид?
Хоб рафту сад хаёл омад ба сар,
Мурғи хобам то куҷоҳо пар кашид?

Як садо омад ба гӯшам ногаҳон:
Зуд бархез аз канори бистарат,
Эй басо шуд хомаи ту интизор,
Пок бинмо чанги рӯи дафтарат.

Қалъаи худро магар бурдӣ зи ёд?
Боғзори чун биҳиштат ёд бод.
Зору дилхун дар сари хоки падар
Гиряҳои бесиришкат ёд бод.

Нестӣ оне, ки дар шабҳои тор
Дида сӯи осмон медӯхтӣ?
Дарк карда дарди беноме гаҳе,
Дар ғаму андӯҳи дил месӯхтӣ?

Карда пинҳон андаруни кӯзае
Чун хазина ғуссаҳои кӯдакӣ,
Ту набудӣ аз раҳи пурнури деҳ
Раҳ гирифтӣ сӯи роҳи зиндагӣ?

Кӯзаат пинҳон ба зери хоки деҳ,
То ба кай пинҳон бимонад рози дил?
То нагӯяндат, ки ту бедавлатӣ,
Аз даҳони кӯза гир он сангу гил.

Нисфи шаб аз дидаҳо хобам парид,
Бистару болин маро аз санг буд.
Дар дили бедори ман то субҳи нав
Аз барои нангу номам ҷанг буд.

## РОҲИ МАН

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Аз сахои қисмати худ бонасиб.
Аз хатои ногаҳонӣ дар азоб,
Аз ғаму андӯҳи ботин дар шикеб.

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Панди модар бар сарам як соябон.
Аз шамолу селборону тагарг
З-ин сабаб ҳастам ҳамеша дар амон.

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Кӯлбори шодию ғамҳо ба дӯш,
Гарчи бори ман гаронӣ мекунад,
Мекунам хуш хештанро бо хурӯш.

Ман равон ҳастам ба роҳи хештан,
Роҳи ман роҳи дилу роҳи вафост.
Бар дилам андар шаби сарду сиёҳ
Меҳри ёрон чун чароғи раҳнамост.

## МЕЪРОҶИ ШОИР

*Л*оиқ асло бар ситоишҳои кас мӯҳтоҷ нест,
Ҳеҷ касро боли ҷуръат то ба ин меъроҷ нест,
Дар ҷаҳони шеър *Л*оиқ марди соҳибтоҷ буд,
Мисли ӯ дар шеър алъон марди соҳибтоҷ нест.

## БАҲОРИ ПАРВОЗ

Баҳори коғазӣ рафту баҳори ростин омад,
Парастуи фирориям ба рақси остин омад.
Гули коғаз намехоҳам, ки лабхандаш дурӯғин аст,
Гули маҳ дар само хандон, гули раҳ дар замин омад.

## ХОҲАРОН

***Барои Ҳалима ва Ҳабиба***

Се тори пуртарона, се шамъи хона будем,
Наврӯзи тифлии мо дар кӯҳҳо гузашта.
Тифлӣ вале чу шадда дар байни сабзаҳо рехт,
Тифлии мо куҷо шуд, аз пеши мо гузашта?

Истора аз баландӣ бас чашмакӣ ҳамезад,
Модаркалони доно дастону қисса мегуфт.
Мерафт хоб аз чашм дар изтиробу ташвиш,
К-он Меҳри оламоро дар тирагӣ куҷо хуфт?

Бар чашм чун фасона метофт Қалъаи мо,
Моро хабар набудӣ аз Бокую зи Ҷамбул.
Чилкокулу ҷамолак гесӯи пӯпаки мо,
Худ аҳли деҳа моро мегуфт дастаи гул.

Бо орзую омол аз ҷои хеш рафтем,
Ҳайҳот, дастаи гул аз ҳам ҷудо-ҷудо шуд,
Аз нури чашми ҳар як кошонае мунаввар,
Тифлӣ вале чу нақде аз дасти мо раҳо шуд…

Се тори пуртарона, се шамъи хона будем,
Се кафтари раманда, се лолаи шукуфон,
Имрӯз қосид орад бар номи модари пир
Се нома аз се шаҳри пурнури Тоҷикистон.

## ДЕҲА

Ту мепурсӣ маро аз деҳаи ман,
Биё, тасвир созам сурати он,
Шунав аз сабзаю хораш ҳикоят,
Ки медонам варо ман беҳтар аз ҷон.

Саҳаргоҳон ба фарёди хурӯсон
Бихезад деҳ чу як дилпоку дилсоф,
Шавад пур, чун зи бӯи деҳаи ман,
Ба бӯи шири навдӯшида атроф.

Ба дӯшаш кӯза меояд саҳаргоҳ
Хиромон бар сари сарчашма духтар,
Чу ошиқ рӯ ба рӯяш мебарояд
Зи пушти қуллаҳо хуршеди ховар…

Набошад деҳае чун деҳаи ман,
Биёю худ бубин, гар боварат нест.
Вале, эй ҷони ман, нодиданат беҳ,
Диле гар чун дили ман дар барат нест!

## СУРУДИ ДУХТАР

Зиндагӣ бо номи ман оғоз шуд,
Қуфли дарҳои накӯӣ боз шуд.
Дастҳо бо номи ман ахтар гирифт,
Ҳар сари мӯ соҳиби эъҷоз шуд.

Кӯҳро бо номи ман Фарҳод канд,
Бандҳои қуллааш аз ҳам фиканд.
Қайс ҳам бо номи ман Маҷнун бишуд,
Аз ҷаҳон омад биёбонаш писанд.

Чун баҳорон гаштаам ман хандарез,
Банд-банди шоирон шуд нолахез.
Дилбари номеҳрубонам гуфтаанд,
Меҳрубонам чун насими мушкбез!

## МУАММО

Шавӣ ҳар лаҳзае дигар,
Пур аз розу муаммоӣ,
Ту безебию зебоӣ,
Ту нодорию дороӣ.

Чу «Шаҳнома» туро, эй мард,
Басе оҳиста бояд хонд.
Зи розат то шавам огоҳ,
Туро пайваста бояд хонд.

Туро омӯхтан душвор,
Намедонам, чи инсонӣ,
Даме бе ту маро марг аст,
Даме бо ту пушаймонӣ...

## МИЁНИ МОВУ ТУ…

Миёни мову ту кӯҳу биёбон,
Миёни мову ту дарё равон аст.
Миёни мову ту сад расму оин
Чу девори баланди ноаён аст.

Миёни мову ту паймонаву май,
Миёни мову ту шеъру суруд аст.
Миёни мову ту, оҳ, ин ҷудоӣ
Чу уқёнуси кайҳон беҳудуд аст.

Миёни мову ту роҳи ҳавоӣ,
Миёни мову ту роҳи қатора,
Миёни мову ту дар тирагиҳо
Битобад гоҳ-гоҳе як ситора…

## ФАРЗАНДТАЛАБ

Фалак, ӯро дигар ҳаргиз маёзор,
Барои ӯ ту фарзанде ато кун.
Намон, аз қисматаш навмед гардад,
Варо аз панҷаи ғурбат раҳо кун.

Зани покизаю некӯманиш ӯст,
Фаришта дар ниҳодаш хона дорад.
Бигардад мӯпарешону хаёлӣ,
Агарчи рӯнамою шона дорад.

Чу бинад кӯдакони дӯстрӯро,
Намегунҷад дигар дар кӯчаи шаҳр.
Зи ранҷи модарон огоҳ бошад,
Ки он хуштар бувад аз роҳати даҳр.

Ниҳоли бесамар будан нахоҳад,
Зи умри беасаррафта чӣ ҳосил?
Гаҳе шоми дилаш равшан нагардад,
Зибас нуре надорад ҳеҷ дар дил.

Фалак, ӯро ту фарзанде ато кун,
Бувад ӯ зор, зори рӯи фарзанд.
Ба молу сими дунё дил набандад,
Талабгор аст як фарзанди дилбанд.

Варо даркор як фарзанди дилбанд,
Ки бо дунё дилаш пайванд гардад.
Шавад огаҳ, к-аз ӯ монад нишоне,
Зи хешу ин ҷаҳон хурсанд гардад.

## ГУФТУГӮ

Ҳамчу мурғи ломаконе
Дасти ман рӯи кафат хуфт.
Розҳои синаатро
Дасти гармат бесухан гуфт.

## НИЁИШ

Шунидам, дар намози аср момоям
Ҳамекард илтиҷо бар меҳри оламгир:
Даме фарёди пиронро шунав, эй меҳр,
Ҷаҳонро мушкиле бошад, бигӯ тадбир.

Агарчи партави гармат равонбахш аст,
Басо хушкондаӣ дар даҳр дарёро.
Вале дар пеши нури обсӯзи ту
Чаро ҷорист то ҳол ашки одамҳо?

## ГӮРИ МУАЗЗАМА

Барги хазон,
Барги хазон,
Рӯпӯши зарди рӯи гӯр.
Чун номае ҳар баргро
Бод оварад аз роҳи дур.

Ин номаҳои зардро
Асло намехонӣ дигар.
Байни варақҳои китоб
Барге намемонӣ дигар.

Эй духтари афсонаҳо,
Афсонаи ту ҷонгудоз.
Кӯтоҳ умрат барқвор,
Афсонаҳои ту дароз.

Ҳайфо, барои тифли худ
Ширин нахондӣ аллае,
Дасти аҷал рӯзе рабуд
Аз мо туро бе ҳилае.

Эй соҳиби аспи сафед,
Аспат туро чун бод бурд.
Аз бистари оҳар куҷо,
Аз арсаи эҷод бурд.

Дилдодаи шоҳи сухан,
Афтодаи роҳи сухан,
Номи ту мемонад яқин
Дар қалби огоҳи сухан…

Барги хазон,
                    Барги хазон
Тобад чу авроқи пареш,
Бар гӯри ту оварда бод
Авроқи бесомони хеш.

## НАМЕРАНҶАМ

Ту дурӣ аз ҷаҳони шеър,
Ҷаҳони ман намедонӣ.
Дареғо, аз китоби дил
Ғазалҳоям намехонӣ.

Ало бегонаи ашъор,
Зи шӯрам бехабар ҳастӣ.
Канори чашмаю дарё
Чаро бе бору бар ҳастӣ?

Дар ин дунё барои ту
Манам чун гул, манам чун бод,
Аён бинӣ маро имрӯз,
Вале фардо барӣ аз ёд.

Ало фарзанди кӯҳистон,
Накардӣ кашф чун ганҷам,
Нахондӣ дафтару девон,
Зи ту ҳаргиз намеранҷам.

## БОРОНИ ШАБ

Рехт борон қатра-қатра то саҳар,
Рехт борон аз дигар, боз аз дигар.
Аз сари раҳ шуста нақши пои ёр,
Рехт борон аз дили ман бехабар.

Ёд овардам зи нав андоми ту,
Чеҳраи ту, хандаи ту, номи ту.
Буд, эй ҷон, гиряи борон дурӯғ
Ҳамчу лофу ваъдаҳои хоми ту.

Шишаи хомӯшӣ аз нав пора шуд,
Нағмаи борон даромад хонаам,
Аз навои дилкашу ларзони ӯ
Ларза омад бар дару кошонаам.

Хест овоз аз дару деворҳо,
Хонаам шуд як замон афсонаҷо.
Ногаҳ овози ту бар гӯшам расид:
«Аз дилу ҷон дӯст медорам туро.

Дӯст медорам туро аз ҷону дил
На барои қомати раънои ту,
Бал барои сирати зебои ту,
Ҷуфти ман бошад дили танҳои ту...»

Баҳри ман дигар набуд ҷои нишаст,
Мондам аз ҳасрат сарамро рӯи даст.
Омад ово аз ниҳонгоҳи дилам:
«Кош, борон, нағмаат мегашт паст!»

Лек борон, бехабар аз ранҷи ман,
Бо навои хештан овора буд,
Бар дили ман то саҳар нохун бизад,
Худ ҳам ӯ ё ошиқи бечора буд?

## ЧАШМИ ВИҶДОН

Ғайри ду чашмон –
Чашми чапу рост,
Як чашми дигар
Дар ботини мост.

Дорад гурӯҳе
Ин чашмро пок,
Пошад гурӯҳе
Ин чашмро хок.

## ХОҲИШ

Чаро хоҳӣ маро хомӯш кардан
Ба ин танқиду ин таҳдидат охир?
Маро зодаст шоир модари ман,
Бимирам оқибат рӯзе чу шоир.

Бирав!
Зинҳор машкан шохи сабзам,
Ки Зулф аз нав чу барги зуф нарӯяд,
Ҳама шеъре, ки мехоҳам бигӯям,
Пас аз ман шоири дигар нагӯяд.

## МАН ХАМӮШАМ...

Ман туро, ту хештанро мепарастӣ,
Ман хамӯшам, ту суханро мепарастӣ.
Кай садоям мерасад, эй ҷон, агар ту
Нағмаи мурғи чаманро мепарастӣ.

Худпарастӣ, ошиқи номи баландӣ,
Обрӯю номи худро пойбандӣ.
Қуллаҷӯӣ, кӯҳдоман кай писандӣ?
«Шодбош»-и анҷуманро мепарастӣ.

Гарчи ҳоло ошиқам ман бар нигоҳат,
Сад қасам бар шӯълаи чашми сиёҳат,
Бигзарам аз ҳар хатою ҳар гуноҳат,
Гар ба ҷои ман Ватанро мепарастӣ.

## РОҲИ ДИЛ

Ту бароям як ҷаҳони сӯзу соз,
Ман бароят кистам, ман кистам?
Гар наорам қалби мағрурат ба даст,
Пас, чаро дар рӯи дунё зистам?

Дил бихоҳад, дил кушоям пеши ту:
Эй азизам, ман дигар ҳастам, дигар.
То бубинӣ сиратам, бешу камам,
Сӯи ман ту бо нигоҳи дил нигар.

Кистам? Як зан, зи Ҳавво насли ман,
Ҳамчу мӯе гоҳ мепечам зи рашк,
Нози тифлӣ бар дилам бегона нест,
Гоҳ хандам, гоҳ аз ғам резам ашк.

Зулфаму аз боди саргардони ишқ
Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон гаштаам.
Додаам дил аз камоли содагӣ,
Гоҳ хушдил, гаҳ пушаймон гаштаам.

Озмудам, озмудам ман туро,
Лек накшодам муаммои дилат,
Ман намедонам, ба ин бечуръатӣ
Кай кушоям раҳ ба дунёи дилат?

## «МУМУ»

Қиссаи «Муму» бихондам чун шабе,
Гиря кардам зор рӯи бистарам.
Пеши чашмам олами нав боз шуд,
Гашт тар болинам аз чашми тарам.

Қиссаи пурғуссаи як марди лол
Бар забон овард эҳсоси маро.
Ман ба сатри содаю носуфтае
Кардам он дам рӯи коғазро сиё.

Аз вафодории Муму шеъри нав
Гашт берун аз дили абгори ман.
Гиряам дар он макон овоза шуд,
Духтаре хандид лек аз кори ман.

Чун бихонам қиссаи «Муму» ҳанӯз,
Мешаванд аз раҳм чашмонам пуроб.
«Ханда зад бар ҳолам он духтар чаро?» –
Монд дар дил ин суолам беҷавоб.

## ХАЁЛ

Ман ҳама шаб аз кафи поки фалак
Мекашам истора бар тори хаёл.
Дар кафи уммеди ман бо номи шеър
Шаддае монад дар охир, эҳтимол…

## ТОҶИ СИМИН

Тоҷи симин бар сарам,
Шохаи заррини моҳ,
Чида бандам ахтарон
Бар хами зулфи сиёҳ.

Реза-реза, зардгул,
Хубу рахшон ахтарон.
Дасти ман бар маҳдшаб,
Байтҳоям бар забон…

## ИНҚИЛОБИ ДИЛ

Аз сабри худ тоқатшикан,
Ман интизори инқилоб.
Кайҳо дили гармам гувоҳ,
Ҳастам хумори инқилоб.

Он инқилобе, ки зи худ
Дилро дигар созад, дигар.
Эҳсоси сарду хуфтае
Рӯзе шавад бедортар.

Ман интизори таркишам,
Ман интизори инқилоб.
К-ин дил кай исён мекунад,
Кай шӯру тӯфон мекунад?

Гар дил маро исён кунад,
Таъбам ғазалхон мешавад.
Аз лолаҳои қалби ман
Дафтар гулафшон мешавад.

## ДАР ИН ГӮША…

Дар ин гӯша на ёрею на коре,
Ба ёди рӯи ту осудаам ман.
Дар ин гӯша зи танҳоӣ намурдам,
Аҷаб, бо сабру тоқат будаам ман.

Дар ин гӯша ҳама овораи хеш,
Зи кору бори ман касро хабар нест.
Ба кӣ гӯям ғамам, чун духтаронро
Ба ғайр аз курта савдое ба сар нест?!

Дар ин гӯша ду-се зан аз қафоям
Маро як духтари девона гуфтанд.
Китобу шеър гашта обу нонаш,
Куҷо ёди либосу хона гуфтанд.

Дар ин гӯша китоби шеърҳоят
Ҳамеша роздону ҳамдами ман.
Ту чун як шоири овозадорӣ,
Куҷо донӣ сиришти ман, ғами ман?…

Ту, эй ёри хаёли бехудиҳо,
Биё боре, баҳорон ё зимистон.
Бубахш ин гӯшаро шӯру шароре
Ба чашмони сиёҳу шӯълаафшон.

## ГАҲВОРАИ ШЕЪР

***Тақдим ба Институти адабиёти ба номи Горкий***

Мисоли ту биноеро надидам,
Ки бунёдаш саропо шеър бошад.
Намегардӣ фаромӯшам ту ҳаргиз,
Намедонам, туро чӣ сеҳр бошад!

Маро дар ёд монд он рӯзи борон,
Ҳамон як лаҳза ки тарсону ларзон
Дарат беҷуръатона боз кардам,
Бароят қиссае оғоз кардам:

Ало, эй манзилу гаҳвораи шеър,
Ба сӯят омадам аз деҳаи дур.
Намегӯям бубахшам кунҷи ором,
Намегӯям маро бинмой машҳур.

Зи деҳ ҳастам, табиат модари ман,
Ба хору сабзаҳо ҳамроҳ рустам.
Бишустам рӯи худ бо шири маҳтоб,
Ба хоку санги деҳа меҳр бастам.

Бароям мурғакону обшорон
Бихонданд аллаҳо бо лафзи ширин.
Нахустин шоире, ки дидаам ман,
Табиат буд бо эъҷози рангин.

Табиат бо ҳама ҳусни фусункор
Диламро изтиробу оташ андохт.
Қалам доду даруни синаи ман
Ҳазорон шӯълаҳои саркаш андохт.

Маро ту обу тоби дигаре деҳ,
Даруни кӯраат бигдоз имрӯз.
Чӣ сон гӯям ҳадисамро ба дафтар? –
Ба ман роҳу тариқи гуфтан омӯз.

Бигӯ бешу ками ҳар сатри шеърам,
Бигӯ дар гуфтаҳоям чӣ хатоҳост.
Бигардад рӯд ҳам беҳуда ҷорӣ,
Насозияш ҳидоят бар раҳи рост…

Бигуфтам розаму хомӯш гаштам,
Вале борон ҳамоно рехтан дошт.
Ту гӯӣ, қатраҳои панду ҳикмат
Ба болои сари ман бехтан дошт:

«Ба мулки шоирӣ гар ту равонӣ,
Ҷаҳони пок бояд, фикри бедор.
Ба мулки шоирӣ гар ту равонӣ,
Ҳамебояд туро покиза пиндор.

## ШОХБОРОН

Навои рез-рези шохборон
Занад нохун ба сетори дили ман.
Намерехт ашки чашмам дона-дона,
Намерафтӣ агар аз манзили ман.

Ситезон мавҷҳо, дарё ситезон,
Гурезон мавҷҳо, дарё гурезон.
Ҳамебудӣ ту гар андар канорам,
Магар дардам ҳамегуфтам ба борон?

Кушода боли заррин, ҷуфт бо ҷуфт,
Ба ҳар сӯ мурғакон парвоз доранд.
Ҳавас кардам ба мурғони сарозод,
Ки бо худ ҳамдаму ҳамроз доранд.

Гули себарга хандон, лола хандон,
Ман аз себаргаҳо гулдаста бастам.
Ту худ андар канори ман набошӣ,
Ба кӣ охир диҳам гулҳои дастам?

Навои рез-рези шохборон
Занад нохун ба сетори дили ман.
Сари роҳат зи нав чун гул бирӯям,
Зи нав ой агар бар манзили ман.

## СИМИ ХАМӮШӢ

Ҳамеҷӯям ба худ зевар ман аз сими хамӯшиҳо,
Ки бинмоям сарафрозӣ ба пеши ёри зоҳирбин.
Ҳама суратпарастанду сабуксору сабӯсират,
Намебинад нигоҳе олами покизаи рангин.

Ҳамехоҳам биёроям ба зевар сурати худро
Чу ҳиндудухтари ороста гоҳе зи рӯи ноз.
Ало, заргар,
                ба ҳайрат ор оламро чу пайғамбар,
Ту аз сими хамӯшиҳо маро перояе пардоз.

## АРЧАИ СИЯҲПИР

Барфи сапед омад чун лашкари Муқаннаъ,
Дар пеши чашм пӯшид олам сапедҷома,
Хомӯш мондаву зор дар шохаи сапедор
Зоғи сиёҳҷома, зоғи сиёҳнома.

Дар лаҳзае сиёҳӣ гум гашт дар сафедӣ,
Таслим сар ба сар шуд олам ба ҳукми тақдир.
Бо кӯҳнаҷома монда аммо канори деҳа
Як беди жандапӯшу як арчаи сияҳпир.

## АФСОНАИ МАН

Ба худ болида бар гӯшам бигуфтӣ,
Зи ишқат беқарорам, эй гули ман.
Аз ин умри равон нақде ғанимат,
Биё андар канорам, эй гули ман.

Маро гуфтӣ, ало, эй содаи ман,
Чӣ меҷӯӣ зи олам ишқи ҷовид?
Муҳаббат ҷовидонӣ дар китоб аст,
Дар олам ишқро кӣ ҷовидон дид?..

Вале ман зиндаам бо ишқи як мард,
Маро ин ошиқӣ девона карда.
Хаёли ӯ, хумори дидани ӯ
Маро аз дигарон бегона карда.

Дили ман метапад дар синаи ӯ,
Дили ӯ метапад дар синаи ман.
Шудам дар ошиқӣ афсонаи ӯ,
Бишуд дар ошиқӣ афсонаи ман.

## ДИЛИ БЕҒУБОР

Аз барору нобарориҳои умр
Худ ба худ гаҳ талх механдам зи дард.
Эй дили ман, эй дили исёнгарам,
Обу тоби нав биҷӯ андар набард.

Дидаӣ дар зиндагӣ озорҳо
Аз ману аз орзуҳоям басе,
Лаб фурӯ бурдӣ даруни синаам,
Нашнавад то ногаҳон оҳат касе.

Дар дили хомӯши шаб бедор гоҳ,
Кардаам бо ту басе баҳсу талош.
Гуфтаам гоҳе туро: осуда шав,
Гуфтаам гоҳе туро: шӯрида бош!

Лек бар ту, эй вафопарвар, дило,
Ман надидастам хиёнатро раво.
Дастгират гаштаам бе тарсу бим
Зери чархи беамон, дар ҳар куҷо.

Ман туро, эй ҳамдами озодаам,
Борҳо бинмудаам ҳифз аз хатар.
Кардамат ҳифз аз фиребу макру фанд,
Бурдамат аз ҳар балое дуртар.

То равам аз манзили ноозмуд,
Сар задам дар бешаи андешае.
Ҳеҷ гоҳе лафзи худ нашкастаам,
Нашканӣ то худ мисоли шишае.

Гарчи меоранд гаҳ андар забон:
Ҳусни зан аз куртаю аз зевар аст,
Аз зару зевар маро, эй дил, бидон,
Поку беғаш буданат авлотар аст!

## ҲАСБИ ҲОЛ

Анкабути фикри торик
Мехазад дар пайкари ман.
Ашк резам дар ғами мулк,
Тифли ашкам ёвари ман.

Муштипар гаштам, дареғо,
Сӯхт оё шаҳпари ман?
Мурғи илҳомам куҷо рафт,
Дар чунин рӯз аз сари ман?

Мурдаҳоро дида, мурдам,
Чун тапад дил дар бари ман?
Дар ҳарос аз ҷони фарзанд
Мӯпарешон хоҳари ман.

Бехабар мондам зи ҳуснам
Дар куҷо ангуштари ман?
Як зани нозофаринам,
Ку ақиқу анбари ман?

Хира гашта дар самоҳо
Аз чӣ нури ахтари ман?
Тоҷикистонам ягона,
Нест мулки дигари ман!

Баҳри мулки ман чӣ монад
Аз ҳаёти бесари ман?
Тоҷикистон, модари ҷон,
Ҳадяам – шеъри тари ман.

*Соли 1991*

## ДАРЁ ВА ЗАН

Бале, дарё шабеҳи зан бувад зебо,
Бале, дарё шабеҳи зан диле дорад.
Зи ҷонат дӯст дорӣ гар ту дарёро,
Туро ҳам ӯ зи ҷонаш дӯст медорад.

Вале ман дар шарори рашк месӯзам,
Чаро дарё туро девона бинмудаст?
Дилатро чун парии обие бурда,
Маро дар чашми ту бегона бинмудаст.

Агар дарё хурӯшон асту ҷӯшон аст,
Магар шӯрам ба шӯри он намеарзад?
Бигӯ, охир, ки дарё ҳар гаҳат бинад,
Чу ман аз шавқи дидори ту меларзад?

Агар дар сина дарё гавҳаре дорад
Ва мавҷи бесару бозигаре дорад.
Магӯ ӯро чу зан зебо, ало дилдор,
Магар ганҷе зи ишқам бартарӣ дорад?

## РӮЗИ НАҲСБОР

Гурги ваҳшӣ ҷисми ҳамҷинсони худро кай дарад?
Шер кай садпора созад пайкари шери дигар?
Лек тоҷик аз гулӯи додари ҳамхун гирифт,
Рехт тоҷик аз ҷаҳолат хуни фарзанди падар.

Вой бар мо, ин чи рӯзи наҳсбори зиндагист?
Вой бар мо, нанги миллат мефишорад рӯҳро.
Шармсору нописанди ду ҷаҳон тоҷик шуд,
Ё зи нав овард Яздон обхези Нӯҳро?

Мурдаҳои бекафан шуд луқмаи зоғу заған,
Чашмҳои модаронро мисли чоҳе кофтанд.
Дар нигоҳи духтару зан деви ваҳшат ҷо гирифт,
Чок карда батни модар, тифлакаш партофтанд.

Ай бародар, ҷони хоҳар, ту чаро бархостӣ
Бо силоҳе рағми халқи дардманди хештан?
Ай бародар, ҷони хоҳар, пас кият афсун бикард,
Хуни додар рехтӣ дар хоки ободи Ватан?

Тахту Ҷоми Ҷам наярзад қатрахуни зиндаро,
Меравем охир замоне мо ҳама зери замин.
Оваҳ, оваҳ, аз алам сад бор хоҳад мурд дил,
Мефитад гар ахтаре рахшанда аз чархи барин.

*Соли 1992*

## РОҲҲО

Роҳҳои бешумор,
Роҳҳо чун ресмон.
Роҳи дил дур асту лек
Як қадам то осмон.

Ҳар касеро қисмате,
Ҳар касеро қиматест.
Қисмати мо – роҳи мо,
Роҳи мо худ қисматест.

Ҳаст роҳе, бехато
Сӯи манзил мебарад.
Аз диле маҳри равон
Боз бар дил мебарад.

Ҳаст роҳе печ-печ,
Ибтидояш ноаён.
Чун муаммои чигил,
Интиҳояш ноаён.

Зери чатри осмон
Ҳар касеро як раҳест.
Одами гумроҳ ҳаст,
Одами бероҳ нест.

## ВИДОЪ

Не, намеранҷам зи кори қисматам,
Ҳар чӣ ояд рӯ ба рӯ, гӯям накӯ.
Будаӣ дилро қарин, имрӯз лек
Меравӣ дур аз барам чун орзӯ.

Эй дубома кафтари ман, зуд бош,
Ишқи нав андар сари раҳ интизор.
Бо туаш ӯ, кош гардад шодком,
Кош бо ӯ низ гардӣ комгор.

Сарбаландам бо ҳама афтодагӣ,
Зиндаам ман бо ҳама озор, ёр.
Гар шукуфта як баҳорам то ҳанӯз,
Боз дорам ношукуфта сад баҳор.

## ДУХТАРИ САРБОЗ

Нахустин бор тифли ман «падар» гуфт
«Падар» гуфт ӯ... Чӣ афсуну чӣ овоз!
Бишуд тифли азизи ман сухангӯ,
Падар, аммо варо имрӯз сарбоз.

Зи рӯи ширбӯяш бӯса кардам,
Варо гуфтам: падар меояд, эй ҷон.
Дурахшон ахтаре андар кулоҳаш
Бигардад ворид аз дар шоду хандон.

Нахустин бор тифли ман «падар» гуфт,
Дилам ночор беҳолона ларзид.
Ба чашмам рӯзи равшан тираву тор,
Дару деворҳои хона ларзид...

Замину осмон шуд гардолуд,
Садои тиру тӯп омад ба гӯшам.
Каломи ҷонгудози «ҷанг» бар лаб,
Бирафт аз ҷисм ҷону ақлу ҳушам.

Задам аз банди дил фарёд: не, не,
Мабод он лаҳзае, ки сар занад ҷанг.
Шавад оғушта бар хунаш лаине,
Варо форам расад гар ҷангоҳанг.

Мабодо тифлакон имдод ҷӯянд,
«Падар» гӯянду дар ҳасрат биноланд.
Падарҳо ҷои тифлон бар сари китф
Силоҳи сарду оташрез монанд.

Дилам хоҳад, ки фарзанди азизам
Бинозад аз муҳаббатҳои ширин.
Нишинад рӯи китфи рустамона
Бихонад дар дилаш бар ҷанг нафрин.

## ҚАДРИ ИНСОН

Қадр мебояд, бале, ҳар одами озодро,
З-ӯ бувад дар зиндагӣ оғози ҳар эъҷози нав.
Қадр мебояд, бале, ҳар одами бебокро,
З-ӯ бувад дар осмони зиндагӣ парвози нав.

Чунки инсони тавоно аз ҳама боло бувад,
Андар ин дунёи користон яке дунё бувад.
Кам набинед ин ҳама андешаҳояш бесабаб,
Бо хаёли ҳафтрангаш одамӣ зебо бувад.

Ӯ агар парвоз хоҳад сӯи ахтарҳои дур,
Болҳои орзуяш бо адоват нашканед.
Соғари қалбаш бувад лабрез аз меҳру вафо,
Шишаи қалби варо бо санги тӯҳмат нашканед.

Пешпоӣ гар хурад дар шоҳроҳи зиндагӣ,
Даст гиредаш, зи нав бархезад афтода зи ҷой.
Он мабодо, то варо бар варта андозед боз,
Пуралам нолад зи танҳоӣ ба кунҷе ҳой-ҳой.

Қадр мебояд, бале, ҳар одами озодро,
Ғолиб ояд ақли солим то ба ҳирси молу зар.
Қадр мебояд, бале, ҳар одами бебокро,
Умр бинад мисли инсон насли фардои башар.

# БИҲИШТИ СУХАН

## БИҲИШТИ СУХАН

*(Дар ҳошияи достони Шайх Аттор*
*«Робиъа – духтари Каъб»)*

Чу хондам саргузашти талхи шоир,
Хаёлам рафт сӯи Балхи шоир.

Чаро аҳли дилу ҷон ранҷ доранд,
Агарчи ганҷи ҷону дил биёранд?

Чаро равшандилон беэҳтироманд,
Суханширин, валекин талхкоманд?

Ало, эй духтари Каъб, эй сухангӯ,
Рухат моҳ асту сунбул ҳар ду гесӯ.

Ба шеърат оламеро маст кардӣ,
Ғуломи бенишонро ҳаст кардӣ.

Бигӯ, алъон сароғози раҳеро,
Чаро бурданд нурафзо маҳеро?

Чаро гулро ба зери по фишурданд,
Чаро савсан бар оташдон супурданд?

Чаро ишқи сазоворат ҷазо шуд,
Саманди бахт аз чангат раҳо шуд?

Туро гармоба бурданд, эй ҷигархун,
Ки охир ғарқ шуд гармоба дар хун.

Миёни шеъру ишқу хуну оташ
Бишуд бар осмон овози дилкаш:

«Ало, эй душманони шеъру афкор,
Ман аз ҷаҳли шумо афтода, абгор.

Ҷавоби ҳар сухан таҳқир омад,
Агар шеъре сурудам, тир омад.

Чашидам ништари озор бисёр,
Яке ҳастам, вале ағёр бисёр.

Русуми куштани одам раво нест,
Дареғо, кинадоронро даво нест.

Шумо, эй зодагони деви манҳус,
Магӯед аз паям сад оҳу афсӯс.

Супурдам неку бадро бар Худованд,
Маро бо ӯ бувад подор пайванд…»

Чу афтодӣ, сухан аз тахт афтод,
Раҳо аз ҷилди тан шуд рӯҳи озод.

Чаманзори ғазалҳоят шукуфтанд,
Ҳама рози ниҳонатро бигуфтанд.

## ДАР ОРОМГОҲИ АЛЛОМА ИҚБОЛ

Шоири дардошно, эй Зиндарӯд,[1]
Бар ту аз рӯди дилам бодо дуруд!

Роздони сирати асрор ту,
Гавҳари пурмояи афкор ту.

Мӯ ба мӯ бикшодаӣ гесӯи Шарқ,
Аз ту афзуд обрӯи рӯи Шарқ.

Армуғонам дарду доғи миллат аст,
Шамъи ангуштам чароғи миллат аст.

Лолаи Тур – ин дили қулзуми хун,
Ифтитоҳе, илтифоте, зӯфунун.

Рӯҳи волоят бигардад додрас,
Шарқ гирад кош осуда нафас.

Мазҳаби ту – мазҳаби одамгарӣ,
Лол монда пеши ту деву парӣ.

Панди ту ҳамвазни Тӯмори Аҷам,[2]
Хишти ҳарфат гашт девори Аҷам.

---

[1] Зиндарӯд – тахаллуси Муҳаммад Иқбол.
[2] Ишора ба «Авасто».

«Осиё як пайкари обу гил аст,
Миллати афғон дар он пайкар дил аст.

Аз фасоди ӯ фасоди Осиё,
Дар кушоди ӯ кушоди Осиё». [1]

Осиёро бояд алъон шустушӯ,
То наафтад дар фасоди худ фурӯ.

То нагардад тӯъмаи чоҳи фасод,
Пурсам аз рӯҳи ту ман роҳи кушод.

Як назар афкан ба ман, эй рӯҳи пок,
Мисли сабза сар барорам то зи хок.

Кош гардам сахтҷону сахткӯш,
Тоб орам ҳам ба нешу ҳам ба нӯш.

Бар забон орам ғами қавми кухан,
Бо сухан гӯям ғаму дарди Ватан.

Хаста гаштам аз ҷидолу ҷангҳо,
Аз ғиреви ҷумла бефарҳангҳо.

Мерасад бар гӯш бонги нашъаманд,
Эътирози ақл мегардад баланд.

Шеър шуд андар гулӯям мушти дард,
Мекунам бо хештан умре набард.

---

[1] Мисраъҳо аз Иқбол.

Шоиро, сарманшаи найранг кист?
Тарҳрези саҳнаҳои ҷанг кист?

Аз чӣ рӯзе кишварам пурдуд шуд,
Одамони бегунаҳ нобуд шуд?

Тоҷикистон, сарзамини пурзиё
Аз чӣ шуд бозигаҳи макру риё?

Дар шигифтам, оҳ, дар кори худӣ,
Посухе ҷӯям зи «Асрори худӣ».[1]

Сад гираҳ андар забон афтодааст,
Ахтарам аз осмон афтодааст.

Илтифоте, шоири дардошно,
Дарди моро ту бишав мушкилкушо…

Ашкрезон нола кардам ҳой-ҳой
Дар мазори орифи мушкилкушой.

Рӯҳи ӯ худ ногаҳон омад падид,
Рӯҳро кас андар он сурат надид.

Бар сухан омад лаби Донои Роз:
Бохабар ҳастам аз ин шебу фароз.

---

[1] «Асрори худӣ» – асари Иқбол.

Дарди халқат – дарди ночои маҳал,
Аз маҳалбозон диёрат пурмағал.

Тухми кинро дасти нопоки адӯ
Кишт карда дар дили халқи накӯ.

Дарди миллат аз «туву ман» омада,
Ин вабо бо дасти душман омада.

Ҳар кучо дарди маҳал шуд дар хуруч,
Он макон монд аз камолот, аз уруч.

Роз гуфт он рӯҳи воло рафт, рафт,
Омад аз арш ӯ, ба боло рафт, рафт.

Ман бимондам дар мазораш ашкрез,
Бо худу бо ин ҷаҳон андар ситез.

Аз қафои рӯҳи покаш тохтам,
Хештанро рӯи хок андохтам.

Ӯ ба сӯи осмон парвоз кард,
Ман бимондам бо дили лабрези дард.

*Лоҳур-Исломобод-Душанбе, с. 1998*

## АФСОНАИ ЗАН

Қисса буду ҳам набуд,
Як зани фарзона буд.

Чеҳра мисли моҳтоб,
Гесувонаш тоб-тоб.

Абрувон байти ғазал,
Ҳарф не, дар лаб асал.

Марди майдон ҳамсараш,
Шабнами гул духтараш.

Се бунафша дар бараш,
Роздону ёвараш.

Номи некаш Гулпарӣ,
Лол пеши ӯ парӣ.

Чун сиришташ соф буд,
Чашмае шаффоф буд.

Дур аз макру ҳасад,
Бехабар аз деву дад.

Ҳар касеро ёр гуфт,
Кай баду ағёр гуфт?

Лек рӯзе аз қазо
Ӯ ба ғам шуд мубтало.

Дилситоне аз занон
Бурд симашро ниҳон.

Гулпарӣ – он фазлҷӯ
Гуфт бо зан рӯ ба рӯ:

Пеши як дил, дилбарак
Зар нашуд болотарак…

* * *

Рӯзҳо рафтанд боз,
Рӯзҳои бениёз.

Боз ногаҳ аз қазо
Монд зан андар бало.

Ҳамдаме мижгонсиёҳ
Шавҳарашро зад зи роҳ.

Лек зан хомӯш буд,
Бори ғам бар дӯш буд.

Сӯхт танҳо, сӯхт ӯ,
Сӯхтан омӯхт ӯ.

Пурғаму дилсард шуд,
Шеър ӯро дард шуд.

Рӯзҳо рафтанд боз,
Рӯзҳои бениёз.

Боз рӯзе аз қазо
Ӯ ба ғам шуд мубтало.

Ҳамдаму ҳамсоғараш
Бурд бо худ дафтараш,

Дар ғазал машҳур шуд,
Пурмағал мағрур шуд…

* * *

Гулпарӣ хобаш парид,
Хандааш шуд нопадид.

Аз алам ошуфт зан,
Дардҳо баргуфт зан:

– Ин чӣ ҳол, эй осмон,
Эй Худои роздон?

Ҳамнишине аз барам
Бурд зебу зеварам.

Сеҳргар, ҳам ишвагар,
Шавҳарам бурд аз назар.

Ҳамнишине мубтазал
Бурда авроқи ғазал.

Ҳо, бале, дар рӯзгор
Боз ёбам гӯшвор.

Бозгардад ёр зор,
Бо садои «ёр-ёр».

Шеър гӯям дилписанд,
Шӯй аз ман дил наканд.

Дӯстон, эй дӯстон,
Дӯстони хушзабон,

Ваҳ, дилам озурдаед,
Эътиқодам бурдаед.

Худ матоъу сим чист?
Метавон бе сим зист!

Лек охир одамин
Чун зияд андар замин

Бехудоию эътиқод?
Беҳтараш ин дам мабод!

Худ куҷоӣ, эътиқод?
Бесадоӣ, эътиқод…

* * *

Чун шунид овози зан,
Саргузашту рози зан,

Аз дар омад духтараш,
Мисли нуре дар бараш.

Покгавҳар, покзод,
Ном ӯро Эътиқод.

## ТОҶИК НАШУД САРХАМ

Эй шеъри зи дил рафта, бар лонаи худ баргард,
Шодӣ, чи ниҳон гаштӣ? Боз ой, гурезад дард.

Эй хомаи маҳзунам, тӯфони дигар ангез,
Эй рӯҳи аламдида, бо лашкари ғам бистез.

Раҳгумзада анбӯҳе аз кӯҳу адир омад,
Кин аз пайи кин омад, тир аз пайи тир омад.

Беёд садо кардам: ин аст чу тақдирам,
Дар пои Ватан афтам, дар пои Ватан мирам!

Дар рӯзи сиёҳ аз ту як лаҳза нагаштам дур,
Тар кард заминатро селобаи ашки шӯр.

Дар боғу чаман аз ғам сад буф ҳамегуфт «уф»,
Бастам, Ватано, захмат бо суф, гаҳе бо зуф...

Хуншор қабоятро бо ашк бишустам пок,
Ҳам ҷисми азизонат биспурда будам бар хок…

Имрӯз чаманзорат бо ҳусн рабояд чашм,
Дар кас чу намебинӣ на кину нишони хашм.

Тоҷик нашуд саргум, тоҷик нашуд сархам,
Тоҷик зи хеш афзуд, ҳаргиз нашуд аз худ кам.

Ин сулҳи гаронмоя бингар ту, аё олам,
Тоҷик бишуд соҳиб бо сабр ба ҷоми Ҷам.

## ИШҚРО БЕДОР БИНМО…

Ишқро бедор бинмо, ишқи хоболудро,
Мегузорам пеши рӯяш будро, нобудро.

Ишқро бедор бинмо, то биёяд навбаҳор,
Бишкуфад гулҳои қолӣ, бишкуфад гулҳои нор.

Баҳри ӯ хонам суруду шеъри пур аз розро,
Пеши пояш оварам атру сиришку нозро.

Ишқро бедор бинмо, сабза рӯяд дар замин,
Рӯд шӯрад, лола хандад, даҳр гардад нозанин.

Қатраи борон бирезад, об ояд сарнишеб,
Ханда омӯзад ба лабҳо шохаи хандони себ.

Ишқро бедор бинмо, оташ афрӯзад ба дил,
Дар вуҷудаш хуш навое, оят омӯзад ба дил.

Ишқро бедор бинмо, сар бубардорад баҳор,
Зинда гардад боз аз нав одами бар ишқ зор.

## ОҲАНГ

***Ба устод Мӯъмин Қаноат***

Туро бинам, ба гӯшам мерасад оҳанги кӯҳистон,
Аз он оҳанг дил гардад гаҳе хандон, гаҳе гирён.

Чи оҳанге, шавад аз нолаҳояш об ҳатто санг,
Бигӯӣ, резад он оҳанги хуш аз Яшту аз «Аржанг».

Бале, амвоҷи он оҳанг дар соҳил намегунҷад,
Дар ин дунё, дар ин дарё, дар ин манзил намегунҷад.

Вуҷуди ту, ало, устод, тори хуби Дарвоз аст,
Бигӯ, оҳанги ҳастиро куҷо анҷому оғоз аст?

Ҳама дарди замонҳоро дар ин оҳанг бишнидам,
Садои модаронро ҳам ба рағми ҷанг бишнидам.

Ҳама ғамҳои кӯҳистон ба як оҳанг ғун гашта,
Ҳазорон дарди бедармон туро сӯзи дарун гашта.

Туро бинам, расад бар гӯшам оҳанги дили пурхун,
В-аз он оҳанг меояд ғами садсолаҳо берун.

## БИҲИШТИ МАРД, ДӮЗАХИ ЗАН

Мард агар ошиқ шавад, олам гулистон мешавад,
Зан агар ошиқ шавад, охир пушаймон мешавад.

Мард агар ошиқ шавад, аз ишқ гирад обрӯ,
Зан агар ошиқ шавад, дар айб меафтад фурӯ.

Мард агар ошиқ шавад, дар нағма меояд ҳазор,
Зан агар ошиқ шавад, барфоб резад дар баҳор.

Мард агар ошиқ шавад, зарточ монад бар сараш,
Зан агар ошиқ шавад, аз шарм сӯзад пайкараш.

Мард агар ошиқ шавад, бахшад дуояш осмон,
Зан агар ошиқ шавад, нафрин кунандаш одамон.

Мард агар ошиқ шавад, дунё ҳамегардад биҳишт,
Зан агар ошиқ шавад, тобад чу деве бадсиришт…

## ГАНҶВАР

Аз миёни обу оташ, аз масири асрҳо
Армуғон овард ганҷаш халқи оташзоди мо.

Шоҳбайту қиссаю афсонаҳо дар махзанаш,
Армуғонаш бебаҳо, лаб нотавон дар гуфтанаш.

Лаҳни ӯ сози рубобу дилнавоз оҳангҳост,
Саҳнааш нақшу нигори сӯзании пурҷилост.

«Шашмақом» андар мақомаш ганҷи бодовард нест,
Зеру бам дорад, валекин зери хоку гард нест.

Хилқаташ якто бувад, ҳар ганҷро халқ оварад,
Офарин бар миллате, к-ӯ ганҷи дил меофарад.

Ёдгори халқи мо гоҳе ниҳон дар зери гил,
Аз лаби ҳар кӯзапора мерасад фарёди дил.

Хиштҳои Истаравшан чун китоби қиссагӯ,
Мекунам з-ин шаҳри армон хештанро ҷустуҷӯ.

Монд ном аз Ҳулбуку Суғду Ҳисори шодмон,
Кӯзапора роз гӯяд пеши мо бо сад забон.

Ёдгори халқи мо танҳо куҳандевор нест,
Рӯи олам халқи мо беному беосор нест.

Армуғони халқи тоҷик дар вуҷуди поки ӯст,
Дар замини ёдҳо чун сабзбоғе дар нумӯст.

Ҳифз бояд кард аз ҷон ёдгори халқро,
Кӯзае, хиште, китобе – шоҳкори халқро.

## АФСУНШУДА

Атри Порис мерасад аз ҷодаҳо,
Атр монду рафт ёри бевафо.

«Беҳтарин ту» – гуфта будам як замон,
Пас газидам аз пушаймонӣ лабон.

Ишқро изҳор кардам ман нахуст,
Сӯзу дарди ишқро ӯ кард руст.

Шаҳсувораш хондаму марди кабир,
Дар матонат гуфтам ӯро беназир.

Мисли афсунгашта мекардам нигоҳ,
Бурдамаш то моҳ, афтодам ба чоҳ.

Ман ба гирдоби ғам афтодам фурӯ,
Ӯ гирифт аз рӯди ишқам обрӯ.

Ман зи ишқаш сархаму андӯҳбор,
Ёр аммо сарбаланду бовиқор.

Омадам аз ёри худкомам ба дод,
Ҳарзабодаш додам андар дасти бод.

Эй хушо, имрӯз он таъсир нест,
Ишқ ҳаргиз таънаву таҳқир нест!

Марди мардон камшумор андар замин,
Мегурезам, мешавам узлатнишин…

## ҲАРЗАБОД

Эй, ки бурдӣ дил зи ман бо ҳарзабод,
Ёд бод, аз ишқи пинҳон, ёд бод!

Мекунӣ бо ҳарзабод афсунгарӣ,
Одамӣ тобад аз он мисли парӣ.

Дил дигар, дастон дигар, инсон дигар,
Гил дигар, ҳосил дигар, армон дигар.

Оҳ, аз ин садрангии ту хастаам,
Меравам, лекин туро дил бастаам.

Меравам, дар гунаам ашкам равон,
Ҳарзабоду фанди ту дарди ниҳон.

Лӯъбате ман нестам! Ман кистам?
Муддате дар банди афсун зистам.

Ҷинси занро паст гуфтӣ, паст, паст,
Ҷоми дил афтод аз дастам, шикаст.

Беҳушу бехуд равам аз кӯчаҳо,
Кай шавам аз ҳарзабоди ту раҳо?

## ЯК ЗАНЕВУ ОРЗУҲО

Як заневу орзуҳо,
Рӯи роҳаш санги хоро.

Дар баландӣ орзуяш,
Аз қафо фарзанду шӯяш.

Санг медорад зи роҳаш,
Чун рақиби кинахоҳаш

Зан ба он дастони беҳол
Мезанад бар санг ханҷол.

Панҷааш олуда бо хун,
Бо ғамаш дорад шабохун.

Мекушояд роҳ он зан
Аз миёни кӯю барзан…

## ДИЛИ УРЁН

Барги хурмо мефитад аз шохсор,
Нола дорад барги маҳзун зор-зор.

Тирамоҳи умри худ оварда ёд,
Мебарам ман даст бар домони бод.

Эй Худо, ман духти гардун будаам,
Кай чунин озурда, дилхун будаам?

Сарбаланду дилсапеду содарӯ,
Меҳрбахшу меҳрубону меҳрҷӯ.

Ногаҳон садпора шуд оинаам…
Тӯҳмат омад бар дили бекинаам…

Шохаурён, эй дарахти бовиқор,
Гар парида мурғи барг аз шохсор,

Шикваҳо манмо зи боди раҳгузар,
Сабз гардӣ дар баҳорон аз дигар.

Кай шифо ёбад валекин ҷони ман,
Захмҳои ин дили урёни ман?

Зор менолам, касе ҳамдард нест,
Зор менолам басе, ҳамдард нест!

Оҳ, дард аз хеш дурам мебарад,
Сӯи гӯрам, сӯи гӯрам мебарад.

Сӯи гардунҳо ман аз нав мепарам
Пеши Зуҳра – хоҳари ҷонпарварам.

## АРЗИ СИПОС БА МОМО ҲАВВО

Шаддаи марҷони ман аз ашки туст,
Ҳам ҳиною вусмаам дар ашк руст.

Ашки ту сарчашмаи ҳусни расост,
Духтарат бо ашкзевар хушнамост.

Дур бинмудӣ падарро аз биҳишт,
Менамоӣ з-ин сабаб гоҳе ту зишт.

Ман зи тӯҳматҳо халосат мекунам,
Аз сипосам арзи хосат мекунам.

Он қадарҳо ашки сӯзон рехтӣ,
Аз ду чашмат дурру марҷон рехтӣ.

Пурсадам ҳар кас, ки марҷон аз куҷост?
Гӯям аз Ҳавво бувад, к-ӯ моми мост.

## СОЛИ НАЗМУ СОЛИ БАЗМ

Соли нав, эй ганҷи ноб, эй бебаҳо,
Ҷилваи сидқу таманною вафо.

Соли парвози баланди орзу,
Дар вуҷудат аз чаманҳо рангу бӯ.

Соли ёде аз ҷаҳони Ориё,
Саҷда бар рӯҳу равони Ориё.

Соли ҷашну боздиду анҷуман,
Ҷилваи гулҳои рангин дар чаман.

Соли ҷашни хуррам истиқлоли мо,
Менамояд бахт истиқболи мо.

Зодрӯзи шаҳри Кӯлобу Саразм,
Соли шодӣ, соли назму соли базм.

Соли гандум, соли пахта, соли об,
Соли атлас, ҳам чакан, ҳам офтоб.

Сохтмони Сангтӯда дар назар,
Ранҷи Анзобу раҳаш дар пушти сар.

Сохтмони Роғшаҳру боғшаҳр,
Раҳ ба сӯи баҳри Ҳинду сӯи даҳр.

Сохтмони ҳам пули зебои Панҷ,
Меҳр подоши азобу дастранҷ.

Соли кашфи ахтарони ноаён,
Равнақу шеъру суруду достон.

Чун Авасто нек будан дар ниҳод,
Кини дилро як ба як додан ба бод.

Соли рустан, сар баровардан зи хок,
Соли қалби поку соли дасти пок.

## ШЕЪР ДАР ЛАБ

Боз тӯҳмат, боз зарба, боз неш,
Дил зи теғи нотавонбин реш-реш.

Ҳар гаҳе гар лат хӯрам ман аз дурӯғ,
Мерасад бар ёд анҷоми Фурӯғ[1].

Робиа[2] ҳам рафт бо фарёдҳо,
Мерасонад оҳи Сапфо[3] бодҳо.

Ранҷи Анна[4] як ба як пеши назар,
Ас-Сабоҳ[5] исён кунад бори дигар.

Мерасад Макнунаи[6] ошиқ ба ёд,
Ӯ зи ранҷи қарни худ мегуфт дод.

Эй басо зан, хома дар дасташ бимурд,
Шеър дар лаб чун Нисое[7] ҷон супурд.

---

[1] Фурӯғ – шоираи Эрон.
[2] Робиа – шоираи тоҷик.
[3] Сапфо – шоираи Юнони қадим.
[4] Анна (Анна Ахматова) – шоираи рус.
[5] Ас-Сабоҳ – шоираи Араб.
[6] Макнуна – шоираи тоҷик.
[7] Нисо – шоираи тоҷик.

## ҒУНЧАИ БОДОМ

Гули бодом – пайғоми баҳорон,
Тасаллои дили уммедворон.

Чу ҳар гоҳе шавад бодом гулпӯш,
Дил аз ишқи ҷавонӣ мезанад ҷӯш.

Бихоҳам ҳамчу турна пар кушоям,
Парам бар сӯи боғи дилрабоям.

Нишинам дар таҳи бодоми гулрез,
Барӣ аз орзуи шӯҳрату чиз.

Чу як села кабӯтар бар лаби бом
Ба гесӯям нишинад барги бодом…

Табиатро чу бинам сабзу гулпӯш,
Ҳама ғамҳои дил гардад фаромӯш.

## ҚАСД

Гарчи мирам дар дили ту ин замон,
Меситонам қасди худро бегумон.

Гул кунам рӯзи баҳорон сар ба сар,
Хирмани оташ шавам бори дигар.

Кокулонам ҳалқаи сунбул шаванд,
Хандаҳоям дона-дона гул шаванд.

Дилбариро то диҳам шӯри дигар,
Ман зи нур омӯзам афсуни ҳунар.

Аз насими субҳ шевотар шавам,
Аз гули бодом зеботар шавам.

Гарчи мирам дар дилат, эй бехабар,
Гул кунам андар баҳорон аз дигар!

## ГУРЕЗ

Ёро, бихон ту моро бар шаҳри офтобӣ,
Он ҷо, ки боғ дорад пероҳани гулобӣ.

Озурда аз басо неш, аз моҷарову ташвиш
Бигрезам аз ҳасуду дилмурдаву бадандеш.

Бигрезам аз хатоҳо, аз ҷабру аз ҷафоҳо,
Аз шаҳри бемурувват, аз шаҳри бевафоҳо.

Бигрезам аз нигоҳи сарду тиҳиву беғам,
Бигрезам аз вуҷуди аз меҳру аз вафо кам.

Бигрезам аз диёре, к-аз ӯ на меҳри ёрест,
Бигрезам аз баҳоре, к-аз ӯ маро ғуборест.

Гар нангу ор дорӣ, боре бихон ту моро,
Ман бо ту мегурезам то шаҳри орзуҳо.

## ҚАСАМ

Қасам ба рӯҳи Рӯдакӣ,
Ягонаӣ, ягонаӣ.
Ба чашми пурфасонаат
Чакомаӣ, таронаӣ.

Зи сеҳри ҳарфҳои ту
Шавад дилам зи нав ҷавон.
Ало, сурури қалби ман,
Ту ишқро зи дил марон.

Қасам ба рӯҳи Рӯдакӣ,
Набудаӣ зи қалб дур.
Зи ҳарфи ғамзудои ту
Гирифт рӯҳи ман сурур.

## ЧУҒЗ

Нола дорӣ ҳар нафас эй мурғи шаб,
Бо ғиреват ту чиҳо дорӣ талаб?

Чӣ садое дилхарошу ваҳмдор!
Метапад дил аз гумонҳо беқарор.

Сабру тоқат рафта, мепурсам зи худ:
«Раҳнигар модар магар бемор шуд?

Сел омад бар чамангоҳам магар,
Бурд он бузғолаю боғи падар?

Ногаҳон ё хонаи бобои ман
Гашт яксон рӯи хок? Эй вои ман!»

Чуғзи нодон, дар фиғон аз чистӣ?
Ё ту асло мурғи бадгӯ нестӣ?

Бесабаб мардум сиёҳат кардаанд,
Чуғз гуфта, пургуноҳат кардаанд?

## ДУХТАРИ ОМӮЗГОР

Духтари омӯзгори мактабам,
Худшиносӣ, худфурӯзӣ-матлабам,

Чун падар як умр буд омӯзгор,
Мактабе шуд аз бароям рӯзгор.

Ӯ чу буда ҳақталошу ҳақпараст,
Аз ҳақиқат бар гулӯям шадда баст.

Баски дар аҳдаш буд ӯ бас устувор,
Пандҳояшро бикардам гӯшвор.

Аз матои хушҷилои илму фан
Ҳадя овард ӯ қабо аз баҳри ман.

Шаддаҳои пурҷилоям-аз падар,
Гӯшвори бебаҳоям-аз падар,

Дар танам зарринқабоям-аз падар,
Давлати беинтиҳоям-аз падар...

Бе нигоҳат кай шукуфтам, эй падар,
Дар ҳақат аммо нагуфтам шеъри тар.

Армуғону ганҷи ту беинтиҳост,
Гӯямат гар камтар аз модар, хатост!

# ҲАФТ СИТОРА

# ИДИ АРӮСОН

## 1. ИДГОҲ

*Илҳом аз Иди арӯсони ноҳияи Ғончӣ,*
*ки ҳар сол дар оғози фасли баҳор баргузор мегардад.*

Пуштаҳои деҳаам
Сурху зангору сафед.
Дилнавозӣ мекунад
Савтҳои рӯзи ид.

Бонги карнай мерасад
Аз замин то осмон,
Мешавад пур аз фараҳ
Ҳар дилу ҳар хонадон.

Чун гули фасли баҳор
Наварӯсони хамӯш,
Ҳар яке бо ҳусни хеш
Мерабояд ақлу ҳуш.

Ҳамчунон, к-аз пушти абр
Рӯ намояд офтоб,
Мебарояд бар миён
Як арӯси бениқоб.

Мехиромад нарм-нарм,
Хушдил аз арғушти хеш,
Ҳамчу зулфи сабзи бед
Мешавад зулфаш париш.

Мебиёрад бӯи мушк
Кокули хушбӯи ӯ.
Кӯчаҳои деҳаам
Пур шавад аз атри мӯ.

Бо сарандозаш арӯс
Менамояд дилбарӣ,
Гӯӣ, инак, бар фалак
Мепарад мисли парӣ.

## 2. ГӮШТӢ

Марди пурдил, довхоҳу зӯрманд
Бо салобат пой мемонад ба пеш,
Аз назарҳо мешавад пинҳон вале
Буздиле аз тарсу бими ҷони хеш.

Мард ё номардро созад аён
Гӯштӣ – ин бозии бемакру фанд,
Ҳар касе афтод – афтад аз назар,
Ҳар касе афтонд – бошад сарбаланд.

Зери пошон бас ҳамеларзад замин
Аз талоши паҳлавонон ҳар замон.
Дар назар ҳар як мисоли Рустам аст,
Гашта берун аз масири достон.

Духтаре дуздида андозад назар
Бар талошу гирудори мардҳо.
Дасти гиро, бозуи сахт аз қазо,
Баҳри ёраш менамояд илтиҷо.

Ёри ӯ дар байни мардум номдор,
Номи ӯ шуд ҳар куҷо вирди забон,
Ӯ ҳарифи хеш афтонад зи по
Бори дигар бо ҳалуке ногаҳон.

Гарчи ёраш паҳлавон асту далер,
Гарчи пушташро надид асло замин,
Ӯ валекин дасту по гум мекунад,
Мешавад чун рӯ ба рӯ бо нозанин.

## 3. АТТОР

Айёми тифлӣ будаӣ
Моро шабеҳи сеҳргар.
Ҷодуи ту ҳоло чаро
Бар дил намесозад асар?

Лолои ту, марҷони ту
Чун ганҷи беҳамто бувад.
Овезаи арзони ту
Беҳ аз зари дунё бувад.

Хоҳам ба сеҳри панҷаат
Як лаҳза гардам некбахт,
Бо гӯшвору сӯзанак
Бо тоҷ шинам рӯи тахт.

Хоҳам, ки лабчангат харам,
Такрор созам ин наво:
«Эй лӯбиё, эй лӯбиё,
Э духтаро-ба шӯ биё…»

Хоҳам, зи ту аз нав харам,
Ё гӯшворе ё нигин,
Ҳар раҳгузар, гӯяд ба ман:
«Ваҳ кӯдаки нодона бин!…»

## ҲАФТ СИТОРА

*Аз назари қадимиён ҳафт ситора (ё сайёра) Зуҳал, Муштарӣ, Миррих, Шамс, Зуҳра, Аторуд ва Қамар вуҷуд доштанд.*

### 1. АХТАРИ НАҲС

*Яке намонд кунун з-он, ҳама бисуду бирехт,*
*Чӣ наҳс буд? Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд.*
*Рӯдакӣ*

Кист, охир, аз баландии фузун,
З-ошёни ҳафтуми гардун
Ҳукм меронад зи номи ҳазрати Яздон
Бар сари инсон?
Дар биёбони ғамободат чи шайтон аст,
Ахтари Кайвон,
Ахтари Кайвон?

Бар замин аз абрҳоят наҳсборон аст,
Наҳси жола бар замини лолазорон аст.

Кист он, ки бо нигоҳи сарду бепарво,
Бо хаёли зишт
Дар дили нарму ҳалими меҳрпарвар зодаи Ҳавво,
Андар ин хоки гуҳарзо
Заҳрогин тухмаи наҳсу балоро менамояд кишт?!
Ҳар куҷо ҳарф аз гуноҳу сифлаю офот мегӯянд,

Мегурезад додар аз додар,
Ошно аз дӯст.
Дар тани одам нигорин кисвати наҳс аст,
Доғаш оби ҳафт дарё ҳам нахоҳад шуст.

Ахтари наҳс, эй Зуҳал, зинҳор мехоҳам,
Даст бардор аз сари тифли парешонқисмату
равшандили одам,
Даст бардор аз замину боғу роғу чашмасоронаш,
Абри наҳсат то нагардад кисвати олам,
Ахтари наҳс, эй Зуҳал, зинҳор мехоҳам!...

## 2. НУРИ СУРУР

*Ҷуз толеи муборак аз Муштарӣ чӣ ёбӣ?*
*Ҷуз зарри нақди холис аз кони зар чӣ ояд?*
*Шамси Табрезӣ*

Эй Муштарӣ, эй Муштарӣ, эй ахтари аз мо баланд,
Дорам нигаҳ бар осмон, бурдӣ хаёламро баланд.
Аз дурҳо, аз дурҳо ояд зи ту нуру сафо,
Ҳис мекунам андар танам тобу ҳарорат аз само.
Ҳаргиз надонам ғуссаам аз осмон пайғоми кист,
Хушҳолиям аз фоли туст, эй нури дил, эй нури ҷон.
Номат рабуда ҳуши ман, эй Муштарӣ, афсунгарӣ,
Пайғамбарӣ, бахтоварӣ, аз ҳафт ахтар беҳтарӣ.
Бечорае, ғамхорае, ҳар бандаро исторае,
Аз ман бишав, эй Муштарӣ, бошад, ки ёбам чорае…

## 3. ТУРКИ ФАЛАК

*Биёвар май, ки натвон шуд зи макри осмон эмин*
*Ба лаъби Зӯҳраи чангию Миррихи силаҳшӯраш.*
*Хоҷа Ҳофиз*

Аз ошёни Миррих, аз осмони Миррих
Чун жола ногаҳонӣ фармони ҷанг омад.
Қудсошён фаришта бо амри нонавишта
Бо ғуссаи ниҳонӣ бо ҳоли танг омад.

Гуфтам варо: – Чаро боз овардаӣ балоро?
Хандид марди кайҳон, гуфт: – Эй вуҷуди сода,
Инсони «сулҳпарвар» дар роҳи аждари ҷанг
Дорад чаро ҳамора дарвозаро кушода?

Гуфтам: – Дилам шикаста аз ҷангу аз ҷидолаш,
Гуфт: – Одамӣ ҳамеша бе ҷанг нотавон аст.
Гуфтам: – Магӯ фасона, инсон гурезад аз ҷанг,
Хандид: – Ҷангу ҷӯшаш дар хуни ӯ ниҳон аст.

Ӯ рафту лол мондам пеши ҷаҳоннамоям,
Дар лаб ҳазор пурсиш, дар дил ҳазор фарёд.
Барфи сапед мерехт болои Кохи испед[1],
Мерехт бомбаборон аз осмони Бағдод…

[1] Кохи испед – Кохи президент дар Вашингтон дар назар аст.

## 4. ХУНЁГАРИ ГАРДУН

*Зи тори тараб Зӯҳра бигсаст чанг,*
*Ки бар мутрибон айш аз ӯ гашт танг.*
*Мавлоно Ҷомӣ*

Ало Зӯҳра,
Ало Зӯҳра –
Нигини халқаи гардун,
Туӣ истораи тобон,
Шуои пуштаю ҳомун.

Замоне будаӣ, охир,
Ту як дӯшизаи бебок.
Дилат нарму накӯхислат,
Ҳаёпарвар, шуҷоъу пок.

Вале дарди ниҳон рӯзе
Зи бедоди замон афзуд.
Набошӣ то дигар дар банд,
Бигуфтӣ бо замин падруд…

Нигоҳат пайкари шабро
Чу теғе мекунад пора.
Ҳамон афсонаи дерин,
Бигӯ, эй хоҳарам Зӯҳра!

## 5. МАСИРИ ОФТОБ

*Чун коинот ҷумла ба бӯи ту зиндаанд,*
*Эй офтоб, соя зи ман бармадор ҳам.*
*Хоҷа Ҳофиз*

Ҳар бандаи Худо бипазирад, кош,
Ойини офтобпарастиро.
Шояд зи нав ба дасти фаромӯшӣ
Бидҳем расми хобпарастиро?

Дар хоби ғафлатем, дареғо, мо
Аз офтоб нур намегирем.
Хуни фусурда дар тани мо ҷорист,
Мо баставу шикастаи занҷирем.

Ҳоло бар офтоб суҷуд орам,
Умре баробарист варо дархост.
Метарсам, офтоб зи мо ранҷад,
Бегонагӣ чаро ки шиори мост?

## 6. ДАБИРИ ОСМОН

*Тир монандаи дабир омад,*
*Муштарӣ хозину вазир омад.*
*Ҳаким Саноӣ*

Эй Аторуд, эй дабири осмон,
Эй дабири беназири осмон,
Ҳуш аз ман бурда рози коинот,
Қиссаи шебу фарози коинот.
Осмонро кӯра пиндорам сутург,
Одамӣ з-ин кӯра мегардад бузург.
Эй дабири некпайғоми фалак,
Хуш паёме мерасон мисли малак.
Заркалиде бар ҷаҳони роз бахш,
Ақлҳоро қудрати парвоз бахш.
Аз заминӣ зодаи кайҳон ҷудо,
Кай шавад дунёи онҳо якнаво?
Интизори роҳи кайҳонзодаем,
Мо дари дил дар раҳаш бикшодаем.
Бар ҳама кайҳониён пайғом деҳ,
Одамонро қудрату илҳом деҳ.

## 7. ЗАРАНДУД

*Оҳ аз ин зиштон, ки маҳрӯ менамоянд аз ниқоб,*
*Аз дарунсӯ моҳтобу аз бурунсӯ офтоб.*
*Шамси Табрезӣ*

Эй моҳи нав, эй моҳи нав,
Бар рӯи ман зарҳал давон.
Бо панҷаҳои нурбор
Бар мӯи ман зарҳал давон.

Аз осмон резад зароб
Бар ҷои шабнам ин саҳар,
То мӯ ба мӯ заррин шавам
Мисли ту, эй зарринкамар.

Суратгари соҳибҳунар,
Эй моҳи нав, эй моҳи нав,
Ҳамрозу дамсозам бишав,
Бо ноз аз нозам шунав.

Афтодаам аз чашми ёр
Бо чеҳраи берангубор,
Шояд, агар тобон шавам,
Ӯям бигардад ғамгусор!

Зарҳал бипош аз осмон,
Заррин шавад то дафтарам,
Заррин шавад гуфтори ман,
Заррин шавад то ахтарам.

## ПАНҶ ФАСЛИ РОҒУН

### 1. ЗИМИСТОН
***Зодрӯзи шаҳр***

Санг рӯи санг омад,
Хишт рӯи хишт омад,
Хонаҳо бунёд гаштанд,
Пуштаҳо — ҳамвор, ҳамвор,
Роҳҳо обод гаштанд.

Зарра-зарра,
Хона-хона,
Кӯча-кӯча
Шаҳр омад рӯи дунё.

Шаҳр омад рӯи дунё,
Не ба роҳи ҷодую афсунгарӣ,
Не ба имою дами ҷинну парӣ,
Не ба имдоди чароғи сеҳрнок,
Балки он бунёд шуд аз обу хок,
Бо мадори дастҳои пуртавон,
Бо талоши родмардони Камоли Ҳамсарӣ.

Шаҳр омад рӯи дунё
Дар зимистон, рӯзи сарду барфрез,
Мисли тифли орзӯ,
Дӯстрӯю гармрӯ.

Шуд ҳарири барфи нав чун парниён,
Модари Роғун бувад бас бахтёр,

Сарфароз аз бахти бедор
Бар дугоникҳои хушрӯз,
Ном дод он рӯзи фирӯз:
Шаҳрзоду Шаҳрёр.

Шаҳрёру Шаҳрзод
Шаҳрро доранд обод,
Шаҳрзоду Шаҳрёр
Шаҳрро гарданд ёр.

## 2. БАҲОР
***Арӯси сол***

Ҳаргиз маранҷ аз сохтмон
Эй фасли гулафшон, Баҳор!
Гар куртаат пургард шуд
Аз накбати гарду ғубор.

Ҳаргиз маранҷ, эй нозанин,
Гар бар рухат гарде нишаст,
Бар пешвозат ошиқе
Гулдаста гар ҳоло набаст.

Гар чеҳраи ҳар марду зан
Бинмоядат бемеҳру сард,
Гар духтари Роғун гулат
Зеби буногӯшаш накард.

То ҳиссае монад зи худ
Дар сохтмони Кохи нур,
Ин ҷо ҳама корозмо
Бо азму рӯҳи пурсурур.

Ин ҷо зи овози ҳазор
Овози «Зил» болотар аст.
Ларзад ба худ кӯҳу камар,
Ин ҷо «Камаз» гӯётар аст.

Ин ҷо ҳама саргарми кор,
То орзу бахшад самар.
З-ин рӯ бимонданд одамон
Аз бозгаштат бехабар.

Ҳаргиз маранҷ аз одамон,
Ҷонам, баҳори нозанин,
Болои дида ҷои ту,
Эй ҳамнаво, эй ҳамнишин!

## 3. ТОБИСТОН
### *Кӯдакистони «Юнга»*

«Юнга», «Юнга»[1],
Олами афсонаҳои дилфиреб.
«Юнга», «Юнга»,
Чун хаёли тифл хушрангу аҷиб.
«Юнга», «Юнга»,
Заврақе дар кӯҳсорони баланд[2]…

Завраќе ҳаст он, валекин баҳр нест,
Инчунин даргоҳи гарму нақшкор,

---

[1] «Юнга» — маллоҳи ҷавон.
[2] Тарҳи бинои кӯдакистон завраќро ба ёд меорад.

Инчунин девори пур аз рангу бор
Дар тамоми шаҳр нест.

Кӯдакистон завраќи афсонавист,
Андарунаш кӯдакони шодмон,
Ҳар яке дарёнаварди қаҳрамон,
Ҳар яке завраќсавори орзу.
Дар миёни баҳри софи бекарон
Ҳар яке дар хоби худ
Шаҳрро пурнур бинад,
Баҳрро аз дур бинад.

## 4. ТИРАМОҲ
### *Суруди ҷавонӣ*

*Ба бригадаи ҷавонон, ки Ҳабибулло Абдуллоев сарвари он аст.*

Аз одами нек
Боғе бимонад,
Аз одами бад
Доғе бимонад.

Аз меҳнати мо
Роғун нишон аст,
Чун бахти миллат
Роғун ҷавон аст.

Бар шаҳр бахшем
Мо зӯри худро,
Гармии қалби
Пуршӯри худро.

Вахши тавоно
Моро кунад гӯш,
Аз нав бишуд ром
Дарёи пурҷӯш.

Обу гили шаҳр
Обу гили мост…
Меҳраш ҳамеша
Андар дили мост.

Ҳар рӯзамон шуд
Сарфи «Ҷавонӣ»[1],
Ҳаргиз нагӯем
Ҳайфи ҷавонӣ.

## 5. ФАСЛИ ДӮСТӢ
***Мардумгиё***

Оваҳ, замин ҷунбид сахт
Як рӯз дар хоки Чаман.
Аз «қаҳри Яздон» дар гурез
Рафтанд аз деҳ марду зан.

Он деҳ саросар шуд хароб
Бобоназар танҳо бимонд.
Зоғи сиёҳи тарсро
Аз ошёни дил биронд.

[1] Кӯчаест дар Роғун.

Баҳри Назар хоки Чаман
Гардид гӯри ҳамсараш.
Хоки сияҳ бар ком бурд
Се кӯдаки ҷонпарвараш.

Бо ёди он пайвандҳо
Андар Чаман танҳо бимонд.
Ҳамдеҳагони рафтаро
Бобоназар вопас бихонд.

Дилмонда аммо аз Чаман,
Як кас ба манзил барнагашт.
Як боғи сабзи нозанин
Аз бекасӣ шуд дашту вашт.

Рӯзе ба ёди ӯ расид
Афсонае аз рафтагон.
«Мардумгиё» он ном дошт,
Мардумгиё-дармони ҷон.

Момокалон ин роз гуфт:
«З-он меҳри дил афзун шавад,
Бехаш биёбӣ гар, бидон,
Ҳар дил туро мафтун шавад».

Гуфто ки «бехи ин гиёҳ
Дар деҳ кунун мепарварам.
Бошад, зи нав бар зодгоҳ
Ҳамдеҳагонро оварам».

Ҳарчанд ҷуст он марди нек,
Мардумгиё пайдо накард.

Пас бо Чаман падруд гуфт
Гирён дилаш аз доғу дард…

Овозаи ГЭС-и бузург
Бар гӯши Бобо ҳам расид,
Гӯё ҷавонтар гашт ӯ
Аз ин хабар, аз ин навид.

Бобоназар садсола буд,
Пири бануру бобақо.
Мезист андар Роғдеҳ,
Дар ҳалқаи дилбандҳо.

Аз чор сӯ бар сохтмон
Дарёи мардум шуд равон.
Роғу Чаман карданд гул
Аз нури меҳри одамон.

Гуфто ба худ Бобоназар:
Ҷустам басе мардумгиё.
Мардумгиё худ ГЭС-и мост,
Мардум, биё, мардум, биё!

Мардумгиё худ ГЭС-и мост,
Он меҳрро афзун бикард,
Хурду калонро ғун бикард,
Роғи маро Роғун бикард.

Мардумгиё ин ГЭС-и мост,
Ин ГЭС-и мо мардумгиёст.
Аз меҳри мардум руста он,
З-ин рӯ ҳамеша пурзиёст.

# СИРИШКИ

# ЗАН

## ЧИСТ ЗЕБОӢ?

Ҳама дандони ӯ симин,
Сари ҳар тори мӯ симин,
Ҳама ангуштараш симин,
Гули пеши бараш симин,
Магар ин зан зани зебост?

Нахонд аммо китобе ӯ,
Бувад «фарзона»-ю пургӯ,
Кунад такрор тӯтивор
Ҳадис аз кӯчаю бозор,
Магар ин зан зани зебост?

Хиромон меравад аз роҳ,
Худашро дода бас оро,
Надорад тифли дунболаш,
Дареғо, кафш андар по,
Магар ин зан зани зебост?

Намудаш аз бурун барҷой,
Валекин сирааташ, эй вой,
Каму беши касон ҷӯяд,
Каму беши касон гӯяд,
Магар ин зан зани зебост?

Зи фардо ӯ наандешад,
Зи дунё ӯ наандешад,
Ҳамеша сурааташ олӣ,
Ҳамеша сирааташ холӣ,
Магар ин зан зани зебост?

## БОЛУ ПАР

Болу парам ту машкан,
Шохи тарам ту машкан,
Болу пари шикаста,
Шохи тари шикаста
Оё ба кор ояд?

Дар дил фасона дорам,
Шеъру тарона дорам,
Бар олами дили ман,
Эй ёри хушгили ман,
Бо чашми нек бингар.

Шабнам бувад чу тӯфон
Дар чашми мӯр, эй ҷон.
Дилро нигоҳи сарде,
Ҳарфи дурушти марде
Гирён кунад ба як дам.

Болу парам ту машкан,
Шохи тарам ту машкан,
Ҳоло ки навҷавонам,
Бояд тарона хонам,
Бишнав тарона, ҷонам!

## ИНСОН

Аз хандаҳои сохта,
Аз ҳарфҳои бофта,
Аз сардии дилҳои сард,
Аз чашму рӯи тофта
Рӯҳам азобе мекашад.

Аз фитнаҳои фитнагар,
Аз зарбаҳои пушти сар,
Аз ғайбату
макру фиреб,
Аз пандҳои беасар
Рӯҳам азобе мекашад.

Бинам нигоҳи сардро,
Як ҳилаи бедардро.
Бероҳаи номардро,
Чангу ғубору гардро,
Рӯҳам азобе мекашад.

Ман зиндаам,
ман одамам,
То зиндаам, бо оламам.
Гар дар ҷаҳони бешу кам
Розӣ зи хешу беғамам,
Рӯҳам азобе мекашад.

То макр ҳасту фанд ҳаст,
То одами бенанг ҳаст,
Байни баду неки ҷаҳон
То он замон, ки ҷанг ҳаст,
Рӯҳам азобе мекашад!

## ПАРВИНИ МАН

Гулхандаат дар ёд монд,
Дил пурғаму ношод монд.
Рафтӣ ту бар коми лаҳад,
Дар коми ман фарёд монд.

Парвини ман,
Парвини ман,
Эй духтари ширини ман.

Лоло будӣ, хокӣ шудӣ,
Аз ман будӣ, аз кӣ шудӣ?
Ё дар сари мижгони шаб
Ашки ҷилоноке шудӣ?

Парвини ман,
Парвини ман,
Эй духтари ширини ман.

Гаҳвораи нақшин бимонд,
Ангуштари заррин бимонд,
Сар мондӣ андар хоки сард,
Модар сари болин бимонд.

Парвини ман,
Парвини ман,
Эй духтари ширини ман.

Номат бигирам бар забон,
Сӯзанд мағзу устухон.
Духтар нагаштӣ дар барам,
Ахтар шудӣ дар осмон.

Парвини ман,
Парвини ман,
Эй духтари ширини ман.

## РӮДИ ВАХШ

Ҳамчун ҷавониям пур аз таронаӣ,
Ҳамчун ҷавониям ҳусни замонаӣ.

Ҳар дам ту дар ситез, ҳар дам ту дар гурез,
Розе ниҳуфтаӣ оё ту дар дилат?

Мавҷат чу панҷае, аз чист, рӯзу шаб
Силӣ занад фақат бар рӯи соҳилат?

Бо хеш дар ситез, аз хеш дар гурез,
Осуда нестӣ аз худ ту як замон.

Эй Вахши номдор, дарёи беқарор,
Кӣ раста аз худаш дар зери осмон?

## БАРГҲО

Баргҳо зарданд, зард,
Рӯзҳо сарданд, сард.

Баргҳои рӯи хок
Менамоянд илтиҷо:
Хандае аз лаб бинеҳ
Бар кафи пургарди мо.

Эй ки мастӣ аз ҳаёт,
Сӯи мо боре нигар.
Чеҳраҳои зарди мо
Ту намебинӣ дигар.

Барф меборад саҳар
Бар сари кӯҳу адир,
Духтаронро барфи нав
Мешавад тӯри ҳарир.

Навҷавонтар мешавад
Боз дунёи куҳан,
Лек барфи нуқрафом
Баргро гардад кафан…

Баргҳо зарданд, зард,
Рӯзҳо сарданд, сард.

## ШАҲСАВОР

Дидамат дар вақти шом,
Ёли аспат нуқрафом,
Чашмҳоят шӯълабор.

Ташнаам, – гуфтӣ ба ман,
Сӯхт ҷонам дар бадан,
Косае об, эй нигор!

Гуфтамат: – Эй ҷони ман,
Шӯълаи чашмони ман,
Лаҳзае бош интизор.

Ту бирафтӣ бо итоб
Сӯи аспат бошитоб.
Гуфтамат: – Эй шаҳсавор!..

Об додам бо кафам,
Пок кардам бо кафам
Аз сару рӯят ғубор…

## ЁДИ АЛИШЕР

Бо дӯстонаш меҳрубон,
Бо душманонаш беамон.
Бар қасди дунёи куҳан
Навхонадору навҷавон.

Ваҳ, додаре ман доштам,
Ғампарваре ман доштам.

Дилдодаи ашъор буд,
Доништалаб, ҳушёр буд.
Аз макру ҳила дар канор,
Марди бانангу ор буд.

Ваҳ, додаре ман доштам,
Ғампарваре ман доштам.

Чун рӯи ӯ орам ба ёд,
Абрӯи ӯ орам ба ёд,
Дил аз фишор ояд ба шӯр,
Дил аз аҷал ояд ба дод.

Ваҳ, додаре ман доштам,
Ғампарваре ман доштам.

Ӯ хандаи тифлона дошт,
Аз симу зар парво надошт.
Аз бевафоии ҷаҳон
Дар лаб ду-се афсона дошт.

Ваҳ, додаре ман доштам,
Ғампарваре ман доштам.

Ӯ рафту армонаш бимонд,
Фарзанди гирёнаш бимонд.
Дар дафтари фарсудае
Байти парешонаш бимонд.

Ваҳ, додаре ман доштам,
Ғампарваре ман доштам…

## ҒОРИ ДЕВОНА

Он одаме, ки ғор сохт,
Ҳаргиз набуд девонае,
Ҳаргиз набуд бехонае,
Балки дили бедор дошт,
Дарду ғами бисёр дошт.

Ӯ шоири бечора буд,
Дар кӯи шеър овора буд.
Аммо зи бедоди замон
Бар каф дилаш садпора буд.

Он мард чун бо макру фанд
Дар дил муросое накард,
Ғоре барои хеш канд,
Пинҳон бишуд дар ғори сард.

Аз байни мардум дур рафт,
Зинда ба сӯи гӯр рафт.

Илҳоми эҷодаш вале
Ранҷид аз савдои ӯ,
Бигрехт аз дунёи ӯ.
Бечора шоир аз алам,
Бишкаст дар дасташ қалам.

Имрӯз дар девори ғор
Як байт монда ёдгор:
«Бе одамон, одам, мабош,
Бе одамон як дам мабош».

Шоир бирафту ғор монд,
Талвосаи ағёр монд.

## ДУХТАРИ ЗАМИН

Чи хуш, ҳар субҳи фирӯзат ба меҳнат мешавад оғоз,
Пару болат бишуд меҳнат, ту бо он мекунӣ парвоз.

Саҳаргаҳ гов медӯшӣ, зи роғи панҷаат чун нур
Баногаҳ шир меполад ба оринҷат, ба домонат.
Навозад пайкарат гӯё ба нармӣ дасти ҳассоне,
Аз он гармии шири гарм меларзад тану ҷонат.

Сипас бар сӯи саҳро мешитобӣ мисли як оҳу,
Бигирӣ аз само нуру бигирӣ аз замин нерӯ.

Мисоли он ниҳоле, ки ҳамеша бо замин сабз аст.
Ту реша рондаӣ дар хок, шохи ту бувад пурбор…
Наҷӯӣ зевару гавҳар, наҷӯӣ олами дигар,
Гирифта хок дар кафҳо шавӣ хушбахт кӯдаквор.

Ту медониву дасти ту, ки гилро ҳам дилу сеҳр аст,
Замин бо ин бузургияш чу инсон ташнаи меҳр аст.

Ту дилбанди замин ҳастӣ, аз ин рӯ нозанин ҳастӣ,
Ҳаётатро бипайвастӣ ба тақдири замин, хоҳар.
Замин аз ҷазби дастонат бигирад оташи ҷовид,
Ба рӯҳи бешикасти ту замин ҳам мекунад бовар!

Чӣ хуш, ҳар субҳи фирӯзат ба меҳнат мешавад оғоз,
Пару болат бишуд меҳнат, ту бо он мекунӣ парвоз.

## ҲАМСАФАРИ ХУД

Вақти он аст, синону сипари худ бошам,
Дар раҳи умр кунун ҳамсафари худ бошам.

Гоҳ дарё шаваму гоҳ дарахти оташ,
Шафақи субҳгаҳи худ, шарари худ бошам.

Баҳрабардор зи умри гузарон ҳар соат,
Соҳиби ному мақому ҳунари худ бошам.

Соябонам – падарам аз сари ман рафт, дареғ,
Вақти он аст, азизон, падари худ бошам.

## ТАЛОШ

Бар заҳмати ҳаррӯзаам ман заҳмате зам мекунам,
Хоки гуҳаррези сухан бо ашки худ нам мекунам.

Розам нагуфтам бар касе, арзам набурдам бар хасе,
Афтодаву боло шуда, худро ман одам мекунам.

Ҳар лаҳза ман ғам мехарам, ҳар лаҳза ман ғам мехӯрам,
Дар мурдаи мӯри раҳе як рӯз мотам мекунам.

Ҳарчанд мегӯянд, зан як қолаби холӣ бувад,
Дар ҷустуҷӯи ҷавҳаре ман умри худ кам мекунам.

## ИШТИБОҲИ МО БУБАХШ

Эй Ватан, эй Тоҷикистон, ту гуноҳи мо бубахш,
Кач бирафта гар нигоҳе, ту нигоҳи мо бубахш.

Синаат абгор гардид аз туфангу тиру тӯп,
Ту силоҳи мо бубахшо, ҳам сипоҳи мо бубахш.

Гар кулоҳу тахт буда иллати ҷангу ҷидол,
Тахтро маъзур дору качкулоҳи мо бубахш.

Ҷанг карда, ҷанг дида, оқибат бастем сулҳ.
Истилоҳи мо бубину иштибоҳи мо бубахш.

## ИШҚИ МАН

Ишқи ман ашке шуду аз дида рехт,
Ишқи ман оҳу шуду аз ман гурехт.
Номаосо ишқи ман садпора шуд,
Дар фазо чун мурғаки овора шуд.
Ишқи ман ашке шуду аз дида рехт.

Ишқи ман бо хандаҳо берун шуда.
Дар назар афсонаю афсун шуда.
Кам-камак ишқи маро маҳтоб бурд.
Дар лаби дарё нишастам, об бурд.
Ишқи ман бо хандаҳо берун шуда…

Аз дили ӯ гар хабар медоштам,
Доманашро сахттар медоштам.
Бо фусуни сеҳру лабханди дигар
Балки мекардам дилашро нармтар.
Аз дили ӯ гар хабар медоштам…

Ишқи ман як оҳи дардолуд шуд,
Ашки талху хандаву ҳам дуд шуд.
Турнаҳо оянд гарчӣ аз сафар,
Турнаи ишқам намеоянд дигар.
Ишқи ман як оҳи дардолуд шуд.

## БАРОИ ШЕЪР МЕСӮЗАМ!

***Ба устод Мирзо Турсунзода***

Ба дасте, ки фишурдӣ дасти дунёро,
Ба чашме, ки бидидӣ кӯҳу дарёро,
Гирифтӣ ту зи дастонам, нигаҳ кардӣ ба чашмонам,
Магар ҷустӣ зи ман фардои зеборо?

Шунидӣ ту суруди навнавишти ман,
Ба наздат во бишуд чун гул сиришти ман.
Дар ин дунё, ба номи шеър шуд оғоз
Китоби нав, – китоби сарнавишти ман.

Шудам бо шеъри нав бар даргаҳат ҳозир,
Туро ҳар маслиҳат пурқимату нодир.
Ту донистӣ, ки дар худ шӯълае дорам.
Ту донистӣ ҷунуни ман, аё шоир!

Сурудат боли парвозу умедам дод.
Чу оташпорае ногаҳ вуҷудам сӯхт.
Маро ҳар мисраи исёнгарат , устод,
Раҳи худҷӯиву исёнгарӣ омӯхт.

Чаро тарсам дигар аз одами бадбин?
Чаро тарсам зи кори душмани пуркин?
Мисоли тир ҷастам аз камони ҷаҳл,
Чаро тарсам дигар аз қисмати худбин?

Ҳаме хоҳам ба мислат гулхан афрӯзам,
Сухан гуфтан, гуҳар суфтан биомӯзам.
Агар шамъи фурӯзонам дар ин дунё,
Шабеҳи ту барои шеър месӯзам,
Барои шеър месӯзам!

## СИРИШКИ ЗАН

Сиришки зан ба сони оби дарё,
Бишӯяд доғро аз рӯи дунё.

Намешустӣ гар аз пироҳани даҳр,
Сиришки зан даме доғи фаровон. –

Ҳамепӯшид дунё сурхҷома
Зи тиру ҷангу доғи хуни инсон.

## ОЛАМИ ДИЛ

Чӣ гӯям аз ҳадиси ин дили хеш?
Чӣ гӯям аз ситези ин дили маст?
Аз ин эҳсос, аз ин эҳсоси пуршӯр,
Ба пеши кас вуҷудам безабон аст.

Гаҳе ларзам мисоли шабнами барг,
Гаҳе сӯзам мисоли лолаи кӯҳ.
Ҳамеша обу оташ дар талошанд,
Даруни синаам оварда андӯҳ?

Манастам ҳамдилу ҳамрози чашма,
Дилам ҳамсози бoрони баҳор аст.
Ало эй бод, бо ту ошноям,
Вуҷудам бас гарону беқарор аст.

Аз ин рангинадоӣ доду фарёд,
Равам бегоҳ сӯи кӯҳсорон.
Бигӯям кӯҳро, эй модари ман,
Қароре бахш баҳри беқаророн…

## МАРҒЗОР

Марғзори беканор
Ду вуҷуду ду садо.
Рашк мебурд офтоб,
Бар дурахши чашмҳо.

Дасти ман дар дастҳот,
Дасти ту чун дастбанд.
Дастҳои беқарор
Шаддаамро канд, канд.

Ваҳ, чӣ коре шуд, Худо,
Дар миёни сабзаҳо –
Ногаҳон бигсасту рехт,
Шаддаи дурдонаҳо…

## БА ТУ

Чӣ эҳсосе, чӣ эҳсосе,
Миёни оташам гӯё.
Чу тори мӯй мепечам,
Чу тори мӯй месӯзам,
Туро, эй ёр, меҷӯям.

Чаро охир туро дидам,
Чаро охир туро дидам, ба армонам,
Ту худ имрӯз чун тӯфон,
Чу як тӯфони бесомон,
Парешон кардаӣ фикри басомонам –
Чу зулфони парешонам…

Агар ман шӯълае будам,
Шудам як хирмани сӯзон.
Агар ман қатрае будам,
Шудам дарёи пуртуғён.

## ҶАСОРАТ

Ҷасорат мактаби олӣ надорад,
Ҷасорат нест тобеъ бар вазорат.
Назоратро намехоҳад ҷасорат,
Ҷасоратро ҳамекоҳад назорат.

Ҷасоратро наёмӯзад китобе
Намеёбӣ варо аз ҳеҷ дуккон.
Намегӯям ҷасорат моли камёб,
Намегӯям ҷасорат моли арзон.

Ҷасорат гар бувад дар дил, ҷасурӣ,
Чу дар дил набвад он, хокӣ, ҳасурӣ!

## ОРЗУИ ДУХТАРИ ТОҶИК

Лаъли Бадахшонам нигар,
Афсона шуд андар назар.
Аз лаъли кӯҳи мӯътабар
Як гӯшворам орзуст.

Аз гавҳари афзудаам,
Аз пахтаҳои чидаам.
Аз чидаю нодидаам
Як куртаворам орзуст.

Чун заҳрогин як ниҳол
Аз заҳргил дидам завол.
Як косаи оби зулол
Аз чашмасорам орзуст.

Аз накҳати гулҳои тар
Шуд кишварам машҳуртар.
Аз атри боғи гулбасар
Ҳар навбаҳорам орзуст.

Дардо, забони модарӣ
Маҳлут шуд аз бесарӣ
Бишнидани лафзи дарӣ
Аз ҳамдиёрам орзуст.

*с. 1989*

## ЁР Ё ДАРАХТ?

Биборад резабórони ҳамал сим-сим,
Билағжад аз сарам рӯмоли абрешим,
Бишуд тақсим чун себе дилам ду ним:
Яке дунёи андеша, дигар эҳсос.

Ба сӯи ёр мехонад дили пуршӯр,
Бикун андеша, гӯяд, ақли ман мағрур.
Баногаҳ тобадам як сояе аз дур,
Дарахт аст ин ва ё худ сояи ёр аст?

Ба он сӯ мешитобам боҳушу беҳуш,
Тамоми бори нангу ори худ бар дӯш,
Дарахт он гар, бигардам аз раҳам хомӯш,
Агар ёр он, дар оғӯшаш бимирам ман…

## КОРЗОРИ ИШҚ

Ту баргаштӣ ғамину дилшикаста,
Вале боис ба дардат ман набудам.
Ба дарди ту вале ҳамдард гаштам,
Чӣ тадбире, ман аз оҳан набудам.

Ба кӯям омадӣ маҷрӯҳу хаста,
Дилат захмӣ зи тири як нигоҳе.
Ба рӯи ту бихандидам чу хоҳар,
Вале дар дил дусад фарёду оҳе.

Ту Маҷнун будиву Маҷнуни ман не,
Дилатро ёди дигар хонае дошт.
Ҷигарбирён ман аз сӯзи ниҳонӣ,
Дилам аз ишқи ту афсонае дошт.

Зи ишқи ту ба он ёри дилозор,
Нигоҳи оташинат қисса мегуфт.
Нигоҳи ман туро ҳамрозу ҳамдам,
Дили девонаам аз ғусса месӯхт.

Зи майдони муҳаббат тир дар дил,
Ту сӯям омадӣ маҷрӯҳу бемор.
Ба захми қалби ту марҳам бимондам,
Ғами худро ба кӣ гӯям вале, ёр?

## ОИНА

Ту чун оинаи дурӯя ҳастӣ,
Худамро дар ту рӯзе дида будам.
Зи бахти ногаҳон сармасту беёд
Гуле аз боғи бахтам чида будам.

Вале оинаи қалби ту аз нав
Намои дилбаре дар худ пазируфт.
Миёни майсаҳои боғи ёдат,
Гули рӯям дигар, афсӯс, нашкуфт.

Намехоҳам зи чашмат, рӯнамоям,
Бубинам хешро дубора имрӯз.
Ту он оина ҳастӣ, сарду сангин,
Нашуд гарм аз нигоҳи оташафрӯз.

## ҲАДЯИ ЗИМИСТОН

Аз гуляхи фасли дай
Тирезаҳо гул бубаст.
Оё зимистони сард
Ошиқ ба рӯям шуда-ст?

## САФҲАИ ТОЗА

Дило, гулбуттаи меҳру вафоӣ,
Куҷо донӣ, куҷо пажмурдагиро?
Ту мисли сафҳаи хатнонавишта,
Намедонӣ ҳанӯз озурдагиро…

## ЭЙ САНГ!

Барoят то бигӯям рози пинҳоне,
Бичӯям то ба дарди хеш дармоне,
Намонад дар дилам то гарди армоне,
Ба сӯят омадам, эй санг.

Ғами худ ҳар қадар гуфтам ба сӯзу тоб,
Валекин қалби сангинат нагаштӣ об,
Ба ҳоли ман бихандид аз само маҳтоб,
Чаро ту сард будию хомӯш, эй санг?

Аёнам гашт дар олам,
Фақат одам бифаҳмад ғуссаи одам.
Нагардад санги сард асло ба кас ҳамдам,
Чаро гуфтам ба ту дардам,
намедонам…

## ШОДИЮ ҒАМ

Чӣ рӯз аст ин, ки ман аз ханда метарсам,
Гаҳе гиря пас аз ханда шавад меҳмон.
Агар хандам, бихандам дар дил оҳиста,
Агар хандам, бихандам дар дилам пинҳон.

Гаҳе аз хеш мепурсам: Чаро шодӣ
Намеояд ба қалби мо тани танҳо?
Ҳамеша шодии мо як ғаме дорад,
Кӣ як ҷо карда охир шодию ғамро?

Дами хушбахтиям, дар гӯшаи қалбам,
Гузорам ҷои холӣ аз барои ғам.
Зи дарси зиндагӣ рӯзе аёнам шуд,
Ғаму шодӣ биёяд бар дилам бо ҳам.

## ФАСЛИ АНДЕША

Тирамоҳ, эй тирамоҳ,
Нағмапардозӣ кунӣ,
Ҳамчу тифли бегуноҳ
Бо дилам бозӣ кунӣ.

Ҳар гаҳе чун ту биёӣ,
Рӯ кушояд дар дили ман
як гуле.
Як гули сурху сафед,
Як гули ишқу умед.

Ҳар гаҳе чун ту биёӣ,
Мешавам ғарқи хаёл,
Мешавам ғарқи суол,
Роз ҷӯям аз сукути пурвиқорат,
Аз либоси зарнигорат.

Тирамоҳ, эй тирамоҳ,
Чашмаи андешаҳои бешумор,
Шомгаҳ дар боғзор
Лаҳзае танҳо нишинам,
То шиносам хешро
Дар ҷаҳони беқарор.

## ГУЛИ ТАНҲО

Ба лаб ханда, ба дил пинҳон сиришки талх,
Шуморо интизорам ман, парасторон.
Шукуфтам бо умеди ишқи пок имрӯз,
Вале мондам канор аз дидаи ёрон.

Илоҳо, модари ғам , кӯдакат мирад,
Ки меҳоҳӣ намоӣ ранги сурхам зард.
Зи танҳоӣ фиғони ман ба лаб омад,
Фишорад ҳастиямро панҷаи ин дард.

Парасторон, дили худро кунед огоҳ,
Зи рози гул, зи дарди бодавои гул.
Ки бе ишқу тасаллою нигоҳи гарм
Надорад зиндагӣ қадре барои гул…

## ИНСОНИ ХУДСОЗ

***Барои устод Муҳаммад Осимӣ***

Дар ниҳодаш гулхани Суғд,
Дар нигоҳаш шӯълаи барқ.
Сӯи фардо раҳсипор аст
Тифли оташ – зодаи Шарқ.

Чашмҳои ӯ гувоҳанд
Аз сиришти беқарораш.
Чашмҳояш роз гӯянд
Аз баҳори рӯзгораш.

Дар назар гоҳе намояд
Чун расули неки кайҳон,
Бо нигоҳи нурполо,
Бо ҷабини поку рахшон.

Хешро ин марди солор
Зарра – зарра гирд овард
Аз ҳақиқат,
Аз фазилат
Аз ниҳоди шодиву дард.

Ӯ зи дарёи маонӣ
Қатраҳое нӯш карда,
Ақлро бедор дида,
Ҷаҳлро хомӯш карда.

Мо фани қарни навинро
Дарк кардем аз фани ӯ
Хӯшаҳои панду ҳикмат
Чидаем аз хирмани ӯ.

## РӮ БА РӮИ ОИНА

Ин ту ҳастӣ?
Ин ту ҳастӣ?
Ин ту ҳастӣ ё каси дигар ба ман дорад нигоҳ?
Талх механдад ба ман аз рӯнамо?
Аз паси тирезаи пардаҳарири ёдҳо?
Ин ту ҳастӣ, эй нигоҳи ошно?
Духтари ошуфта аз гулбоғи сабзи ормон?
Аз ҷаҳони розҷӯю пурсурури кӯдакӣ,
Аз ҷаҳони равшану пуризтироби ахтарон?

Ин ту ҳастӣ, вой, вой!
Хандаҳоят сохта,
Гиряҳоят сохта,
Чашмҳоят шишагин мисли булӯр.
Аз нигоҳи ту фаришта,
Рахт баста сӯи гардунҳои дур.

Ин ту ҳастӣ?
Ин ту ҳастӣ?
Дар нигоҳат шӯълаи саркаш куҷост?
Дар замират қабзаи оташ куҷост?
Баски кардам боз таъхир,
Ман туро бишнохтам дер.

Ту макуш андар вуҷудат шӯълаи иқболро,
Машкан охир аз алам шоху бари шаҳболро,
Эй дили ошуфта, ҳаргиз дер нест,
Мон, ки умре дар ниҳодат
Кӯдакӣ маскан бимонад,
Дил даруни сина нурафкан бимонад.
Сӯхтан гир,
Сӯхтан гир,
Умри пуршӯри ту бар гулхан бимонад.

## МУҲАББАТ ВА СИЁСАТ

Шукуфта дар канори раҳ
Ақоқиёву ёсуман.
Дуруд, эй муҳаббатам,
Дуруд, эй баҳори ман.

Гили ту аз сиёсат аст,
Гили ман аз муҳаббат аст,
Дили ту аз сиёсат аст,
Дили ман аз муҳаббат аст.

Ба сеҳри чашм ҷо шудӣ
Ту дар китоби ақли ман.
Даруни дил чу беватан
Гирифтаӣ кунун ватан.

Сиёсат аз хирад агар,
Муҳаббат ояд аз шарар.
Сиёсату муҳаббате
Қарин шаванд аз дигар?

Манам ҷунунадои ишқ,
Ту дар гурез аз хатар.
Зи дарди ишқ шеъри ман,
Зи сӯзи дил ту бехабар.

Шукуфта дар канори раҳ
Ақоқиёву ёсуман…
Кушо нигоҳи дил, бубин
Ду чашми пуршарори ман.

Бидон, ки бе муҳаббатам
Дили ту санг мешавад
Сиёсат аз дилат равад,
Дили ту танг мешавад.

Зи сояи сиёсатат
Биё, ба соягоҳи зулф.
Муҳаббатам паноҳи туст,
Биё, ту бар паноҳи зулф.

## ДУХТАРИ ҲАЖДАҲСОЛА

Дар сари шохи баланд
Лоласебам, лоласеб.
Ҳар касе хоҳад барад
Бо фиребу бе фиреб.

Ин манам дар рӯзгор
Як кафе оби зулол.
Дам кашидан хоҳадам
Ташнакоме бемалол.

Қанди коғазпеч ман,
Коғазам рангобаранг,
Чанд ошиқ ҳозир аст,
То маро орад ба чанг.

Сӯи худ аз чор сӯ
Сад нигоҳе дидаам.
Аз нигоҳи розҷӯ
Донаҳое чидаам.

Духтари кӯҳи баланд
Содаи мушкилписанд.
Раҳсипорам, раҳсипор
Бехабар аз сад каманд.

## ХАЙРБОД

Аз бари ту мешавам дур,
Ёри мағрур,
Ёри мағрур.
Мегурезам аз хуморат,
Чашми махмур,
Чашми махмур.

Меравам бар кунҷи узлат
Шеърхонон,
Шеърҷӯён.
Мегурезам аз ҳавасҳо
Додгӯён,
Додгӯён.

Аз ману танҳоии ман
Панд омӯз,
Панд омӯз,
Дар дили сарди нигоре
Оташ афрӯз,
Оташ афрӯз…

## ШАҲРИ МЕҲР

Доруд, эй Шаҳритус, эй шаҳри испед,
Доруд, эй тахти воло, Тахти Ҷамшед.

Зиҳӣ, эй бӯстон, дар домани дашт,
Чу Ҷайҳунат нигар, Омӯя бигзашт.

Доруд, эй гил, қадамҷои бузургон,
Доруд, эй дил, аламҳои сутургон.

Чу сар бинҳодаам бар остонат,
Бигуфт Омӯярӯд аз достонат.

Чӣ розе хуфта дар Кофарниҳонрӯд,
Хушу форам садои Чашмаҷон буд.

Муҷалло Хоҷамашҳад гашта аз нав,
Биёяд бар аёдат боз Хусрав.

Бирезад дурри худро Хоҷадурбод,
Паём аз Хоҷағоиб оварад бод.

Тамошо кӯчаи Сайёд кардам,
Зи Қалъа – зодгоҳам ёд кардам.

Куҳаншаҳро, баҳори нав муборак,
Сапедорон сари роҳат қаторак.

Бигӯяд шеър Ширинбахт аз ҷон
Ба васфи ту чу мурғони хушилҳон.

Туро хоки сияҳ андуда бо зар,
Дигаргуна шавӣ, ҳар лаҳза дигар.

Сафобахшу сафопарвар, сафохез,
Саросар хоки ту имрӯз гулрез.

Ҳаво аз накҳати гулҳо муаттар,
Нигоҳ аз лолаи саҳро мунаввар.

Дуруд, эй хоксори покмазҳар,
Фурӯтан мондаӣ хуршед дар бар.

## ГАНҶИ БЕБАҲО

Ватан дунёст, дар дунё нагунҷад,
Ба паҳнои хаёли мо нагунҷад,

Гаҳе андар дили кӯчак шавад ҷо,
Гаҳе дар гунбади мино нагунҷад.

Кӣ мехоҳад барад бо худ Ватанро?
Ватан дар ҷомадон асло нагунҷад!

## ГӮРИ ОРЗУҲО

Гӯри худро кандам имшаб дар биёбони хаёл,
Пас ниҳонӣ гӯри розу орзуи хешро кандам,
Гӯри уммеду ҳавасро низ кандам дар дили хоки сияҳ.
Бо хаёли ишқи ту падруд гуфтам,
Дур гаштам аз гунаҳ,
Шуд гунаҳ аз ман панаҳ?

Рӯҳи ман бар ҷисми беҷон
То саҳаргаҳ ашк рехт.
Ҷисми беҷонам чу санге сард буд,
Риштаи эҳсосро аз ҳам гусехт.

Дар ҷиҳоди рӯҳу ҷисмам,
Рӯҳи ман ғолиб баромад.
Ишқдушман гаштаму ишқи туро
Дар ниҳодам куштам, охир
Лаҳзае ҷолиб баромад.

Гӯри худро кандам имшаб дар биёбони хаёл,
Аз дилам рондам ҳавасҳоро қатор,
Аз паси тобути худ пас гиря кардам зор-зор.
Хонаи дил сарду холист,
Сарду холӣ чун мазор…

# ФАРЗАНДИ ШИРИН

*(Шеърҳо барои кӯдакон)*

## ОВОЗИ НАЙ

Ҳамдам – тағои найнавоз
Найро ба каф бигрифт боз,

Деҳро гирифт овози най,
Овози афсунсози най.

Саҳро пур аз овоз шуд,
Гунҷишк дар парвоз шуд.

Сармо гурехт аз деҳи мо,
Омад баҳори дилрабо.

Гуфтам: – Тағои найнавоз,
Хоҳам ба ту умри дароз,

Моро баҳор овардаӣ,
Савти ҳазор овардаӣ!

## ЗОЧАИ ХУШРӮИ МАН

Зочаи хушрӯи ман,
Зочаи хушмӯи ман.

Дасту рӯят мешӯям,
Баъд аллаат мегӯям.

Аммо ту доимо хап,
Намегӯӣ ягон гап.

Боре нагӯӣ «оча»,
Охир, ту чи хел бача?

## ДАРЁИ СИР

Дарёи Сир, ист, ист,
Маънии номи ту чист?

Ганҷат ба сина афзун,
Афсона ҳастӣ, афсун.

Дар бағал чиҳо дорӣ?
Моҳии тило дорӣ?

Дар қаърат, дур аз хатар
Пинҳон ё паридухтар,

Дар он ҷо хона дорад
Қасру кошона дорад?

Аз чашмони кабудаш,
Кабуду хушнамудаш,

Дарёи Сир, оё шуд
Оби ту софу кабуд?

## САФЕДОРОН

Дар ҳар ду паҳлӯи роҳ,
Дар канори деҳи мо
Сафедорони қатор
Қад кашида ба само.

Шохаҳои сафедор
То абрҳо мерасанд.
Ба ҳар кучо, ки гӯӣ,
Бе муҳобо, мерасанд!

Мисли соҳибхонаанд
Сафедорон дар ин чо,
Ҳар кӣ ояд, мегӯянд
Қарсак зада: Марҳабо!

## ХОБИ АСОҶОН ГУРЕХТ

Аз куҷо шарфаи по,
Аз куҷо доду мағал?
Кӣ дар кӯча медавад
Кафшҳояш дар бағал?

Кӣ метозад?
Хоб аст ин!
Хоби Асоҷони мо
Имшаб гурехтаст он,
Асоро дода «ҷазо».

Асоҷон гиря дорад:
– Очаҷонам, куҷоед?
Зуд наздам биёед,
Хоби маро биҷӯед!

Ҳама дар хона бедор,
Ҳама дар хона ҳайрон.
Хоби Асо куҷо рафт?
Охир, дар кӯча борон…

Асои мо гирифтаст,
Дар мактаб баҳои «ду»,
Гурехт аз ин сабаб
Хобаш ранҷида аз ӯ.

## МАҲМОМО,
## КУЛЧА ПАРТО!

Маҳмомо, эй маҳмомо,
Бароям кулча парто.

Пур–пури ҷазза бошад,
Кулча бомазза бошад.

Кулча бошад чу рӯят,
Чу рӯяки хушрӯят.

Маҳмомо, эй маҳмомо,
Бароям кулча парто.

Кулчаи ширин бошад,
Кулча равғанин бошад.

Кулча партоиям зуд,
Мехонамат як суруд.

## ҲАРФИ САРНАВИШТ

Ин пораҳои хишт
Чун ҳарфи сарнавишт
Гӯянд қиссаҳо
Аз рафта баҳри мо.

Ин резаи сафол
Аз рафта як суол.
Ин устухони сар
Аз рафта як асар.

Бо фикри зишту бад
Кӣ дидаи ҳасад
Бар сӯи он бидӯхт,
Девори он бисӯхт?

Ё аз шамоли вақт,
Ё аз шамоли сахт
Он вожгун бишуд,
Ногаҳ нагун бишуд?

То ин ки бохабар
Гардем бештар
Аз қисмати Ватан –
Таърихи мову ман.

Ҳар хиштпораро,
Афтода борaро
Бо розу бо ниёз
Ҷамъ оварем боз.

## ШАМОЛ

Бо момою бобоям,
Бо очаю додоям
Ба сайри лола рафтем,
Ба дашту ёла рафтем.
Ногаҳон шамол омад,
Уллоси шағол омад.
Шамолак шӯхиҳо кард,
Боло шуд ғубору гард.
Афтид айнаки бобом,
Парид рангаки момом.
Аммо ман натарсидам,
Тарсида наларзидам.
Бо чӯби калон дарҳол
Рафтам аз паси шамол.
Гуфтам: – Шамоли беор,
Беодобӣ ту бисёр.
Медавам аз қафоят,
Медиҳам ман ҷазоят!
Абр аз кори ман хандид,
Рафторамро писандид.
Аз хандаҳои бисёр,
Охир шуд ӯ бемадор,
Ногаҳ оби чашмаш рехт,
Шамол тар шуду гурехт!

## ДАСТЁР

Дегу табақро шустам,
Як табақро шикастам.
Ба гулҳомон додам об,
Гулдон афтид аз дастам.

Алаф додам ба Мошон,
Палав додам ба мурғон.
Хеле ёрӣ расондам,
Чӣ корат монд, очаҷон?

## ИЛОВА

Ба дафтарчаи Шодӣ

Рӯзе навишт Ҳодӣ:

«Шодӣ – донои бодӣ!»

Илова кард Шодӣ:

«Чун ҷӯраи худ Ҳодӣ!»

## ШОНА

Ин шона
    Ягона
Аз бобом
    Нишона.
Бобо – ку
    Мӯ надошт.
Ӯ чаро
    Шона дошт?

## РАҚСИ КӢ ЗЕБОТАР?

Аз радио ин саҳар
Шунидам чунин хабар:
Дар ҷангали Ҳиндустон
Барпо шуд базми калон.
Ба ҷангал аз ҳар диёр
Омад меҳмони бисёр.
Барои рақси зебо
Озмун эълон шуд он ҷо.
Хазандаҳо хазиданд,
Чарандаҳо чариданд,
Ҷаҳандаҳо ҷаҳиданд,
Парандаҳо париданд.
Баъди рақси тӯлонӣ
Сар шуд баҳси калоне:
– Кӣ мерақсад зеботар,
Товусбону ё кафтар?
Дар ин лаҳза ногаҳон
Баромад рӯи майдон
Уштури ғафси лаванд,
Худпарасту худписанд,
Худро зада ба ҳар сӯ,
Ҳамаро қоил кард ӯ.
Каллаашро хуб ларзонд,
Поҳои худро афшонд.
Дигар набуд ҷои гап,
Ҳатто товус бишуд хап.
Уштур бе ҳеҷ муҳобот
Соҳиб шуд ба мукофот
Баҳои аъло гирифт,
Медали тило гирифт!

## ГАҲВОРАҶУНБОН

Нишаста дар лаби бом
Аз саҳар то вақти шом,
Гаҳвора меҷунбонӣ
Бачата мехобонӣ…
Ҳай, ҳай, ҳай, ин чӣ корест,
Гаҳвораи ту холист.
Бачаҷони ту рафтаст,
Аз макони ту рафтаст.
Валекин ту бехабар,
«Алла» гӯӣ то саҳар!

## МУСИЧА

Мусичаҷон, ку–ку–ку,
Бозӣ кунем ману ту.
Ту шав мушу ман – мошон,
Пинҳон шав пушти яхдон.

Худам туро мекобам,
Мекобаму меёбам.
Мусичаҷон, ку–ку–ку,
Аз ман матарс асло ту.

Аз парат намеканам,
Ман туро намезанам,
Чун «мошон» наям ганда,
Ман дӯсти паранда.

## СОБУН

Аз деҳаи Шабдарав
Овардем арӯси нав.
Арӯсаки хушодоб,
Ду рӯяш мисли маҳтоб.
Ширинсухан, меҳрубон,
Маро гӯяд, «додарҷон».
Ба хоҳаракам Ҷайҳун
Ҳадя намуд ӯ собун,
Собуни аҷаб хушбӯ,
Мекунад бӯи ҳулбӯ.
Хоҳараки ман Ҷайҳун
Пеш аз хоби худ акнун
Бо собуни хушбӯяш
Мешӯяд дасту рӯяш.

## РӮМОЛ

Ҳусни баҳорон дорад,
Лолаю райҳон дорад
Рӯмоли очаҷонам.

Нарм чу оғӯши ӯ,
Гарм чу оғӯши ӯ,
Рӯмоли очаҷонам.

Бӯи фатир дорад,
Бӯяки шир дорад,
Рӯмоли очаҷонам.

Очам онро бибандад,
Бубандаду бихандад,
Чун моҳи якто шавад,
Арӯси дунё шавад!

## ҲАДЯҲОИ ФАСЛИ СОЛ

– Зимистон, дар ин сардӣ
Чӣ ҳадяам овардӣ?

– Бигир аз ман, азизам
Ҳалвои тар, мавизам!
Палтову шарф овардам,
Кӯрпаи барф овардам,
Либоси гарм овардам,
Гилеми нарм овардам.
Болои барфи ёна
Бозӣ бикун шодона.

– Эй навбаҳори зебо,
Чӣ овардаӣ савғо?

– Дастаи гул овардам
Сабзаи мӯл овардам.
Шеъру суруд овардам,
Бар ту дуруд овардам.
Дар васфи гул шодона
Бихон шеъру тарона.

– Тобистони гуворо,
Ҳадяҳоят дар куҷо?

– Имрӯзи равшан аз ту,
Гулзору гулшан аз ту.
Нури фаровон аз ту,
Хуршеди тобон аз ту.
Дар обу дар офтоб
Биёбӣ хуб обутоб.

– Тирамоҳи зарнисор,
Ку ҳадяатро шумор.

– Себаки ширин бубин,
Себ куҷо? Ангубин!
Пахтаву хирман нигар,
Гандуму арзан нигар.
Анору ноку анҷир,
Чӣ қадар хоҳӣ, бигир!

* * *

– Офарин, эй Зимистон!
Сано, Баҳори зебо!
Тобистону Тирамоҳ,
Аҳсан бодо ба шумо!

## ГАҲВОРАИ ГУЛПАРАК

Гаҳвораи гулпарак,
Барги тари бобуна.
Гулпарак меравад хоб,
Дар бистари шоҳона.

Гаҳворачунбон насим,
Малахбону аллагӯ.
Ҳаргиз надорад дареғ,
Бобуна атри хушбӯ.

Барги гули бобуна,
Гаҳвораи бароҳат.
Гулпараки нозанин
Мекунад истироҳат.

Маҳтоби меҳрпарвар
Гаҳвораро посбон.
Гулпарак дар хобҳош
Мепарад бар осмон.

Само чу дасти модар
Мегирадаш ба оғуш.
Гулпарак шавад бедор
Болида, бо табъи хуш.

## РОҒУН, АССАЛОМ

Барфи нуқрагун
Теппаҳо сафед,
Кӯҳи ҷомапӯш
Ҳамчу мӯсафед.

Аз баландиҳо
Дар дил эҳтиром,
Медиҳам садо:
«Роғун, ассалом!»

Мезанад ба рӯ
Шӯхбоди сард.
Шаҳр нурбор
Аз чароғи зард.

Дидагони шаҳр
Пуршарора аст,
Дар кафи замин
Он ситора аст.

# ХАТТИ ОЗОДӢ

*(Манзума)*

## I. ОҒОЗ

Падар, хомӯш рафтӣ бар дили хок,
Ҷаҳонро тарк кардӣ ногаҳонӣ.
Малак гаштӣ, бирафтӣ то самоҳо,
Напоидӣ дар ин дунёи фонӣ.

Чӣ сон худро бубахшам ман, ҳамон рӯз
Зи деҳ, аз зодгоҳам дур будам.
Зи ҳукми қисмати худкома ғофил,
Миёни дӯстон масрур будам.

Дилам мехоҳад акнун зор гирям,
Ба хокат гавҳари ашкам фишонам.
Вале фарёди дардолуди ман ку?
Падар, аз доғи маргат хастаҷонам.

Бигирям соате беашку овоз
Фиғон андар гулӯям санг гардад.
Гиребонам мисоли ҳалқаи дор
Гулӯямро фишорад, танг гардад.

Чаро будӣ гирифтори ғаму яъс,
Чӣ розе доштӣ дар қалби пурхун?
Рухатро дарди гунге сояафкан,
Нигоҳи бегуноҳат зору маҳзун!

Фақат боре ба чашмат ашк дидам,
Худоё, ашк ё хуни ҷигар буд?
Туро дидам ҳазину паршикаста,
Ба чашмам зиндагонӣ сард бинмуд.

## II

Дар он рӯзи ғамин дар кӯчаи деҳ
Миёни кӯдакон баҳс аз падар буд.
Сари шохи сапедоре кулоғе
Зи шумиҳои олам навҳагар буд.

Бигуфто Миралӣ бо худситоӣ:
«Маро донӣ, падар Усто Саид аст.
Ба хоби хеш ҳам рустои Ховар
Аз ӯ пурзӯртар марде надидаст».

Саодат низ таърифи падар кард,
Бибурд авсофи ӯро то ба кайҳон.
«Падар моро пизишки меҳрубон аст», –
Наомад аз дигарҳо паст Фарзон.

Сипас якбора ман барҷастам аз ҷой:
«Надорам тоқати ин баҳси арзон.
Падарҷони маро шояд шиносед,
Ҷароҳатдор шуд дар ҷанги Гирмон».

Ба рӯям баччае хандида гуфто:
«Магар айби падар кардӣ фаромӯш?
Намедонӣ, асири душманон буд,
Нишин ту беҳтараш имрӯз хомӯш».

Ба чашмам тирагун шуд рӯи дунё
Чу сайди тирхӯрда ман давидам,
Надонистам чӣ сон он соати шум
Ба назди ту, падарҷонам, расидам.

Ба рухсорат зи чашмони пурашкам
Нигоҳи пурғами ман метаровид.
Ки то аз умқи чашмони ҳазинат
Биёбам ламъаи нуре зи уммед.

Нигоҳам бо нигоҳат ҳамсухан шуд,
Садо омад зи қалби ғарқаи хун:
– Ҳикоят кун, падар, аз қисмати худ,
Чиҳо дорӣ зи гардишҳои гардун?

Ниҳодӣ дасти худро бар сари ман,
Хаёлам дасти ту тоҷи саре шуд.
Сиришки дона дар умқи нигоҳат
Чу дар офоқи ахзар ахтаре шуд.

Вале лаб во намекардӣ ба гуфтан,
Хамӯшӣ дар лабат фарёд мекард.
Ба хомӯшӣ маро гирён намудӣ,
Ба хомӯшӣ фузудӣ ғуссаю дард.

«Калон» гаштам аз ин «сӯҳбат» ба як бор,
Дилам афшурд аз дарди ҷигарсӯз.
Сари дӯшам гаронборе бияфтод,
Ба тифлӣ хайр гуфтам ман аз он рӯз.

## III

Ба бахти ман падар, андар деҳ он вақт
Зани оличанобе зиндагӣ дошт.
Ки буд омӯзгори мактаби мо
Ба дилҳо тухмаи дониш ҳамекошт.

Забон русӣ ҳамеомӯхт моро,
Ба ҳар коре мададгори касон буд.
Ҳамеша Анна Петровна чу модар
Бузургу хурди деҳро муҳрубон буд.

Наомад шавҳараш аз ҷанги Гирмон,
Варо доғи ниҳонӣ дар ҷигар монд.
Наменолид ӯ, зеро чу гавҳар
Зи шавҳар ёдгораш як писар монд.

Писарро мисли нури дида парвард,
Калонаш кард беозору беғам.
Писанд омад варо дарёнавардӣ
Бирафт аз деҳ ба дарёбори аъзам.

Даруни хонааш монд Анна танҳо
Магар танҳо?
                Маро ӯ духтараш хонд.
Дари дилро ба рӯи ман кушуда,
Ба фарқам гавҳари асрор афшонд.

Дар он шабҳо, ки маҳ мешуд шиновар
Чу заврақ дар самои беканора,
Ҳаметобид андар боғи гардун
Мисоли шабчароғе ҳар ситора.

Ба сони соҳире Анна – муаллим
Ба назди пианино менишастӣ.
Наво мерехт з-ангуштони нармаш
Хамӯширо чу шиша мешикастӣ.

Маро дарси ҳунар медод ҳар рӯз,
Чӣ дарсе, дарси санъат, дарси эъҷоз.
Бигуфтам як шабаш бо қалби пурсӯз:
«Шунав, эй Анна – хола, аз ман ин роз:

Ҷаҳонро, то замоне зинда ҳастам,
Бувад пайваста бо ман созу оҳанг,
Ҳамехоҳам яке устод гардам,
Ба оҳанг об гардонам дили санг»…

**IV**

Маро бурд орзу то шаҳри Маскав,
Басе шабҳои бехобӣ бишуд рӯз,
Ки шояд бар каф орам дурри мақсуд
Шавам то дар раҳи уммед пирӯз.

Зиҳӣ, устоди аввал Аннахола,
«Алифбо»-и ҳунар омӯхт бар ман.
Ҳамегуфт ӯ, ки андар роҳи санъат
Қавӣ мебуд бояд мисли оҳан».

Ба танҳоӣ гаҳе андеша кардам:
Миёни неку бад оё ҳаде ҳаст?
Чӣ сон хидмат кунад бояд ҳунарманд,
Шавад то карру фарри беҳунар паст?

Худо ҷонро ба ҷисми одамизод
Ба мусиқӣ намуда як замон ҷой.
Чу рӯҳ аз колбад бигрехт нолон,
Ба тан овард ҷонро нолаи ной.

Аз ин рӯ, савти хуш эъҷозкор аст,
Равонро мекунад бар ҷисм моил.
Ҳама афкори бад ихроҷ созад,
Намонад дар дили кас фикри ботил.

Набояд мар – ҳунар бадкора бошад,
Фитонад одамӣ аз моҳ бар чоҳ,
Бубояд чун чароғе нақши эҷод
Дурахшад нимашаб дар роҳи гумроҳ.

Суоламро ҷавобе гашт пайдо
Пас аз дорумадору саъйи бисёр,
Ҳанӯз аммо ҳазору як суоле
Маро шабҳо кунад аз хоб бедор.

Ба ту мехостам гуфтан, падарҷон,
Ҳама андешаи пинҳони худро.
Дареғу дард, охир дер кардам,
Ба кӣ гӯям, ба кӣ армони худро?

**V**

Хамӯшу ғуссаафзо шоми Ховар
Зи дуродур ояд сози маҳзун.
Дар ин шоме, ки завқи гиря дорам,
Биё, модар, ҳикоят аз падар кун.

Биё, модар, бимонам сар ба дӯшат,
Ки ранҷу ғусса дар ҷонам зиёд аст.
Ба ҳар кӣ ҳар чӣ дода қисмат, аммо
Ба ман ҷуз дарди дил чизе нададаст.

Биё, модар ҳикоят аз падар кун,
Ки ёди мурда қарзи зиндагон аст.
Сабук гардон ғаму дарди диламро,
Ки бори дӯши ман кӯҳи гарон аст.

## VI. ҲИКОЯТИ МОДАР

Шараф андар ҷавонӣ буд зебо,
Диламро бурд ӯ бо як нигоҳе.
Сари ҷӯ, кӯзаи обам баҳона,
Будам ман интизораш ҳар пагоҳӣ.

Ҷавони дигаре бо номи Анвар
Ба ҳусни ман бишуд Маҷнуни «шайдо».
Ҳамеша соявор ӯ аз пасам буд,
Ба ҳар ҷое равам, мегашт пайдо.

Чӣ гӯям, бар Шараф дил бохтам ман
Тамоми деҳа аз ин бохабар буд.
Барои Анвар аммо ин ҳақиқат
Мисоли зарбаи сахти табар буд.

Вале рӯзе хатар омад ба кишвар,
Вабои ҷанг омад ногаҳонӣ.
Шараф рӯзи дигар бар ҷанг биштофт,
Зи рӯям бӯсае бурда ниҳонӣ.

Пас аз моҳе қатори дигарон низ
Бирафт Анвар ба досташ борхалта.
Валекин баъди се маҳ гашта омад,
Дили мотамгирифта, дасти калта.

Ба ҳар ҷо миш – мише шуд паҳн он вақт
Ки ҷонашро харидаст ӯ ба найранг.
Ки тир андохта бар дасти худ ӯ
Вуҷудашро раҳонидаст аз ҷанг.

Ба дилҳо меғи шубҳа доман афканд,
Вале мегашт Анвар шоду масрур.
Ба ӯ дар деҳ «гуреза» ном доданд,
Буд ӯ чун сояи Даҷҷоли манфур.

Барои хостгорӣ омад Анвар
Гапашро рад намудам бо ситеза.
Ба ӯ гуфтам, ки қадри хеш донам,
Гурезонам ман аз марди гуреза!

Маро таҳдид мекард ӯ ба тундӣ:
Намонам дур аз худ, ҳеҷ магрез!
Зи ғам дар гӯшае танҳо гиристам,
Маро ҳамдард буд фасли хазонрез.

Пас аз чанде адӯ гардид мағлуб,
Сипоҳи Шӯравӣ баргашт пирӯз.
Қатори дигарон омад Шараф низ,
Маро иди ҳақиқӣ буд он рӯз.

Шараф шуд шавҳари ман, тӯй кардем,
Будем аз васли дерафтода сармаст.

Вале печида андар оташи рашк
Ба қасди бахти мо Анвар миён баст.

Бикард овоза ӯ дар байни мардум:
«Шараф дар ҷанг асири душманон буд.
Ба ҳарфи ӯ дигар бовар насозед,
Ки бофидаст аз худ қиссаи худ».

Ба вақти бозгаштан ҳуҷҷаташро
Шараф гум карда буд, афсӯс, дар роҳ…
Дар ин бобат ба марказ нома бинвишт,
Ҷавоб аммо наомад. Қисса кӯтоҳ.

Далеле ӯ надошт аз баҳри исбот,
Дили бадхоҳ аммо шод шуд, шод.
Бадӣ ғолиб, накӯӣ гашт мағлуб,
Аз ин қалби Шараф омад ба фарёд.

Навишт ӯ нома пас бар ҳамсилоҳаш,
Сиран номаш, ки буд ӯ аз Фаронса.
Ҷавоб омад аз он ҷо баъди чанде:
«Бирафтаст аз Лион Сиран», хулоса.

Ҷаҳон баҳри Шараф гардид торик,
Чу соя КГБ буд аз қафояш.
Дигар шуд ӯ кунун дар чашми мардум,
Ба ин зам гашт ранҷи дарди пояш.

Ҳақиқат ку? Ҳамегуфт ӯ ба ҳасрат.
Гуноҳи банда буд оё асорат?
Ман аз захми бадан ҳаргиз нанолам,
Бимирам охир аз тири ҳақорат…

Валекин бозии даври фалак бин
Ки бо пайроҳаи тақдир омад:
Расид охир яке нома зи Порис,
Вале он бо басо таъхир омад.

Шараф бемори сахти бистарӣ буд,
Бихонд ӯ номаро, бар дасти ман дод.
Бигуфто: бар Сабо деҳ…
Инак онро
Ту ҳам хон…
То шавад рӯҳи падар шод.

## VII. НОМА АЗ ПОРИС

«Дуруд, эй дӯстам, эй нури дида,
Туро ҷустам басе дар рӯи дунё.
Чу акнун ёфтам аз ту нишоне,
Нависам бе таҳаммул номаамро.

Азизи ман, биё боре ба Порис,
Чу ҷони рафтае боз ой бар тан.
Биё, эй дӯстам, эй қаҳрамонам,
Туро ман интизорам!
Жорж Сиран».

Чу хондам номаи он ошноро,
Бигуфтам: боз гардад уқдаи роз.
Аз он пас озмуне шуд баҳона,
Бикардам ҷониби Порис парвоз.

## VIII

Аҷаб шаҳри дилороест Порис,
Нигаҳро мебарад гулгаштҳояш.
Ба лаҳни дилнишин дарёи Сена
Суруди ҷовидон хонад барояш.

Ба зери пояи Эйфели машҳур
Ба сӯям Жорж-амак оғӯш бикшод.
Бигуфто «Бонжур» бо лафзи ширин,
Нигаҳ афканд сӯям бо дили шод.

Сипас гуфто, ки хондам номаатро
Дилам хун шуд зи марги ҳамсилоҳам
Падарро ончунон ҳастӣ ту монанд,
Ки аз нав зинда шуд ӯ дар нигоҳам.

Ту бо номи падар бояд бинозӣ
Ки ӯ марди далеру қаҳрамон буд.
Дар он рӯзи сиёҳ, дар корзорон
Вакили босазои тоҷикон буд.

Ба ёдам монда он даймоҳи Гирмон,
Азоби симхору конслагер.
Асирон хаставу беобу бенон,
Ба қасди ҷони мо худкома тақдир.

Шараф гуфто шабе, эй дӯстонам,
Аз ин сон бандагӣ бояд раҳо шуд.
Ҳама яктан ба озодӣ бикӯшем,
Ҷавонмардии мо оё куҷо шуд?

Шабе гаштем аз маҳбас фирорӣ,
Бирафтем аз миёни ҷангалистон.
Ниҳон аз чашму аз таъқиби душман
Шудем осуда мо бар шаҳри Лион.

Валекин то Лион бо пои худ не,
Расидам бо мададҳои Шараф ман.
Ки поям дар яке бероҳа бишкаст,
Набудам қуввате дар пою дар тан.

Шараф ҳам буд аз по сахт маҷрӯҳ,
Вале бинмуд захми худ фаромӯш.
Варо нафрат ба душман қувва бахшид,
Фурӯ бурда ғазаб, мерафт хомӯш.

Пас аз чанде гурӯҳи партизанҳо
Ҳама моро ба худ ҳамроҳ бинмуд.
Алайҳи душманон кардем майдон,
Шараф он рӯзҳо пили жаён буд.

Ҷавону гармхуну сахтпаймон,
Саропо дар шарори ҷабҳа месӯхт.
Фашистонро «вабо» номида барҳақ,
Ба дилҳо шӯълаи уммед афрӯхт.

Чу он даррандаҳӯ душман фано шуд,
Сипоҳи мо бишуд манзил ба манзил.
– Бибӯсидам Шарафро чун бародар:
Маро, гуфтам бигаштӣ ҷой дар дил.

Валекин солҳо рафтанду афсӯс,
Наомад нома аз номи бародар.
Бароям оқибат омад ҷавобе
Зи номи ту, аё арзанда духтар…

Зиҳӣ, қисмат, ки гоҳе ногаҳонӣ
Бисозад одамиро лутфборон.
Зиҳӣ, дунёи пиру пурсаховат,
Диҳад уммед бар уммедворон.

Чу нақлаш Жорж Сиран дод анҷом,
Бишуд дунё ба чашмам равшанистон.
Масеҳодам будӣ он марди оқил,
Дамид андар тани афсурдаам ҷон.

Нишастам пушти пионино аз нав,
Саросар аз хурӯши сина ларзон.
Сурудам боиси оҳанги нав шуд,
Бурун шуд он наво аз пардаи ҷон.

Ҳамон сӯзи ниҳон, к-андар ҷигар буд,
Бишуд бо он навои тоза берун.
Навоям ҳамчунон боде ба худ бурд
Ғаму андӯҳу дардамро ба ҳомун.

Бароям нақли пурэҳсоси Сиран
Давои дард гашту болу пар дод.
Ба самти зодгоҳам раҳ гирифтам
Зи банди шубҳаю андӯҳ озод.

## IX. ГУФТУГӮ БО ХУД

Гаҳу ногаҳ агар дар байни гуфтор
Бияфтад ҳарфи «ҷанг» андар забонам.
Бигардад пайкарам сарду дилам сард,
Ту гӯӣ меравад аз тан равонам.

Бале, ман ҷангро ҳаргиз надидам,
Даруни корзор асло набудам.
Валекин бар алайҳи ҷанги хунин
Бихезад эътирозе аз вуҷудам.

Надидам ҷангро, аммо ба нафрат
Басе лаънат бигуфтам нисбати ҷанг.
Зи бас пайванд буда қисмати ман
Ба ҳукми ноаён бо қисмати ҷанг.

Миёни корзор асло набудам,
Вале захмӣ шудам овони тифлӣ.
Дил аз тири маломат гашт сӯрох,
Раҳо аз даст шуд домони тифлӣ.

Асоратро надидам, лек будам
Ҳаме афсурдаи нанги асорат.
Бигӯям ин замон дарди ниҳонро,
Худовандо, бубахшоям ҷасорат.

Аёнам шуд, зи ҷангу тиру тӯпаш
На танҳо пайкари кас ёбад озор.
Равад таъсири он ҳамчун мараз боз
Зи насле то ба насли соли бисёр.

Дареғу дард, он ҷанги гузашта
Куҷо дарсе барои ҷангҷӯй аст?!
Ҳаёти одамӣ бингар, ки ларзон
Ҳамоно дар сари як тори мӯй аст.

Яке оҳанг хоҳам офаридан,
Ки бошад чун нидо, чун рамзу розе,
Расонам то ба гӯши сарнишинон,
Ки бозӣ нест, охир, ҷангбозӣ.

Сиёсатбоз мардонро бигӯям:
Паи тағйири ин олам макӯшед,
Ба мӯри мурда аввал ҷон бубахшед,
Аз он пас хуни гарми халқ нӯшед!

Ҳазар аз ҷангу озораш, ҷаҳондор,
Киёсат боядат андар сиёсат.
Ҷаҳонро медиҳем аз ҷаҳл бар бод,
Набошад дар сиёсат гар киёсат.

## X. БАЁНИ ОХИР

Сари хокат падар, боз омадам, боз,
Зи қайди шубҳаву андӯҳ озод.
Чу дасти меҳрубону рӯҳбахшо
Навозад гесуямро панҷаи бод.

Бале, дасту дилам ҳоло тиҳӣ нест,
Хати озодият овардам имрӯз.
Ту озодӣ, падар, аз ранҷу андӯҳ,
Пас аз мурдан шудӣ бар ғусса пирӯз.

Ту озодӣ зи неши бедаҳанҳо,
Ки шуд умре дилат з-озорашон сард.
Ту озодӣ, зи чашми киначӯе,
Вуҷудатро ҳаме садпора мекард.

Бароям қаҳрамонӣ, меҳрубонӣ,
Бувад мероси ту оҳангу эҷод.
Ту озодӣ, зи банди тӯҳмату кин,
Бимон, ин пайкро ҳар сӯ барад бод.

Зи дӯшат бори сангинро раҳо кард,
Расида ҳамсилоҳат бо шаҳодат.
Ҳақиқатро ҳамеҷустӣ ҳама умр,
Падар, пушту паноҳат шуд ҳақиқат.

Барои бахти ман размида будӣ,
Замину осмон мерос аз туст.
Замину осмонро посбонам,
Дарахти эътиқод андар дилам руст.

Падар, осуда бош андар дили хок,
Зи умри бофурӯғат ман нишонам.
Кушодӣ ту бароям роҳи ҳамвор,
Зи роҳи ту ба роҳи худ равонам.

# БАҲОРОНРО ЧАРО ДУХТАР НАГӮЯНД?

*(Дубайтиҳо)*

Бидидам гӯшворе, ханда кардам,
Харидам куртаворе, ханда кардам.
Ба тан курта, ба гӯшам гӯшворе,
Ба ҳарду хештанро банда кардам.

Зани тоҷик, дареғо, хокрӯб аст,
Ба пеши пои мардон мисли тӯб аст.
Ҳаменӯшад ниҳонӣ заҳри қотил,
Зи минбар гӯяд ӯ: «Имрӯз хуб аст».

Зани тоҷик, зани пурсабри дунё,
Наменолад даме аз ҷабри дунё.
Битарсам, чун зи ҷонаш сер гардад,
Ба нохун меканад ӯ қабри дунё!

Дареғо, шахси зан беэътибор аст,
Аз ин рӯ, ашки чашмаш шашқатор аст.
Ҳамон қавме, ки занҳояш канизанд,
Чӣ гуна сарбаланду растагор аст?!

Агар рӯде бихушкад, дод гӯем,
Ба ашки шӯри худ мо рӯ бишӯем.
Бишуд дарёи шири модарон хушк,
Чаро тадбири ин дарё наҷӯем?

Сияҳзулфам бишуд ҷорӯб, ҳайҳот,
Умеди дил бишуд саркӯб, ҳайҳот.
Ба нӯги панҷаам оташ гирифтам,
Дареғ, аз қисмати нохуб, ҳайҳот!

Бубар чизат, маро озод бинмо,
Муҳаббатро макун бо сим савдо,
Зани озодфикру худшиносам,
Диле хоҳӣ, дили худро бубахшо!

Маро гуфтӣ, чаро зебо нагаштӣ,
Чаро чун Зуҳраю Узро нагаштӣ?
Ало кӯри худу бинои мардум,
Чу Маҷнун худ чаро шайдо нагаштӣ?!

Навин ёри ту бар сӯзам наарзад,
Ба фарёди шабу рӯзам наарзад.
Бидидам байти абрӯи нигорат,
Ба як байти ҷигарсӯзам наарзад.

Зи ишқи ту дилам ғаш буд аз оғоз,
Надодиям чаро ёрои парвоз?
Бигуфтӣ, хатту холам дилрабо нест,
Чаро болам надидӣ, лӯъбатакбоз?

Ман аз шӯру мағал ранҷида будам,
Зи гуфтори дағал ранҷида будам.
Бипурсидӣ, чаро узлатнишинам,
Зи ғавғои маҳал ранҷида будам.

Туро ҳоло, ало қавми накӯном,
Падар гашта якеву дигаре мом,
Вале чун волидон бисёр гаштанд,
Ту бекас мондаӣ чун тифли ноком.

Ало, эй зан, ало виҷдони миллат,
Бувад андар кафи ту ҷони миллат,
Бигир охир дирафши ковиёнӣ,
Ки дар хобанд ин мардони миллат.

Басе зан шуд, дареғо, мардпеша,
Ба фарқи сар занад ҳарфаш чу теша.
Магӯ ҳаргиз маро: «Мардона ҳастӣ»,
Занам, бигзор бошам зан ҳамеша!

Бисӯзам дар ғамони Оли тоҷик,
Илоҳо, нашканад шаҳболи тоҷик,
Агар ҷанги маҳал сомон наёбад,
Чӣ мегардад, Худоё, ҳоли тоҷик?!

Ало, эй зан, «Қисас-ул-анбиё» хон,
Ҳадисе аз шукӯҳи кибриё хон.
Ту устоди дабистони ҳаётӣ,
Зиёбахшо, китоби пурзиё хон.

Ба ҳамдастӣ бихонӣ миллати хеш,
Ба сад парда бипӯшӣ ҳилати хеш.
Ба ҷуз дарди худат дарде надорӣ,
Ало, эй бехабар аз иллати хеш!

Дилам андар қафас фарёд дорад,
Зи дарде ҳар нафас фарёд дорад.
Маро се-чор кас бадном карданд,
Дил аз ин хору хас фарёд дорад.

Наёбад раҳ хазон дар боғи фарзанд,
Набинад ҳеҷ модар доғи фарзанд.
Ҷигарбандам бирафту пас наёмад,
Намеоям ба худ ман то қиёмат…

Ало Парвини ман, эй духтари ман,
Зари ман, зевари ман, ахтари ман.
Ба рӯи чашми ту хоки лаҳад рехт,
Наосояд дигар чашми тари ман.

Ало марде, к-аз ин манзил бирафтӣ,
Зи ман чун ёри ноқобил бирафтӣ.
Агар ман соҳиле будам, ту чун мавҷ
Бибӯсидӣ лаби соҳил бирафтӣ…

Диламро манзиле ҳасту маро дил,
Ҳамеша кори ман пайваста бо дил.
Намерафтам агар бо даъвати дил,
Куҷо ман будаму будӣ куҷо дил?!

Дили ман сӯз дорад, соз дорад,
Суруди дӯстӣ оғоз дорад.
Кабӯтарбаччаи навболи сода-ст,
Ки акнун ҷуръати парвоз дорад.

Гуҳарро ҳеҷ гаҳ ахгар нагӯянд,
Қамарро ҳеҷ гаҳ ахтар нагӯянд.
Вале аз ошиқон дорам суоле:
Баҳоронро чаро духтар нагӯянд?

## ФЕҲРИСТ

Сарсухан ........ 3

ЧАКОМАИ БЕДОРӢ
Имтиҳон........ 18
Душмани шеър ........ 19
Сипоҳи одамакҳо........ 20
Чакомаи бедорӣ ........ 21
Биҳиштамро куҷо бурдӣ?........ 22
Овози нигоҳ........ 23
Сарви пойбаста........ 24
Нозу роз........ 25
Атои ишқ........ 26
Гаҳ осмон, гаҳ остон ........ 27
Дар сояи зулф ........ 28
Марди сазовор ........ 29
Ганҷури фақир........ 30
Шоми зулф........ 31
Рӯҳи Зулайхо........ 32
Шоҳпарак ........ 33
Мункир ........ 34
Эҳдо ба Хуҷандшаҳр ........ 35
Оинадори офтоб........ 36
Ҷазира........ 37
Баъд аз сафари Амрико........ 38
Мурғи оташхор........ 39
Сӯҳбати хурмоӣ........ 40
Шимолӣ........ 41
Чӣ гуфтӣ? ........ 42
*Лайлотар аз Лайло*........ 43
Ашки шабнам ........ 44
Фасли гули кастона........ 45
Ёди Ғори Девона........ 46
Оҳуи ман........ 47
Тавбаи зан........ 48
Нилуфари эҳсос........ 49

Тифли раҳгардон ........ 50
Сурат дигар, сират дигар ........ 51
Шароби маънавӣ ........ 52
Соятфурӯш ........ 53
Душанберо шудам пазмон ........ 54
Мис ё зар? ........ 55
Барои дӯсти собиқ ........ 56
Осмон ........ 57
Туро бар ёд овардам ........ 58
Гулшукуфт ........ 59
Дафтари нохонда ........ 60
Гап мехӯрад маро ........ 61
Ташнаи ишқ ........ 62
Тӯҳфаи тақдир ........ 63
Аз ҷинси худ ........ 64
Лутфи илҳом ........ 65
Муштипар ........ 66
Ирода ........ 67
Ману дарди Тоҷикистон ........ 68
Карни XXI ........ 69
Таҳқир бас ........ 70

ЧЕҲРАСОЗОН

Маслуб ........ 72
Зане бархоста ........ 73
Сад кулоғро як санг ........ 75
Ширу шеър ........ 77
Чеҳрасозон ........ 79
Ташаккур ........ 80
Дуроҳа ........ 81
Зармоҳӣ ........ 82
Хашми модар ........ 84
Моҳидони булӯр ........ 86
Номаҳо ........ 87
Дигар маё ........ 88
Лола будам ........ 89
Фол ........ 90
Туро мебахшам озодӣ ........ 91

Мактаби Маҳатма Гандӣ........................................ 93
Офарин, эй зан! ................................................ 95
Дарахти бева .................................................... 97
Вафои зан .......................................................... 98
Ҳабриелло .......................................................... 99
Соли асп ............................................................100
Дард ..................................................................102
Мӯсафед.............................................................103
Атри арзон ........................................................104
Забони парасту ..................................................105
Салом, эй ишқ! ..................................................106
Ниҳоли бодом....................................................107
Ман аз худ мешавам берун................................108
Тавлид................................................................109
Ҷодаи пурхатар .................................................110
Оғози Нил .........................................................111
Номи ту..............................................................112
Ба духтари меҳнат .............................................113
Даъват ...............................................................114
Дар пайравии шоири Япон Исикава Такобоку........115
Дилам парвоз мехоҳад.......................................118
Баъди қарне.......................................................120
Омурзиш ...........................................................121
Афсонаи роҳ......................................................122
Рӯзи нав ............................................................123
Ҳафт пайкар ......................................................124
Чанор ................................................................125
Оташе сӯзад вуҷудам.........................................126
Ормон ...............................................................127
Ишқи хаёлӣ.......................................................128
Оли Сомон, Оли тоҷик ......................................130
Шеъри ногуфта .................................................131
Фоли нек ...........................................................133
Шояд...? ............................................................134
Мурғи симин дар ҳаво ......................................135
Тоҷикистон........................................................137
Фарзанди шоира ...............................................139
Марде дар хиёбон..............................................142

Санги сабур ........................................ 143

РӮЗҲО-СӮЗҲО

Сурудае пеш аз қатл ........................................ 145
Шевани рӯҳи Тоҷикистон ........................................ 147
Тифли побараҳна ........................................ 149
Сӯзандон ........................................ 150
Пайғоми шоир ........................................ 151
Гиреҳи зулф ........................................ 152
Гургоштӣ ........................................ 153
Маъбуди шашдаст ........................................ 154
Хоҳам гурезам аз ишқ ........................................ 155
Дарди ишқ ........................................ 157
Дер шуд ........................................ 159
Не сафедам, не сиёҳам ........................................ 160
Ман дигар, афсонаи Лайло дигар ........................................ 161
Шаҳди фанд ........................................ 162
Беназир ........................................ 163
Зочаҳову бачаҳо ........................................ 164
Эй дил ........................................ 165
Фасли шеър ........................................ 166
Агар ман мард мебудам ........................................ 167
Чашми ту ........................................ 168
Рӯзҳо-сӯзҳо ........................................ 169
Дарё дар дил ........................................ 170
Дур аз деҳ ........................................ 171
Ба мард ........................................ 172
Ғамхӯрак ........................................ 173
Парвоз ........................................ 175
Посбони ғаллазор ........................................ 176
Ғалат гуфтам ........................................ 177
Рӯзҳои равшан ........................................ 178
Мӯмиё ........................................ 179
Себи сурх ........................................ 180
Ватан ........................................ 181
Ҳамзабонӣ ........................................ 182
Баҳори умр ........................................ 183
Дар марсияи модари май ........................................ 184

Оинаи гумшуда ........................................186
Реша ........................................187
Шиносоӣ ........................................189
Баҳр ........................................190
Эҳсос ........................................191
Танҳоӣ ........................................192
Зулфи парешон ........................................193
Баҳоро ........................................194
Соли моҳӣ ........................................195
Суруӯшон ........................................196
Эй саманди ман, куҷоӣ? ........................................197
Қасидаи сабр ........................................198
Боз сабр ........................................200
Саҷда ........................................202
Нолаи арғунун ........................................203
Хазон омад, хазон омад ........................................204
Ошиқ ........................................205
Халқи ман, бедор шав! ........................................206
Ман занам ё худ самандам? ........................................208
Навҳа ........................................210
Гӯшаи шаҳр ........................................211
Фирор ........................................213
Фармон туро́ст, эй дил! ........................................215
Ошиқ бишав ........................................216
Руҷӯи каниз ........................................217
Нони шоир ........................................218
Як рӯз ........................................219
Сабр кардам, бурд кардам ........................................221
Маризи тарсуӣ ........................................222
Хокистартеппа ........................................223
Гилае аз Ҳофиз ........................................224
Рӯъё ........................................225
Духти Нано ........................................226
Роҳи ман ........................................227
Ҷозиба ........................................228
Писарҷонам, падар шав! ........................................230
Роҳи осмон ........................................231
Боғбон ........................................233

Мо фаришта нестем ........ 235
Субҳи Душанбе ........ 236
Хуҷистамо ........ 237
Таронаи чашми сабз ........ 239
Зане дар рӯзгорон ........ 240
Ба парии илҳом ........ 241
Дуои Хизр ........ 242
Манзараи зодгоҳ ........ 243
Чиҳилҷон ........ 244
Сӯгвории падар ........ 246
Ҳафтранг ........ 247
Бӯи барф ........ 248
Дархост ........ 249
Заҳри хиёнат ........ 250
Қадр ........ 251
Хато ........ 252
Сармаст ........ 253
Дилҳои бегона ........ 254
Дар сӯгвории Мавҷуда ........ 256
Чанори жандапӯш ........ 257
Кӯҳи ғам ........ 259
Ин нури равшан аз куҷо? ........ 260
Ду пайкар ........ 261
Набояд ........ 262
Андеша ........ 263
Ниҳол ........ 264
Таронаи ҷавонӣ ........ 265
Фурӯ бурдам суханҳоро ........ 267
Дидор ........ 268
Нақши Маҷнун ........ 270
Роҳ ........ 271
Забони оташин ........ 272
Роҳи нотамом ........ 273
Пайкараи некӣ ........ 274
Заррабин ........ 275
Узр ........ 277
Ту доноӣ ........ 279
Хаёли хом ........ 280

Сояи шахси дигар ....................282
Шикор ....................283
Шеъри нав ....................284
Боғи тифлӣ ....................285
Кистам ман? ....................287
Панди зиндагӣ ....................288
Баъд аз ин ....................289
Оҳангсоз ....................290
Пайғом аз ниҳон ....................291
Модарам ....................293
Санги маломат ....................294
Чӯпонписар ....................296
Паёми баҳор ....................297
Баҳори духтарон ....................298
Саргузашт ....................299
Интизор ....................300
Сад ахтар гар шуморӣ ту ....................301
Шоир ....................302
Абри беобрӯ ....................303
Суруде барои барф ....................304
Хонаи арӯс ....................305
Манзара ....................306
Чун ёри манӣ ту ....................307
Ман гиря мекунам ....................308
Пиразан ....................309
Духтари тоҷик ....................310
Барфи кина ....................311
Изҳори ишқ ....................312
Шавқу шӯрам деҳ, Худоё ....................313
Шатранҷ ....................314
Дил гувоҳӣ медиҳад ....................315
Қадамҷои вақт ....................316
Қисмат ....................317
Забони хомӯшӣ ....................318
Хазина ....................319
Роҳи ман ....................321
Меъроҷи шоир ....................322
Баҳори парвоз ....................323

Хоҳарон ........ 324
Деҳа ........ 325
Суруди духтар ........ 326
Муаммо ........ 327
Миёни мову ту ........ 328
Фарзандталаб ........ 329
Гуфтугӯ ........ 330
Ниёиш ........ 331
Гӯри Муаззама ........ 332
Намеранҷам ........ 334
Борони шаб ........ 335
Чашми виҷдон ........ 337
Хоҳиш ........ 338
Ман хамӯшам ........ 339
Роҳи дил ........ 340
Муму ........ 341
Хаёл ........ 342
Тоҷи симин ........ 343
Инқилоби дил ........ 344
Дар ин гӯша ........ 345
Гаҳвораи шеър ........ 346
Шохборон ........ 348
Сими хамӯшӣ ........ 349
Арчаи сияҳпир ........ 350
Афсонаи ман ........ 351
Дили беғубор ........ 352
Ҳасби ҳол ........ 354
Дарё ва зан ........ 355
Рӯзи наҳсбор ........ 356
Роҳҳо ........ 357
Видоъ ........ 358
Духтари сарбоз ........ 359
Қадри инсон ........ 361

БИҲИШТИ СУХАН

Биҳишти сухан ........ 363
Дар оромгоҳи Аллома Иқбол ........ 365
Афсонаи зан ........ 369

Тоҷик нашуд сархам....................................373
Ишқро бедор бинмо ....................................374
Оҳанг ....................................375
Биҳишти мард, дӯзахи зан ....................................376
Ганҷвар ....................................377
Афсуншуда....................................378
Ҳарзабод ....................................379
Як заневу орзуҳо ....................................380
Дили урён....................................381
Арзи сипос ба Момоҳаво....................................382
Соли назму соли базм....................................383
Шеър дар лаб ....................................385
Ғунчаи бодом ....................................386
Қасд ....................................387
Гурез....................................388
Қасам....................................389
Чуғз ....................................390
Духтари омӯзгор....................................391

ҲАФТ СИТОРА
Иди арӯсон
1. Идгоҳ....................................393
2. Гӯштӣ ....................................394
3. Аттор....................................395

Ҳафт ситора
1. Ахтари наҳс ....................................397
2. Нури сурур ....................................398
3. Турки фалак ....................................399
4. Хунёгари гардун....................................400
5. Масири офтоб ....................................401
6. Дабири осмон ....................................402
7. Зарандуд ....................................403

Панҷ фасли Роғун
1. Зимистон ....................................404
2. Баҳор ....................................405
3. Тобистон ....................................406

4. Тирамоҳ.......... 407
5. Фасли дӯстӣ .......... 408

СИРИШКИ ЗАН

Чист зебоӣ?.......... 412
Болу пар.......... 413
Инсон.......... 414
Парвини ман .......... 415
Рӯди Вахш.......... 417
Баргҳо.......... 418
Шаҳсавор .......... 419
Ёди Алишер.......... 420
Ғори Девона.......... 422
Духтари замин .......... 423
Ҳамсафари худ .......... 424
Талош.......... 425
Иштибоҳи мо бубахш .......... 426
Ишқи ман .......... 427
Барои шеър месӯзам .......... 428
Сиришки зан.......... 429
Олами дил .......... 430
Марғзор.......... 431
Ба ту.......... 432
Ҷасорат .......... 433
Орзуи духтари тоҷик.......... 434
Ёр, ё дарахт? .......... 435
Корзори ишқ.......... 436
Оина .......... 437
Ҳадяи зимистон .......... 438
Сафҳаи тоза .......... 439
Эй санг! .......... 440
Шодию ғам .......... 441
Фасли андеша.......... 442
Гули танҳо.......... 443
Инсони худсоз.......... 444
Рӯ ба рӯи оина.......... 445
Муҳаббат ва сиёсат .......... 446
Духтари ҳаждаҳсола.......... 448

Хайрбод ....................................................................449
Шаҳри меҳр...............................................................450
Ганҷи бебаҳо ............................................................452
Гӯри орзуҳо ..............................................................453

ФАРЗАНДИ ШИРИН (Шеърҳо барои кӯдакон)
Овози най ..................................................................455
Зочаи хушрӯи ман....................................................456
Дарёи Сир .................................................................457
Сафедорон.................................................................458
Хоби Асоҷон гурехт..................................................459
Маҳмомо, кулча парто!............................................460
Ҳарфи сарнавишт ....................................................461
Шамол........................................................................462
Дастёр .......................................................................463
Илова .........................................................................464
Шона ..........................................................................465
Рақси кӣ зеботар?.....................................................466
Гаҳвораҷунбон .........................................................467
Мусича .......................................................................468
Собун .........................................................................469
Рӯмол .........................................................................470
Ҳадяҳои фасли сол ..................................................471
Гаҳвораи гулпаррак.................................................473
Роғун, ассалом! ........................................................474

ХАТТИ ОЗОДӢ (манзума).........................................475

БАҲОРОНРО ЧАРО ДУХТАР НАГӮЯНД?
Дубайтиҳо ................................................................492

**Зулфия Атоӣ**

**ДЕВОНИ ЗУЛФ**

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Ҳуруфчин *Зарифаи Содиќ*

Ба матбаа 16.06.2009 таҳвил гардид. Чопаш 18.06.2009 ба имзо расид. Андозаи 60х90 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 33,25. Адади нашр 750 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а

Дар матбааи ЧДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218